ISSN 9789-9985
№ 4 (52) 2021

# КАС ТОҶИКИСТОН: ИҚТИСОДИЁТ, ТАШКИЛ ВА ИДОРАКУНӢ

# АПК ТАДЖИКИСТАН: ЭКОНОМИКА, ОРГАНИЗАЦИЯ И УПРАВЛЕНИЕ

# IAC TAJIKISTAN: ECONOMICS, ORGANIZATION AND MANAGEMENT

МАҶАЛЛАИ НАЗАРИЯВӢ ВА ИЛМИЮ ИСТЕҲСОЛӢ
ТЕОРЕТИЧЕСКИЙ И НАУЧНО-ПРАКТИЧЕСКИЙ ЖУРНАЛ
THEORETIC AND SCIENTIFIC-PRACTICAL MAGAZINE



**ББК: 65.5+65.9(2 тоҷик)+41/42+44+65**
**ТДУ: 33 тоҷик+338+336+339+63+365+634**

Соли 2009 таъсис ёфтааст.

**МУАССИС:**
Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ

**САРМУҲАРРИР:**
Ҷ.С. Пиризода - д.и.и., академик

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
А.Б. Мирсаидов – д.и.и. профессор
З.Р. Шарифов – д.и.и. профессор
Т.Т. Набиев – д.и.и.
К.Н. Файзуллоева – н.и.и.
Н.И. Амиров – н.и.и.
Ш.Т. Одинаев – н.и.и., дотсент
М.Д. Шоазизова – н.и.и.
Ш.Х. Махмудова – н.и.и.
Т.Р. Ергашева – н.и.и.
**МУҲАРРИРОН:**
Қ.Ш. Шамсиев – д.и.и.
Х.М. Давлатов – н.и.и., дотсент
Г.А. Борачабова

**КОТИБИ МАСЪУЛ:**
Д.Ҳ. Ахмедов Д.Ҳ. – н.и.и.

**СУРОҒА:**
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, куч. Ҳаёти нав, 306.
Индекси почта – 734049,
E-mail: apk.tniieosp@mail.com
**Тел./факс (372) 236-37-67**

Маҷалла аз тарафи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон (№0082/МҶ аз 25.01.2017 с.) ба қайд гирифта шудааст

***Масъулият ва дақиқии маводи чопшуда ба зиммаи муаллифон вогузор аст.***

Основан в 2009 г.

**УЧРЕДИТЕЛЬ:**
Институт экономики и системного анализа сельского хозяйства ТАСХН

**ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР**
Дж.С. Пиризода – д.э.н., академик

**ЧЛЕНЫ РЕДАКЦИОННОЙ КОЛЛЕГИИ:**
А.Б. Мирсаидов – д.э.н. профессор
З.Р. Шарифов – д.э.н. профессор
Т.Т. Набиев – д.э.н.
К.Н. Файзуллоева – к.э.н.
Н.И. Амиров – к.э.н.
Ш.Т. Одинаев – к.э.н., доцент.
М.Д. Шоазизова – к.э.н.
Ш.Х. Махмудова – к.э.н.
Т.Р. Ергашева – к.э.н.
**РЕДАКТОРЫ:**
Қ.Ш. Шамсиев – д.э.н.
Х.М. Давлатов – к.э.н., доцент
Г.А. Бораджабова

**ОТВЕТСТВЕННЫЙ СЕКРЕТАР**:
Д.Х. Ахмедов – к.э.н.

**АДРЕС ДЛЯ КОРРЕСПОНДЕНЦИИ:**
Республика Таджикистан,
г. Душанбе, ул. Хаёти нав, 306.
Почтовый индекс – 734049
E-mail: apk.tniieosp@mail.com
**Тел./факс (372) 236-37-67**

Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан. (№0082/МҶ из 25.01.2017 г.)

***Авторы статей несут ответственность за содержание печатных работ.***

Sat up in 2009.

**CONSTITUTOR:**
Institute of economics and system analysis of agriculture of the Academy
of Agricultural Sciences

**EDITOR-IN-CHIEF**
S.J. Pirizoda - D. of e. s., academic

**EDITORIAL BOARD:**
A.B. Mirsaidov, D. of e. s, professor
Z.R. Sharifov - D. of e.s., professor
T.T. Nabiev - D. of e. s.
K.N. Fayzulloeva - k. of e. s.
N.I. Amirov - k. of e. s.
Sh.T. Odinaev - k. of e. s. dotsent
Sh. H. Mahmudova - k. of e. s.
M.D. Shohazizova - k. of e. s.
T.R. Yergasheva – k.of. e. s.
**EDITORS**
K. Sh. Shamsiev - D. of e. professor
M.Hk. Davlatov - k. of e. s. dotsent
A.G. Borajabova

**EXECUTIVE SECRETARY:**
H.D. Akhmedov - k. of e. s. dotsent

**ADDRESS FOR CORRESPONDENCE:**
Republic of Tajikistan.
Dushanbe city, Hayoti nav strit, 306
ZIP code – 734049
E-mail: apk.tniieosp@mail.com
Tel./fax **(372) 236-37-67**

The journal is registered in Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan
(№0082/МҶ from 25.01.2017 y.)

***The authors of the articles are responsible for the contents of the printed works.***

Суроғаи бонкӣ:
РМА: 020002287
С/ҳ : 20204972712010100002
К/Х: 22402972000002. МФО: 350101800
БАНК: Департаменти маблаггузории БДА ҶТ “Амонатбонк”

**© «КАС: Тоҷикистон: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунӣ». 2021**

# МУНДАРИҶА

**Абдуғаффор Р.** Нақши нақлиёт дар амнияти озуқавории Тоҷикистон ...................................... 4

**Мадаминов А. А., Шарипова Д. М.** Нақш ва мавқеи минтақа
дар стратегияи таъмини амнияти озуқаворӣ..................................................................................... 20

**Низомова Т. Д., Сатторов Ё. А.** Ташаккули кластерҳои агросаноатӣ - заминаи
таъмини амнияти озӯқворӣ ..................................................................................................... 26

**Шарифов З. Р., Ахмедов Д. Ҳ.** Самаранок истифодабарии замин дар соҳаи
боғу-токпарварии Тоҷикистон..................................................................................................... 33

**Шодиев Б. С.** Роль государства в развитии предпринимательской среды............................... 37

**Негматова Ш. Ғ.** Хусусиятҳои муосири танзими фаъолияти хоҷагии
хонавода ва омилҳои таъсиррасонандаи он ба рушди минтақа .................................................. 46

**Комилов Н. Б., Маҳмудова Ш.Ҳ.** Сармоягузориҳои истифодаи оқилона ва
босуботи заминҳои кишоварзӣ ........................................................................................... 54

**Муслиҳиддини Т. Б., Каримова У. Р., Исматзода С. С.** Талабот ба фондҳои асосии
истеҳсолӣ дар кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ..................................................................... 65

# CONTENTS

**Abdughaffor R.** Role of transport in food security of Tajikistan...................................................... 4

**Madaminov A. A., Sharifova M. D.** The role and place of the region
in the food security strategy.......................................................................................................... 20

**Nizomova T. D., Sattorov Y. A.** Formation of agricultural clusters:
the context of socio - economic development and food security..................................................... 26

**Sharifov Z. R., Akhmedov D. H.** Effective land use in horticulture and viticulture....................... 33

**Shodiev B. S.** The role of the state in the development of the business environment ...................... 37

**Negmatova Sh. G.** Modern features of the regulation of economic
activities and its factors affecting the development of the region ..................................................... 46

**Komilov N. B., Mahmudova Sh.H.** Investing in the rational use and sustainability of agricultural
land.................................................................................................................................................. 54

**Muslihiddini T. B., Karimova U. R., Ismatzoda S. S.** Demand for fixed assets
in agriculture of the republic of Tajikistan ........................................................................................ 65

**УДК: 656.2+338.436 (575.3)**

# НАҚШИ НАҚЛИЁТ ДАР АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРИИ ТОҶИКИСТОН

***Абдуғаффор Р.***

**Аннотатсия:** дар мақола имкониятҳои табиӣ-иқтисодиии Тоҷикистон дар таъмини амнияти озуқаворӣии аҳолии мамлакат ва ҳолати таъмини нақлиётии амнияти озуқаворӣ тадқиқ мешаванд. Пешрафти таъминоти нақлиётии амнияти озуқаворӣ дар солҳои мустақилият ва соҳибихтиёрии Тоҷикистон нишон дода шудааст. Нақши роҳҳои нав дар байни шаҳру ноҳияҳои дохили мамлакат ва кушодашавии роҳравҳои нақлиётӣ дар таъмини нақлиётии амнияти озуқаворӣии Тоҷикистон қайд шудаанд.

**Вожаҳои калидӣ:** амнияти озуқаворӣ, минтақа, роҳ, нақлиёт, автомобил, роҳи оҳан, роҳрав.

Таъмини амнияти озуқаворӣ дар марҳилаи ҳозираи пешрафти иҷтимоӣ ва иқтисодии Тоҷикистон яке аз ҳадафи стратегии рушди миллӣ мебошад. Дар таъмини амнияти озуқаворӣ дар баробари дигар чорабиниҳо оиди ҳалли ин масъалаи муҳими ҳадафи стратегӣ озуқаворӣии даркориро дар вақти даркорӣ ба ҷои даркорӣ ба истеъмолкунандаи даркорӣ дастрас кардан мебошад. Дар шароити кӯхсори Тоҷикистон ин масъала нақши калонро мебозад, чунки бисёр шаҳру ноҳияҳо бинобар сабаби дар муҳити кӯҳсор буданашон роҳҳои онҳо дар шароити душворгузар мебошанд.

Сатҳи тараққиёти иқтисодиёти миллӣ ба сатҳи тараққиёт ва характери қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолии дар ҷамъият ҳукмрон буда, зич алоқаманд мебошад. Маҳз ин ду тарафи тарзи истеҳсолот ба характери дигар муносибатҳои ҷамъиятӣ таъсири муайянкунанда мерасонанд. Кувваҳои истеҳсолкунанда бошанд дар пешрафти тарафҳои гуногуни ҷамъият нақши махсус мебозанд. Бинобар ин вобаста ба тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунанда, ҷойгиршавии онҳо дар соҳаҳо ва шаҳру ноҳияҳо, тараққиёти иқтисодиёти миллии Тоҷикистон таъмин карда мешавад.

Сарзамини Тоҷикистон дорои шароитҳои гуногуни табиӣ-ҷуғрофӣ мебошад, ки қисми зиёдро кӯҳсор (93%) ва начандонеро (7%) ҳамворӣ ташкил медиҳанд. Дар ҳамин ҷои ҳамвории мамлакат бештари аҳолӣ ҷойгиранд ва ҳиссаи зиёди неъматҳои моддӣ истеҳсол карда мешаванд. Бинобар сабаби аз маъданҳои зеризаминӣ бой будани Точикистон, махсусан кӯҳҳо, тараққиёт ва ҷойгиршавии корхонаҳои саноатии ҷумҳурӣ асосан ба боигариҳои табиӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзии худӣ алоқаманданд [1].

Шароитоҳои табиию иқлимии Тоҷикистон имконият медиҳанд, ки дар кишоварзӣ на танҳо пахтакорӣ, балки дигар соҳаҳои растанипарварӣ, аз қабили сабзавоткорӣ, мевапарварӣ ва бисёр дигар соҳаҳо низ тараққӣ ёбанд. Инчунин

чорводорӣ ҳам, махсусан гӯсфандпарварӣ, чорвои калони шохдор, мурғпарварӣ, кирмакпарварӣ инкишоф ёфтаанд.

Дар Тоҷикистон шароитҳои табиию ҷуғрофӣ ва ҷойгиршавии қувваҳои истеҳсолкунанда ҳар хел мебошанд. Қисмҳои гуногуни вай хусусиятҳои хоси худро доранд, ки пеш аз ҳама аз руи дараҷаи тараққиёти иқтисодиёташон зоҳир мегарданд. Дигар хел карда гуем, дар истеҳсолот ва истеъмолоти ҷамиятӣ онҳо нобаробар иштирок менамоянд.

Барои шарҳу баёни дурусти тараққиёт ва ҷойгиршавии қувваҳои истеҳсолкунандаи Тоҷикистон қаламрави вайро ба 7 минтақаи (ноҳияи) иқтисодӣ ҷудо кардан мумкин аст: Шимол, Зарафшон, Ҳисор, Вахш, Кӯлоб, Рашт ва Бадахшон.

Минтақаи Шимол дар ғарби водии Фарғона ҷойгир буда, шаҳру ноҳияҳои қисми шимолии вилояти Суғдро дар бар мегирад (яъне водии Зарафшон дохил намешавад). Дар қаламрави минтақа канданиҳои фоиданоки гуногун вуҷуд доранд, алалхусус қисми зиёди захираҳои ашёвии масолеҳи бинокорӣ.

Саноати минтақаи Шимол бисёрсоҳа ва тараққикарда мебошад ва ҳамаи соҳаҳои саноат – вазнин, сабук ва хӯрокворирo дар бар мегирад. Кишоварзӣ низ дар минтақаи Шимол тараққӣ карда ва бисёрсоҳа аст [2].

Минтақаи Шимол соҳиби системаи тараққикардаи нақлиёт мебошад. Роҳҳои автомобилӣ, роҳи оҳани васеъбар системаи роҳҳои заминии минтақаро ташкил медиҳанд. Минтақа аз рӯи масофаи умумии ҳамаи намудҳои роҳҳои нақлиёт, аз ҷумла роҳҳои автомобилӣ ва роҳҳои автомобилии сахт пӯшондашуда дар мамлакат мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Алоқаҳои нақлиётӣ-иқтисодии минтақаи Шимол бо дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ ва берун аз ҷумҳурӣ асосан ба воситаи нақлиёти роҳи оҳани васеъбар ва нақлиёти автомобилӣ амалӣ мегарданд.

Минтақаи Зарафшон баландкӯҳ буда, бо қаторкӯҳҳои Туркистон ва Ҳисор иҳота шудааст. Вай шаҳру ноҳияҳои Панҷакент, Айнӣ ва Мастчоҳи Кӯҳии вилояти Суғдро дар бар мегирад. Дар сарзамини минтақа захираҳои минералию ашёвӣ ва гидроэнергетикӣ мавҷуд мебошанд.

Саноати минтақа аз корхонаҳои маъданҳои кӯҳӣ ва саноати хӯрокворӣ, инчунин фабрикаҳои дӯзандагӣ, саноати маҳаллӣ иборат мебошад. Дар истеҳсоли маҳсулоти умумии кишоварзии минтақаи Зарафшон боғдорӣ, ангурпарварӣ ва зироаткорӣ тараққӣ кардаанд.

Дар қаламрави минтақа танҳо роҳҳои автомобилгард ҳастанд. Алоқаҳои нақлиётӣ-иқтисодии минтақаи Зарафшон ва минтақаи Шимол бо дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ то охири солҳои 90-ми асри 20 дар давоми сол ҳамагӣ 5–6 моҳ дар вақти гармӣ ҷой доштанд. Дигар вақтҳо (ҳангоми барфу борон) алоқаи

ин минтақаҳо ба воситаи ш. Самарқанди Узбекистон амалӣ мегардид, ки ин ҳам хароҷот ва ҳам вақти кашонданро чандин маротиба зиёд мекард.

Минтақаи Ҳисор дар қисми ҷанубии қаторкӯҳҳои Ҳисор ҷойгир аст. Вай дорои захираҳои минералию ашёӣ, аз ҷумла металлҳои ранга, захираҳои сӯзишворию энергетикӣ ва масолеҳҳои бинокорӣ мебошад.

Барои минтақа истеҳсоли маҳсулотҳои саноати мошинсозӣ, металлкоркунӣ, чӯбкоркунӣ, масолеҳи бинокорӣ, матоъҳои пахтагӣ, трикотажӣ, пашм, пойафзолбарорӣ, инчунин соҳаҳои гуногуни саноати хӯрокворӣ ва ғайра тараққӣ кардаанд. Минтақа аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта буда, бештар маҳсулоти умумии саноати мамлакатро мебарорад.

Кишоварзии минтақа бисёрсоҳа буда, махсусан растанипарварӣ тараққӣ кардааст. Дар минтақа бештари маҳсулоти умумии кишоварзии мамлакат бароварда мешавад.

Дар минтақаи Ҳисор роҳҳои автомобилгард, аз ҷумла роҳҳои автомобилгарди сахт пӯшонда, роҳи оҳани васеъбар амал мекунанд. Дар ин ҷо ҳамаи роҳҳои нақлиёти Тоҷикистон мавҷуданд.

Алоқаҳои нақлиётӣ-иқтисодии минтақаи Ҳисор бо минтақаҳои Шимол, Вахшу Кӯлоб ва ноҳияҳои берун аз ҷумҳурӣ асосан ба воситаи роҳҳои оҳани васеъбар ва қисман нақлиёти автомобилӣ, бо дигар минтақаҳо ба воситаи нақлиёти автомобилӣ мебошад. Бо минтақаҳои Бадахшон, Шимол, Зарафшон ва қисман Рашт алоқаи автомобилии минтақаи Ҳисор то охири солҳои 90-ми асри 20 характери мавсимӣ дошт ва ҳамагӣ 5–6 моҳ дар давоми сол амал мекард.

Минтақаи Вахш водии қисми поёнии дарёҳои Вахш, Кофарниҳону Панҷ ва водии Ёвонро дар бар мегирад. Вай яке аз минтақаҳои гармтарини ҷумҳурӣ ҳисоб мешавад.

Қаламрави минтақа аз канданиҳои фоиданоки зеризаминӣ бой аст ва махсусан ашёҳои химиявӣ, сӯзишворию энергетикӣ ва масолеҳи бинокорӣ аз ҷиҳати саноатӣ мароқоваранд. Дар минтақа маҳсулотҳои саноати вазнин, сабук ва хӯрокворӣ истеҳсол карда мешаванд.

Минтақаи Вахш соҳаҳои гуногуни тараққикардаи кишоварзӣ дорад ва махсусан пахтакорӣ, геранпарварӣ, лимӯпарварӣ намоён мебошанд. Дар ин ҷо бештар аз се як ҳиссаи маҳсулоти кишоварзии мамлакат истеҳсол карда мешавад.

Дар каламрави минтақа ҳамаи роҳҳои нақлиёти мамлакат мавҷуданд. Масалан, роҳҳои автомобилӣ, аз ҷумла роҳҳои автомобилии сахт пӯшонда шуда, роҳи оҳани васеъбар ҳастанд.

Алоқаҳои нақлиётӣ-иқтисодии минтақа бо ноҳияҳои берун аз ҷумҳурӣ ва бо минтақаҳои Шимолу Ҳисор ва Кӯлоб ба воситаи нақлиётҳои роҳи оҳани

васеъбар ва автомобилӣ, бо дигар минтақаҳо танҳо ба воситаи нақлиёти автомобилӣ мегузаранд.

Минтақаи Кӯлоб дар қисми ҷанубу шарқии Тоҷикистон дар байни дарёҳои Вахш, Панҷ ва Обихингов ҷойгир аст. Дар минтақа муҳимтарин боигариҳои табиӣ – намаки ошӣ, металлҳои ранга, захираҳои гидроэнергетикӣ ва газу нафт ҷойгир мебошанд.

Баъзе масолеҳҳои бинокорӣ дар минтақа истеҳсол карда мешаванд ва баъзе талаботҳо аз ҳисоби овардан аз дигар минтақаҳо, махсусан аз Ҳисор, қонеъ мегарданд.

Дар иқтисодиёти минтақаи Кӯлоб истеҳсолоти саноатӣ бисёр суст тараққӣ кардааст ва асосан ба коркарди маҳсулоти кишоварзӣ алоқаманданд. Дар истеҳсолоти маҳсулоти саноати мамлакат ҳиссаи минтақа на чандон зиёдро ташкил медиҳад. Истеҳсоли маҳсулоти саноати вазнин, сабук ва хӯрокворӣ ҷой доранд. Бояд қайд кард, ки қисми асосии маҳсулоти саноати сабуки минтақаро маҳсулоти корхонаҳои саноати пахтатозакунӣ дар бар мегиранд.

Кишоварзии минтақаи Кӯлоб ҳиссаи муайяни маҳсулоти умумии кишоврзии мамлакатро истеҳсол менамояд. Дар таркиби маҳсулоти умумии кишоварзии минтақа пахтакорӣ, чорводорӣ, инчунин ғаллакорӣ ва кирмакпарварӣ ҷои муҳимро ишғол менамоянд.

Минтақаи Кӯлоб бештар доррои роҳҳои автомобилгард, аз ҷумла роҳҳои автомобилгарди сахт пӯшонда шуда мебошад. Ҳоло минтақа бо роҳи оҳани васеъбар бевосита алоқа дорад.

Минтақаи Кӯлоб бо минтақаҳои Шимол, Ҳисор ва Вахш ба воситаи нақлиёти автомобилӣ ва роҳи оҳани васеъбар алоқа дорад. Бо дигар минтақаҳо бошад танҳо алоқаи автомобилӣ дорад.

Минтақаи Рашт минтақаи кӯҳсори қисми марказии Тоҷикистон буда, дар водии дарёҳои Сурхоб ва Обихингов ҷойгир аст. Минтақа канданиҳои фоиданоки зеризаминӣ ва захираҳои гидроэнергетикӣ дорад.

Дар минтақа дар таркиби истеҳсоли маҳсулоти умумии минтақавӣ ҳиссаи маҳсулоти кишоварзӣ баланд мебошад. Аз рӯи дараҷаи тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунанда ва истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва дар соҳаи тараққиёти кишоварзӣ низ минтақа дар мамлакат ҳанӯз нисбатан ақибмонда мебошад. Ҳамагӣ якчанд корхонаи хурдакаки коркарди чӯб ва саноати дузандагӣ амал мекунанд, ки онҳо танҳо эҳтиёҷоти худи маҳалро қонеъ мегардонанд. Дар таркиби маҳсулоти умумии кишоварзии минтақа чорводорӣ, картошкапарварӣ, боғдорӣ ва кирмакпарварӣ ҷои муҳимро ишғол менамоянд, ки алакай дар миқёси мамлакат ҳиссаи онҳо мавқеи муайян ишғол карда истодаанд.

Дар минтақаи Рашт танҳо нақлиёти автомобилӣ тараққӣ кардааст, чунки барои тараққиёти дигар намудҳои нақлиёти заминӣ бо сабаби муҳити кӯҳсор

ҳанӯз имконият нашудааст. Бинобар ин то охири солҳои 90-ми асри 20 ба бисёр ноҳияҳои минтақаи Рашт дар фаслҳои тирамоҳу зимистон ҳаракати нақлиёт душвор мегардид ва дастрас кардани маводҳои озуқаворӣ характери мавсимӣ дошт, яъне дастраси пеш аз муҳлатӣ карда мешуд.

Минтақаи Бадахшон дар қисми шарқии Тоҷикистон ҷойгир буда, қариб нисфи қаламрави мамлакатро ишғол менамояд. Дар айни замон вай аз ду қисм иборат аст - Ғарбӣ ва Шарқӣ.

Минтақа аз канданиҳои фоиданоки зеризаминии гуногун бой мебошад. Манбаи захираҳои гидроэнергетикии вай қариб аз панҷ як ҳиссаи захираҳои Тоҷикистонро ташкил медихад.

Дар Бадахшон қувваҳои истеҳсолкунанда ҳанӯз хеле суст тараққӣ кардаанд. Дар минтақа маҳсулотҳои саноатӣ ва кишоварзӣ бароварда мешаванд.

Саноат дар минтақаи Бадахшон хеле суст тараққӣ кардааст. Корхонаҳои асосии саноатӣ истгоҳҳои гидроэнергетикӣ, саноати гӯшт, шир ва маҳаллӣ мебошанд.

Дар соҳаҳои кишоварзии минтақа гӯшт, шир, пашм, пилла, ғалла истеҳсол карда мешаванд. Ҳозир боғкорӣ тараққӣ карда истодааст ва дар ин соҳа корҳо бурда шуда, инчунин картошкапарварӣ ва баъзе намудҳои дигари маҳсулотҳои кишоврзӣ парвариш шуда истодаанд.

Алоқаи наклиётӣ-иқтисодии Бадахшон ба воситаи нақлиёти автомобилӣ мегузарад. То охири солҳои 90-ми асри 20 ҳаракати нақлиёт ба минтақаи Бадахшон характери мавсимӣ дошт ва бештар аз 6-8 моҳ роҳи ҳаракати нақлиёти автомобилӣ баста мешуд. Дастрас кардани маводҳои озуқаворӣ танҳо ба воситаи сарзамини мамлакатҳои Узбекистон ва шаҳри Оши Қирғизистон мешуд.

Ҳамин тариқ, аз таҳлили тараққиёт ва ҷойгиршавии қувваҳои - истеҳсолкунандаи Тоҷикистон дида мешавад, ки онҳо дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат нобаробар ҷойгиранд. Дар натиҷа қаламрави мамлакат ба шаҳру ноҳияҳо ва дар гуруҳӣ ба минтақаҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ тараққикарда, миёна тараққикарда ва суст тараққикарда ҷудо мешаванд. Ба минтақахои тараққикарда - минтақаҳои Шимол ва Ҳисор, миёна тараққикарда – минтақаи Вахш ва сусттараққикарда – минтақаҳои Зарафшон, Кӯлоб, Рашт ва Бадахшон дохил мешаванд. Чунин ҳолати қувваҳои истеҳсолкунанда характери муносибатҳои истеҳсолӣ ва дигар муносибатҳои ҷамъиятии одамон, ба монанди таъмини амнияти озуқаворӣ, инчунин дараҷа ва сатҳи зиндагии аҳолиро низ муайян менамояд.

Минтақаҳои Шимол, Ҳисор, Вахш ва Кӯлоб имкониятҳои хуби даркориро барои алоқаи дохилию берунӣ доранд. Онҳо бо роҳи оҳани васеъбар бевосита пайвастанд ва роҳҳои дурусти автомобилгард доранд. Минтақаҳои дигар

бошанд бо роҳи оҳани васеъбар пайваст нестанд ва ҳатто роҳҳои автомобилгарди қаноатбахшкунандаро надоранд.

Таҳлил нишон медиҳад, ки соҳаҳои истеҳсолкунандаи неъматҳои моддӣ, асосан соҳаҳои саноатӣ дар минтақаҳои Шимол ва Ҳисор ҷойгиранд. Бинобар ин балансi наклиётӣ-иқтисодии мусбӣ доранд ва дигар минтақаҳо бештар молҳои даркории худро аз онҳо мегиранд.

Минтақаи Шимол аз истеҳсолоти худаш қисми муайяни талаботашро қонеъ гардонда метавонад ва нисбат ба дигар минтақаҳо хеле камтар аз берун, пеш аз ҳама аз минтақаи Ҳисор ва баъзе шаҳру ноҳияҳои Ӯзбекистон мол мегирад. Дар баробари ин, ба ин минтақа ба воситаи роҳи оҳани васеъбар аз бисёр кишварҳо молҳои гуногун бевосита оварда мешаванд.

Дар минтақаи Ҳисор дар баробари тараққӣ кардани соҳаҳои истеҳсолкунандаи маҳсулоти саноатӣ истгоҳҳои асосии молфурории роҳи оҳани васеъбари мамлакат ҷойгиранд. Ба онҳо қариб ҳамаи молҳои барои ноҳияҳои Тоҷикистон пешбинишуда, ки аз кишварҳои беруни ҷумҳурӣ меоянд, фароварда мешаванд. Бинобар ин минтақаи Ҳисор асосан аз ҳисоби истеҳсоли маҳсулотҳои саноатӣ ва кишоварзии худаш ва молҳои овардашуда барои ҳамаи минтақаҳои дигари мамлакат мол мефиристад.

Ҳамин тариқ, ҳангоми доду гирифтҳои иқтисодӣ дар байни минтақаҳо нисбати минтақаҳои Шимол ва Ҳисор минтақаҳои дигари мамлакат молгиранда ҳисоб мешаванд. Масалан, воситаҳои нақлиётии (асосан автомобилҳо) аз минтақаи Ҳисор мол баранда бештар аз се ду ҳиссаашон аз набудани бор аз дигар минтақаҳо холӣ бармегарданд, ки хароҷотҳои умумии нодаркории хоҷагиҳои миллии мамлакатро зиёд менамоянд.

Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки дараҷаи баланди тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунанда, пеш аз ҳама соҳаҳои муҳимтарини истеҳсолоти моддӣ – саноат, кишоварзӣ ва нақлиёт ба пешравии дигар соҳаҳо, аз ҷумла соҳаҳои иҷтимоӣ, моддию маишии ҷамъият, болоравии шуурнокии одамон ва умуман некӯаҳволии онҳо бевосита таъсири асосии ҳалкунанда мерасонанд. Чуноне аз нишондодҳои боло дида мешаванд, минтақаҳои Шимол ва Ҳисор, ки дар охирон пойтахти Тоҷикистон шаҳри Душанбе ҷой гирифтааст, нисбат ба дигар минтақаҳо ба маънои томаш ноҳияҳои тараққикардаи мамлакат мебошанд.

Албатта, барои чунин ранг гирифтани қаламрави ҷумҳурӣ ҳамчун сабаб бисёр омилҳои гуногунро (объективӣ ва субъективӣ) овардан мумкин аст. Вале боигарии асосии минтақаҳои тараққикарда - ин нисбатан дараҷаи баланди интеллектуалии одамонаш аст. Маҳз одамони кордону ҳунарманд, дорои ихтисосҳои баланди ҳозиразамон ва мутахассисони маърифатнок тавонистанд на танҳо соҳаҳои гуногуни саноат, балки дигар соҳаҳои иқтисодиёти миллиро низ дар асоси индустриалӣ тараққӣ диҳанд. Бисёр хуб мешуд агар барои дигар

минтақаҳо ин таҷрибаи нисбатан хело ҳам пешқадам намунаи ибрат мегардид [3].

Ҳангоми баҳо додани ҳолати иқтисоди миллии Тоҷикистон шароитҳои таърихии ба вай хос бударо низ ба ҳисоб гирифтан зарур аст. Мардуми Тоҷикистон то имруз ба ғайр аз муносибатҳои фармондиҳию амрдиҳӣ ва иҷрои онҳо дигар муносибатро амалан дар ҳаёт надидаанд. Ба сохти Ҳукумати Шуравӣ онҳо асосан бо мероси ҷамоаи қабилавию истеҳсолоти натуралӣ, муносибатҳои истеҳсолии начандон тараққикардаи ғуломдорию феодалӣ ва фақат дар баъзе ҷойҳо (қисми шимолии мамлакат) бо аввалин унсурҳои муносибатҳои капиталистӣ гузаштаанд. Ҳатто ҳозир дар баъзе ноҳияҳо бозори маҳсулоти кишоварзӣ ва умуман муносибатҳои бозаргонӣ суст тараққӣ кардаанд.

Дар солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ дар натиҷаи тақсимоти умумииттифоқии меҳнат дар Тоҷикистон асосан муносибатҳои аграрӣ тараққӣ карданд (ба ғайр аз ду шаҳри саноатӣ – Душанбе ва Хуҷанд ва якчанд корхонаҳои начандон калони саноатии аҳамияти маҳаллӣ дошта дар баъзе шаҳру шаҳракҳои ҷумҳурӣ). Аз ин ҷост, ки зиёда аз се ду ҳиссаи аҳолии ҷумҳурӣ дар соҳаҳои кишоварзӣ фаъолият доштанд. Онҳо тафаккури аграрӣ доранд ва бештар аз 90 фоизи корҳоро дастӣ иҷро мекарданд [4].

Таҷриба нишон дод, ки муносибатҳои дар заминаи истеҳсолоти саноатӣ (махсусан саноати коркардабарорӣ) дар байни одамон ба вуҷуд меомада нисбат ба муносибатҳои аграрӣ пешқадам буда ва тафаккуру ҷаҳонбинии одамон низ баланданд. Беҳуда нест, ки дар замонаш мустамликадорон дар мустамликаҳои худ асосан соҳаҳои кишоварзиро дар шакли коркарди патриархалиаш тараққӣ медоданд. Онҳо дар мустамликаҳои худ барои ба вуҷуд омадани корхонаҳои саноатӣ ва синфи коргар имконият намедоданд, чунки чаҳонбинии коргарони саноатӣ, фаҳмиши сиёсии онҳо нисбат ба деҳқонон баланд мешаванд ва аз ғуломвор бо музди ночизе ба «хӯчаинони» худ хизмат кардан даст кашиданашон мумкин аст, талабҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии худро пеш мегузоранд [5].

Аммо набояд фаромӯш кард, ки асри 20, асреро, ки дар ҳаёти ҷамъияти инсонӣ дигаргуниҳои куллие ба вучуд омаданд, паси сар кардем ва ҳозир дар ибтидои асри 21 мебошем. Табаддулоти илмӣ-техникӣ, тараққиёти воситаҳои ахбор ва ғайраҳо ба чаҳонбинии одамон таъсири худро мерасонанд. Бинобар ин дар одамон муносибатҳо на танҳо оиди истеҳсолот, балки оиди тақсимот, мубодила ва истеъмолоти неъматҳои моддӣ куллан тағйир ёфтаанд. Онҳо акнун мехоҳанд на танҳо воситаҳои хуби зиндагиро дошта бошанд, балки воситаҳои аз ҳама баланди зиндагиро, аз ҷумла маводҳои озуқавории сифатан баландтаринро истеъмол намоянд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар вақти ҳозира ва дар шароити ҳозираи ҷой дошта ягон минтақаи Тоҷикистон бо пуррагӣ мувофиқи талаботи муосир амнияти озуқавориро таъмин карда наметавонад. Барои аз чунин вазъият баровардани Тоҷикистон вазифаи муҳим дар навбати аввал аз нав кардани капитали асосии соҳаҳои истехсолӣ мебошад. Вале дар Точикистон барои чунин дигаргуниҳоро дар истеҳсолот даровардан имкониятҳо нестанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дигар мамлакатҳо, аз ҷумла собиқ ҷумҳуриҳои Иттифоқӣ муносибатҳои иқтисодии интегратсионӣ дорад ва ҳамчун субъекти мустақили бозор дар асоси мубодилаи эквивалентӣ доду гирифти молию пулӣ карда метавонад. Иқтисодиёти Тоҷикистон ба соҳибихтиёрию мустақилият бо воситаҳои истеҳсолии алакай кӯҳнаю фарсудашуда гузашт. Бинобар ин вай бисёр хароб гаштааст ва имкониятҳои иқтисодию молиявии ҷой дошта бениҳоят маҳдуданд. Ба ғайр аз як ё ду моли ашёвӣ, ба мисоли пахта ё алюминий, меваи хушк Тоҷикистон алҳол дигар моли бозоргир бароварда наметавонад. Ҳатто дар бозори дохилии мамлакат ҳам талаботи истеъмолии одамонро асосан молҳои воридотӣ таъмин мекунанд.

Дар айни замон гирифтани қарз дар кадом шаклаш набошад, ҳам қарзи пулӣ ва ҳам қарзи амалкунандаи истеҳсолӣ, дар шароити хароб будани иқтисодиёти худӣ оқибатҳои вазнин дорад. Пеш аз ҳама, масалан, қарздор шуда мондан ба мутеъияти (вобастагии) иқтисодӣ оварда мерасонад, ки ин як шакли ба вуҷуд омадани навмустамликадорӣ мебошад.

Бинобар ин дар чунин ҳолат зарур аст, ки имкониятҳо ва захираҳои дохилии худи Тоҷикистонро дар навбати аввал мувофиқи мақсад истифода барем. Барои ин ногузир аст, ки тарзи хоҷагидорӣ, тарзи давлатдориро дар мамлакат дигар намоем. Дигар хел карда гӯем, муносибатҳои истеҳсолӣ ва дар асоси онҳо дигар муносибатҳои ҷамъиятиро низ бояд мувофиқи талаботҳои пешрафтаи иқтисодиёти бозорӣ дар шароити ҳозира тағйир диҳем.

Шароити имрӯза талаб менамояд, ки ба ҷои муносибатҳои истеҳсолии ба системаи маъмурӣ-амрдиҳии хоҷагидорӣ хос буда муносибатҳои истеҳсолии ба методҳои иқтисодии хоҷагидорӣ хос буда, яъне иқтисодиёти бозорӣ, тараққӣ дода шаванд. Муносибатҳои бозаргонӣ ифодаи тарзи иқтисодии хоҷагидорӣ мебошанд. Мувофиқи ин субектҳои бозор, яъне звеноҳои хоҷагӣ ва дигар харидорону фурушандаҳо бояд мустақилияти иқтисодӣ дошта бошанд, то ин ки масъалаҳои истеҳсолӣ ва тиҷоратиашонро худашон ҳал намоянд. Доду гирифт дар байни онҳо аз рӯи нархи бозорӣ мегузарад. Бояд чунин рафтор дар бозор ҳукумрон гардад, ки ҳар як иштирокчӣ қоидаҳои бозии бозориро риоя намояд.

Барои васеъ кардани имкониятҳои доду гирифти ҳар минтақа, шаҳру ноҳияҳои мамлакат бо мақсади соҳиб шудани амнияти озуқавории онҳо ташкили таъмини нақлиётӣ муҳим аст. Дар айни замон бояд қайд кард, ки дар

шароити кӯҳсор ва иқлими гуногуну мушкили Тоҷикистон сохтмони нақлиёт дар минтақаҳои вай бо душвориҳо ба амал омаданд.

Системаи нақлиёти Тоҷикистон дар шароитҳои ба худ хосе ба вуҷуд омадааст, ки таъсири вай ба ҳолати ҳозираи нақлиёт ва имкониятҳои тараққиёти минбаъдаи вай бе таъсир намемонад. Ин, пеш аз ҳама, бо сабаби бо кӯҳҳои сарбаланд иҳота будани сарзамини Тоҷикистон техникаи сохтмони нақлиётӣ дар бисёр минтақаҳои кишвар хеле бо душворӣ истифода карда мешавад, инчунин роҳҳои системаи нақлиёт дар вақти ниҳоят кутоҳу ноилоҷи таърихӣ ба вуҷуд омаданд, ки дар натиҷа роҳҳои бисёр душворгузар пайдо шуданд. Дар тараққиёти минбаъдаи нақлиёт таҷдид ва такмилдиҳии техникии роҳҳо бо баъзе сохтмонҳои нав афзалият доранд.

Дар натиҷаи таъсири инҳо ва баъзеи дигар омилҳои табиӣ-иқлимӣ ҳолати муносибатҳои иқтисодӣ-нақлиётӣ дар Тоҷикистон то солҳои 2000-м чунин вазъиятро доштанд:

- роҳҳои нақлиётӣ дар сарзамини Тоҷикистон нобаробар ҷойгир мебошанд, ки дар натиҷа баъзе минтақаҳо соҳиби роҳҳои қаноаткунанда гардидаанд (минтақаҳои Шимол ва Ҳисор), баъзеи дигар дар ҳолати миёнаанд (минтақаҳои Вахш ва Кӯлоб) ва дигар минтақаҳо роҳҳои душворгузар доранд (минтақаҳои Зарафшон, Рашт ва Бадахшон);

- бо сабаби номунтазамии (мавсимии) кори нақлиёт дар самтҳои ҷудогонаи кишвар (маҳкам шудани баъзе ағбаҳо дар мудати 6-8 моҳ) дастрас кардани маводҳои озуқаворӣ ба баъзе минтақаҳо (минтақаҳои Зарафшон, Рашт, Бадахшон ва баъзе ноҳияҳои кӯҳии минтақаи Кӯлоб) пеш аз муҳлат амалӣ карда мешуд;

- душвории ҳаракати нақлиёт барои минтақаҳои зиёди Тоҷикистон корҳои дастрас кардани маводҳои озуқавориро мушкил мегардонад, ба монанди мураккабии гузарондани борҳоро аз як намуди нақлиёт ба дигараш ва бисёр вақт чандин карата зиёд мекунад;

- ҳолати ғайриқаноатбахши роҳҳои ҷудогона на танҳо дастрас кардани маводҳои озуқавориро душвор мекунад, инчунин талаф ёфтан ва корношоям шудани маводҳоро зиёд мекунад, ки дар натиҷа, албатта, амнияти озуқавориро суст мегардонад;

- Тоҷикистон дар ҳолати бумбасти нақлиётӣ қарор дошт, ки барои ба беруни Тоҷикистон баромадан ва ба Тоҷикистон ворид шудан танҳо аз як ҷо (ба воситаи сарзамини Узбекистон) роҳи оҳан ва роҳи автомобилӣ буданд, ҳатто дохили Тоҷикистон ба се қисмат ҷудо буд, ки байни ҳамдигар алоқаи доимии нақлиётӣ карда наметавонистанд.

Пайдоиш ва тараққиёти системаи нақлиёти Тоҷикистон бо барқарор шудани Ҳокимияти Шӯравӣ дар солҳои 20-м ва 30-ми асри 20 алоқаманд

мебошанд. Дар солҳои истиқлолият ва соҳибихтиёрии Тоҷикистон чорабиниҳо оиди таҷдид, васеъкунӣ ва беҳдошти роҳҳо асосан дар натиҷаи сохтани роҳҳои нав ва ҷорӣ кардани воситаҳои такмилёфтаи нақлиёт гузаронида мешаванд. Чорабиниҳои созандагии нав имконият доданд, ки масъалаи маводҳои озуқавории зарурӣ дар вақти зарурӣ ба ҷои зарурӣ дастрас кардан то дараҷае роҳҳои ҳалли худро ёбанд.

Дар солҳои 90-ми асри 20-м новобаста ба душвориҳои давраи гузариш дар солҳои аввали истиқлолият ва соҳибихтиёрии Тоҷикистон роҳи автомобилгарди Кӯлоб – Қалъаихум ва роҳи оҳани Қурғонтеппа – Кӯлоб (охири соли 1999) сохта ба истифода дода шуданд. Дар натиҷаи ба истифода дода шудани роҳи оҳани Қурғонтеппа – Кӯлоб бисёр шаҳру ноҳияҳои қисми шимолӣ, марказӣ ва ҷанубии мамлакат байни ҳамдигар ба воситаи роҳи оҳан алоқаманд гаштанд. Бо ёрии ин роҳ муносибатҳо оиди дар ҳаҷми даркорӣ дар вақти зарурӣ ба ҷои зарурӣ дастрас карда тавонистани маводҳои озуқаворӣ хеле такмил ёфтанд. Бо ба истифода додани роҳи автомобилгарди Кӯлоб – Қалъаихум номунтазамии (мавсимии) кори нақлиёт дар байни Вилояти автономии Бадахшони кӯҳӣ ва дигар минтақаҳои Тоҷикистон оиди кашондани маводҳои озуқаворӣ аз байн рафт.

Дар вақти ҳозира Тоҷикистони соҳибистиқлол ва соҳибихтиёр метавонад барои дастрас кардани мавоҳои озуқаворӣ бо дигар мамлакатҳо ва минтақаҳои олам, пеш аз ҳама, бо мамлакатҳои Осиёи Марказӣ, Ҳамкории ЕвроОсиё, Ҳамкории мамлакатҳои мустақил, Ҳамкории созмони Шанхай, Иттифоқи европоӣ ва ғайраҳо муносибатҳои доду гирифт намояд. Бо тарзи нав – аз рӯи қонунҳои иқтисодиёти бозорӣ алоқаҳои Тоҷикистон бо дигар мамлакатҳо ва минтақаҳои наздику дури ҷаҳон васеъ мегарданд, ки имкониятҳои таъмин кардани амнияти озуқавориро зиёд менамоянд.

Дар айни замон алоқаҳои нақлиётӣ-иқтисодӣ дар дохили Тоҷикистон дар байни шаҳру ноҳияҳо ва минтақаҳои вай ҳаматарафа тараққӣ ёфта истодаанд. Аз як тараф, дар байни минтақаҳои маъмурӣ – вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо, аз тарафи дигар, дар байни минтақаҳои территориявӣ-иқтисодии Тоҷикистон муносибатҳои нақлиётӣ-иқтисодӣ хеле вусъати нав мегиранд. Чунин ҳолатҳои ба вуҷуд омада нақши нақлиётро дар амнияти озуқавории мамлакат васеъ мекунанд.

Бо мақсади ба роҳ мондани муносибатҳои бозаргонӣ дар байни минтақаҳои дохили Тоҷикистон ва бо дигар мамлакатҳо ва минтақаҳои ҷаҳон оиди таъмини амнияти озуқаворӣ чорабиниҳо барои васеъ кардани роҳҳои системаи нақлиёти Тоҷикистон гузаронида мешаванд. Бо назардошти ин дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии

Тоҷикистон 16 апрели соли 2005 қайд шуда буд, ки дар соҳаи нақлиёт сохтмони объектҳои стратегии муҳим давом меёбанд [6].

Бо мақсади сохтан ва таҷдиди роҳҳои автомобилӣ дар сарзамини минтақаҳои кишвар, бавуҷудоварии алоқаҳои муътадили нақлиётӣ-иқтисодӣ дар байни онҳо ва барои баромадан ба дигар мамлакату минтақаҳои ҷаҳон Ҳукумати Тоҷикистон бо ҷалби институтҳои молиявии байналмилалӣ ёздаҳ лоиҳаҳоро дар ҳаҷми 354 миллион сомонӣ амалӣ намуд. Дар соли 2005 таҷдиди роҳи автомобилии Душанбе - Қурғонтеппа – Кӯлоб, сохтмони навбати аввали роҳи автомобилии Шағон-Зиғар, Шкев-Зиғар ба охир расиданд [7]. Анҷом ёфтан ва ба истифода дода шудани роҳҳои номбурда имконият доданд, ки байни шаҳру ноҳияҳои Вилояти автономии Бадахшони кӯҳӣ ва дигар минтақаҳои Тоҷикистон роҳи магистралии автомобилии доимо амалкунанда кушода шавад, ки ин дар таъмини амнияти озуқавории мамлакат нақши муҳим дорад.

Дар шароити дохил шудани Тоҷикистони соҳибистиқлол ва соҳибихтиёр ба бозор ва иқтисодиёти ҷаҳонӣ талабот ба маводҳои озуқаворӣ меафзояд. Бинобар ин таъмин намудани алоқаҳои шабонарӯзии нақлиётӣ дар байни ҳамаи минтақаҳои мамлакат ва шоҳроҳҳои коммуникатсионии байналмилалӣ аҳамияти калон дорад. Бо назардошти ин дар вақти ҳозира таҷдиди интенсивонии роҳҳои кӯҳнаи оҳан ва автомобилии мамлакат ва сохтмони нави онҳо рафта истодаанд. Нақбҳои Истиқлол (Анзоб), Шар-Шар, Шахристон, Хатлон (Чормағзак) сохта ва ба истифода дода шуданд.

Роҳи автомобилгарди Душанбе – Хуҷанд – Чанак роҳи муҳимтарин барои таъмини алоқаҳои ноҳияҳои минтақаи шимолии Тоҷикистон бо ноҳияҳои минтақаҳои марказӣ, ҷанубӣ ва шарқии мамлакт мебошад. Инчунин вай ҳамчун роҳрави транзитӣ барои баромадан ба беруни мамлакат ба воситаи сарзамини Узбекистон нақши муҳим мебозад. Барои ҳамин аз ҳисоби ҷалби инвеститсияҳои хориҷӣ ин роҳи автомобилгард аз нав карда шуд, ки бо истифодаи ин роҳ имконияти аз минтақаҳои дигари мамлакат ва берун аз мамлакат ба шаҳру ноҳияҳои минтақаҳои Шимолу Зарафшон ворид кардани маводҳои озуқаворӣ, инчунин ба воситаи ин роҳ кашондани транзитии маводҳои озуқаворӣ ба дигар минтақаҳо васеъ мегарданд.

Бо ҷалби инвеститсияи хориҷӣ дар ҳаҷми 72 миллион сомонӣ шоҳроҳи автомобилгарди байналмилалии Душанбе – Нуробод – Рашт - Ҷирғатол - Саритош – Ош таҷдид карда шуд [8]. Ин роҳ ҳамчун роҳрави транзитии байналмилалӣ алоқаҳои нақлиётӣ-иқтисодии минтақаҳои Тоҷикистонро барои таъмини амнияти озуқаворӣ бо Қирғизистон, инчунин ба воситаи сарзамини вай бо дигар мамлакатҳои ҷаҳон, аз ҷумла бо мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ва Федератсияи Россия васеъ мекунад.

Дар Тоҷикистон дар охири соли 2005 шоҳроҳи автомобилии байналмилалии Душанбе – Кӯлоб – Хоруғ – Кулма – Қарақорум ба истифода дода шуд. Бояд қайд кард, ки дар солҳои мустақилияти Тоҷикистон сохтмони ин роҳ яке аз дастовардҳои азими таърихии мамлакат мебошад. Бо ёрии вай байни ноҳияҳои Вилояти автономии Бадахшони кӯҳӣ ва дигар минтақаҳои Тоҷикистон алоқаҳои нақлиётӣ-иқтисодии шабонарӯзӣ таъмин карда мешаванд. Ба ғайр аз ин имкониятҳои ин роҳ – ҳамчун роҳрави нақлиётии транзитии байналмилалӣ шароит ба вуҷуд меоранд, ки ҳамаи минтақаҳои Тоҷикистон ва дигар мамлакатҳои манфиатдори ҷаҳон ба мамлакатҳои хориҷа бароянд, аз ҷумла, ба Хитой, Покистон, Ҳиндустон ва дигар мамлакатҳои минтақаи ҷанубу шарқи ҷаҳон. Чунин вазъияти нақлиётии ин роҳ амнияти озуқаворӣи бисёр шаҳру ноҳияҳои мамлакатро таъмин карда метавонад.

Дар шароити ҳозираи иқтисодиёти кушоди Тоҷикистон барои тараққиёти минбаъдаи амнияти озуқавории вай васеъ намудани роҳҳои баромад ба минтақаҳои ҷанубии ҷаҳон аҳамияти калон доранд. Баромадан ба мамлакатҳои Шарқи Наздик ва Миёна, мамлакатҳои араб ва дигарон, ба бандарҳои азими баҳрӣ ва бо ҳамин роҳ имкон ёфтан барои баромадан ба дигар минтақаҳои кураи замин аҳамияти махсус дорад. Ба ҳамин муносибат корҳои лоиҳавӣ-сохтмонӣ оиди сохтани пулҳо байни Тоҷикистон ва Афғонистон дар дарёи Панҷ гузаронда шуданд ва сохтмони онҳо дар Панҷи Поён, Фархор, Шӯробод (Шамсиддини Шоҳин), Хорӯғ, Ишкошим ба охир расиданд. Ба воситаи ин роҳҳо барои минтақаҳои Тоҷикистон роҳравҳои нақлиёти автомобилии транзитии байналмилалӣ сохта шуданд ва баромади онҳо ба воситаи сарзамини Афғонистон ба бозорҳои нав ва бандарҳои баҳрии ҷаҳон таъмин карда шуданд.

Тараққиёти муносибатсхои бозаргонӣ дар минтақаҳо ва соҳаҳои иқтисодиёти Тоҷикистон нақши нақлиётро дар амнияти озуқаворӣ бо сатҳи нав талаб мекунад. Бо ин мақсад ҳамаҷониба васеъ кардани нақлиёти роҳи оҳани мамлакат ва баромадани вайро аз ҳолати бумбастагӣ таъмин кардан муҳим мебошанд. Ҳозир Тоҷикистон танҳо як роҳи баромади нақлиёти роҳи оҳанро ба воситаи сарзамини Узбекистон ба мамлакатҳо ва минтақаҳои хориҷӣ дорад. Ҳатто дар дохили мамлакат на ҳамаи минтақаҳо байни ҳамдигар алоқаҳои роҳи оҳанро доранд. Бинобар ин оиди ҷалб кардани инвеститсияҳои хориҷӣ барои лоиҳакашӣ ва сохтмони роҳи оҳани Душанбе - Қурғонтеппа – Панҷ бо алоқамандкунӣ то Кундуз (Афғонистон) чораҳо дида мешаванд [9].

Сохтан ва ба истифода додани роҳи оҳани Ваҳдат – Ёвон роҳҳои оҳани Турсунзода – Душанбе - Ваҳдат, Шаҳртуз – Қуғонтеппа - Ёвон ва Қурғонтеппа – Кӯлобро бо ҳам мепайвандад. Ин имконият медиҳад, ки барои дастрас кардани маводҳои озуқаворӣ байни шаҳру ноҳияҳои минтақаҳои марказӣ ва ҷанубу шарқии Тоҷикистон роҳи оҳан васеъ истифода бурда шавад. Ин нақши

нақлиётро дар таъмини амнияти озуқаворechiи минтақаҳои кишвар хеле балан мебардорад.

Барои беҳбудии амнияти озуқаврии минтақаҳои қисми марказӣ ва ҷанубии мамлакат алоқаи байни минтақаҳо ва баромадани онҳоро ба роҳи оҳани нави Душанбе - Қурғонтеппа – Панҷ таъмин кардан муҳим аст. Бо ин мақсад лоиҳаи инвеститсионӣ оиди таҷдиди роҳи автомобилгарди Қурғонтеппа – Панҷи Поён кор карда шуд ва ин лоиҳа бо ҷалби сармояи хориҷӣ амалӣ гардид [10].

Дар ҳаёт тадбиқ кардани бисёр чорабиниҳои зикр шуда ва ба истифода дода шудани роҳҳои автомобилгарди Душанбе - Турсунзода, Айни – Панҷакент, Восеъ - Ховалинг ва як қатори дигар лоиҳаҳо имконият доданд, ки дар солҳои истиқлолият ва соҳибихтиёрии Тоҷикистон сарзамини ба се қисмат ҷудо будаи вай байни ҳам пайваст шаванд. Ин роҳҳои сохта ба истифода дода шуда имкониятҳои истифодаи нақлиётро дар амнияти озуқаврии минтақаҳо хеле васеъ мегардонанд.

Дар солҳои соҳибистиқлолият ва соҳибихтиёрии Тоҷикистон ба тараққиёбии соҳаҳои нақлиёти ҳавоӣ корҳои зиёде карда шуданд. Фурудгоҳҳои шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Кӯлоб ва Қурғонтеппа ба фурудгоҳҳои байналмилалӣ табдил ёфтанд. Оиди тараққӣ додани фаъолияти нақлиёти ҳавоӣ, махсуан авиатсияи хурд дар дигар шаҳру ноҳияҳои маҳаллии мамлакат ва баромадани онҳо ба хати байналмилалӣ корҳои муайян карда мешаванд. Нақлиёти ҳавоӣ на танҳо барои кашондани одамон, балки барои кашондани маводҳои озуқаврии тезвайроншаванда ва тездастраскунӣ аҳамияти бениҳоят калон дорад.

Тараққиёти ҳамаи намудҳои нақлиёт ҳамеша таҳти назари Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Бинобар ин бо назардошти на танҳо кашондани умуман борҳо ва одамон, балки барои дар вақти даркорӣ маводҳои даркории озуқавориро ба ҷои даркорӣ расондан, яъне таъмини нақлиётии амнияти озуқаворӣ ҷудо кардани маблағ ба таъмир ва нигоҳдории роҳҳои ҳамаи намудҳои нақлиёти истифодаи умумӣ меафзояд.

Дар солҳои мустақилият ва соҳибихтиёрии Тоҷикистон 38 лоиҳаҳои инвеститсионӣ амалӣ карда шуданд. Ин имконият дод, ки дар солҳои охир зиёда аз 2000 км роҳҳои автомобилгард, 175 км роҳи оҳан, 31,2 км нақбҳо ва галереяҳои нигоҳдорандаи тармаҳо, зиёда аз 240 пулҳои хурду миёнаи дарозиашон 8,2 км таҷдит, сохта ва ба истифода дода шуданд [11].

Дар вақти ҳозира системаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон нақлиёти роҳи оҳан, нақлиёти автомобилӣ, нақлиёти ҳавоӣ ва нақлиёти эктрикии шаҳриро (троллейбус) дар бар мегирад, ки ҳар кадоме дар таъмини нақлиётии амнияти озуқаврии мамлакат нақши муайни худро бозида метавонад. Дар шароити

мустақилият ва соҳибихтиёрии Тоҷикистон аз бумбасти нақлиётӣ баромадани вай ба воситаи сохтани роҳравҳои нақлиётии транзитии байналмилалӣ: дар шимол – ба воситаи сарзамини Қирғизистон, дар ғарб - ба воситаи сарзамини Узбекистон, дар ҷануб - ба воситаи сарзамини Афғонистон ва дар шарқ - ба воситаи сарзамини Хитой таъмин карда шуд. Тараққиёти минбаъдаи ин роҳравҳо такмил додани инфрасохтори онҳоро, пеш аз ҳама, сохтани марказҳои нақлиётӣ-логистикиро талаб мекунад. Терминалҳо бо таҷҳизотҳо барои боркунӣ ва борфарорӣ таъмин карда мешаванд. Инчунин майдонҳои контейнерӣ сохта мешаванд, ки дар онҳо ба нақлиёти дигар гузарондан ва пур кардани борҳо иҷро карда мешаванд. Компанияҳои экспедиторӣ тараққӣ мекунанд, ки операторони кашонданҳои мултимодалӣ ва интермодалӣ мебошанд. Барои коркарди логистикии борҳо дар марказҳои логистикӣ базаҳои истехсолӣ-техникии муосир сохта мешаванд. Истифодаи дурусти ин дастовардҳо имкониятҳои миқдорӣ ва сифатии нақлиётро дар амнияти озуқаворӣи мамлакат хеле васеъ мегардонад.

Дар солҳои мустақилият ва соҳибихтиёрии Тоҷикистон фаъолияти кори ҳамаи намудҳои нақлиёт ар таъмини амнияти озуқворӣи мамлакат ҳолатҳои гуногунро дорад. Дар солҳои 1990-м – солҳои аввали гузариш ба мустақилияту соҳибихтиёрӣ ва ба иқтисодиёти бозорӣ ҳамаи намудҳои нақлиёт ҳамчун дигар соҳаҳои ҳаёти иқтисодию иҷтимоии Тоҷикистон ба душвориҳои мураккаби давраи гузариш дучор омаданд. Дар натиҷа то охири солҳои 1990-м онҳо тамоили пастравӣ доштанд. Масалан, агар соли 1991 ҳаҷми боркашонӣ 303,1 миллион тонна ва ҳаҷми мусофирбарӣ 510,4 миллион мусофирро ташкил медоданд, он гоҳ соли 2000-м ин нишондиҳандаҳо мувофиқан 27,7 миллион тонна ва 151,4 миллион мусофирро ташкил доданд, яъне дар фаъолияти кории ҳамаи намудҳои нақлиёт – ҳаҷми боркашонӣ ва мусофирбарӣ соли 2000-м нисбат ба соли 1991 мувофиқан 10,9 ва 3,4 баробар кам шуданд. Аз соли 2001-м сар карда дар фаъолияти кории ҳамаи намудҳои нақлиёт – боркашонӣ ва мусофирбарӣ ҷонок гардиданд ва нисбат ба соли 2000-м онҳо мувофиқан 8,3% ва 13,3% афзуданд. Соли 2017-м бошад ҳаҷми ин нишондиҳандаҳо нисбат ба соли 2011-м мувофиқан – 36,5% ва 9,7% зиёд шуданд [12].

Тараққиёти муносибатҳои бозаргонӣ дар минтақаҳо ва соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон ҳамаҷониба васеъ намудани нақши нақлиётро дар амнияти озуқаворӣ талаб мекунад. Бо ин мақсад роҳҳои фаъолияти ҳамаи намудҳои нақлиёт ва такмили кори кашонда тавонистани онҳоро мувофиқан ба талаботҳои тараққиёти иқтисодиёти бозории муосир тақвият додан лозим мояд. Дар соҳаи нақлиёти роҳи оҳан сохтмони объектҳои нави роҳи оҳан дар Тоҷикистон бо имкониятҳои баромадан ба хориҷа, ба монанди Душанбе – Ҷиргатол – Саритош (Қирғизистон), Хуҷанд – Адрасмон – Истиқлол (Табошар), Панҷакент – Самарканд, дар доираи ҳамкорӣ оиди тараққиёти муносибатҳои

сетарафа байни Эрон, Афғонистон ва Тоҷикистон зарурияти тезондани сохтмони роҳи оҳани Ҷалолиддини Балхӣ – Панҷи Поён – Қундуз – Мазори Шариф – Ҳирот – Машҳад, дар доираи ҳамкорӣ оиди тараққиёти муносибатҳои сетарафа байни Афғонистон, Тоҷикистон ва Туркманистон сохтмони роҳи оҳан байни Душанбе ва Ашқобод ба воситаи сарзамини Афғонистон корҳо рафта истодаанд [13].

Барои баландбардории нақши нақлиёт дар амнияти озуқавории Тоҷикистон алоқаҳои шабонарӯзии автомобилӣ байни шаҳру ноҳияҳои вай бо баромадан ба хориҷа оиди сохтмон ва таҷдиди роҳҳои автомобилии Хуҷанд – Исфара – сарҳади Ҷумҳурии Қирғизистон, Исфара – сарҳади Ҷумҳурии Узбекистон, Қурғонтеппа - Дӯстӣ, дар доираи ҳамкорӣ оиди тараққиёти муносибатҳои сетарафа байни мамлакатҳои форсизабон - Эрон, Афғонистон ва Тоҷикистон зарурияти тезондани корҳо барои сохтмони роҳи автомобилии Панҷи Поён – Қундуз – Пули Хумри – Мазори Шариф – Шибирғон – Маймана – Ҳирот – Машҳад чораҳои зарурӣ дида мешаванд [14].

Хулоса, мувофиқан ба талаботҳои имрӯза ва ояндаи амнияти озуқавории Тоҷикистони мустақил ва соҳибихтиёр барои тараққӣ додани фаъолияти боркашонии ҳамаи намудҳои нақлиёти мамлакат корҳои муайян карда мешаванд. Чорабиниҳо ба он нигаронда шудаанд, ки фаъолияти кори намудҳои нақлиёти Тоҷикистон ҷавобгӯй ба талаботҳои муосири байналмилалӣ бошанд, то ки барои маводҳои даркории озуқавориро дар вақти даркорӣ ба ҷои даркорӣ расондан шароитҳо ва имкониятҳо таъмин карда шаванд.

**Адабиёт**


1. Рауфӣ А. Бо ваҳдат ба бозор. / Зери таҳрири умумии доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор И.А. Асроров. — Душанбе: «Дониш», 2006. - С. 10.
2. Дар ин ҷо ва минбаъд далелу рақамҳо аз рӯи маводҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифта шудаанд.
3. Рауфӣ А. Иқтисодиёти бозорӣ ногузир аст. // Ҷавонони Тоҷикистон. - 1991. - 2 март; Рауфӣ А. Бесаводии иқтисодиро маҳв бояд намуд. // Ҷавонони Тоҷикистон. - 1992. - 24 март; Рауфӣ А. Бо ваҳдат ба бозор. - С. 22.
4. Маводҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
5. Рауфӣ А. Муносибатҳои бозаргонӣ – вобастаи шароит. // Ҷавонони Тоҷикистон. – 1991. - 9 май; Рауфӣ А. Сарқонун, дастур ё... // Нидои ранҷбар. – 1992. - 2 июн.
6. Раҳмон Э. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 16 апрели соли 2005. // Ҷумҳурият. – 2005. – 17 апр.
7. Рауфи А. Транспортные коридоры и сотрудничество между регионами. // Таджикистан и современный мир. – 2016. - № 3. – С. 121.
8. Ҳамон ҷо.
9. Раҳмон Э. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 16 апрели соли 2005. // Ҷумҳурият. – 2005. – 17 апр.

10. Рауфи А. Транспорт независимого Таджикистана // Экономика Таджикистана. – 2016. - № 2-3. – С. 92

11. Ҳамон ҷо. – С.93.

12. Ҳисоби мо аз рӯи: Тоҷикистон: 20-соли истоқлилят: маҷмуи оморӣ. 2011. – Душанбе: АО назди Президенти ҶТ, 2011. – С. 542-543, 546-547; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2015. - Душанбе: АО назди Президенти ҶТ, 2015. – С. 307, 308; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2018. - Душанбе: АО назди Президенти ҶТ, 2018. – С. 327, 328.

13. Рауфи А. Транспортные коридоры и сотрудничество между регионами. // Таджикистан и современный мир. – 2016. - № 3. – С. 123-125.

14. Ҳамон ҷо.

## РОЛЬ ТРАНСПОРТА В ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ ТАДЖИКИСТАНА

***Абдуғаффор Р.***

В статье исследуются природно-экономические возможности Таджикистана в обеспечении продовольственной безопасности населения страны и состояние транспортной обеспеченности продовольственной безопасности. Показано развитие транспортной обеспеченности продовольственной безопасности за годы независимости и суверенитета Таджикистана. Отмечается роль новых дорог между городами и районами внутри страны и открытия транспортных коридоров в транспортное обеспечение продовольственной безопасности Таджикистана.

**Ключевые слова:** продовольственная безопасность, регион, дорога, транспорт, автомобиль, железная дорога, транспортный коридор.

## ROLE OF TRANSPORT IN FOOD SECURITY OF TAJIKISTAN

***Abdughaffor R.***

The article explores the natural and economic potential of Tajikistan in provision of food security of the country's population and the condition of transport provision of food security as well as the development of transport provision of food security during the years of independence and sovereignty of Tajikistan. The article also notes the role of new roads between cities and regions within the country and the opening of transport corridors in transport provision of food security in Tajikistan.

**Key words:** food security, region, roads, transport, car, rail road, transport corridor.

**Абдуғаффор Рауфӣ -** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон.. E-mail: eco_institute@mail.ru; тел. (+ 992) 918 70 12 18

**Абдуғаффор Рауфи -** доктор экономических наук, профессор Технологического университета Таджикистана. E-mail: eco_institute@mail.ru; тел. (+ 992) 918 70 12 18

**Abdughaffor Raufi -** Doctor of Economic Sciences, Professor of the Technological University of Tajikistan. E-mail: eco_institute@mail.ru; ph. (+ 992) 918 70 12 18

**УДК:546.45.23**

# НАҚШ ВА МАВҚЕИ МИНТАҚА ДАР СТРАТЕГИЯИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ

***Мадаминов А. А., Шарипова Д. М.***

***Анотаттсия:*** *Дар мақола муаллиф дар бобати истифодабарии самараноки иқтидори идоракунии иқтисодии минтақаи Суғдро дар стратегияи таъмини амнияти озуқаворecho Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намудааст.*

***Вожаҳои калидӣ:*** *иқтидори иқтисодиёти минтақавӣ, амнияти озуқаворӣ, захира ва норасоиҳо, стратегия, амнияти озуқаворӣ.*

Таъмини амнияти озуқавории кишвар яке аз ҳадафҳои стратегии Ҳукумити Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Барои расидан ба ин ҳадаф қабули барномаҳо ва санадҳо нақши муҳим дошта, барои кишвари мо, ки 93 фоизи ҳудудашро кӯҳҳо ташкил мекунанд, таъмини амнияти озуқаворӣ нақши калидӣ дорад. Аз ин рӯ, бо дастуру супоришҳои Пешвои миллат истифодаи самаранокии замин, рӯёнидани ду ва зиёда аон ҳосил аз заминҳои обӣ омили асосии ҳалли ин масъала ба ҳисоб мераз вад.

Вилояти Суғд яке аз минтақаҳои аз лиҳози иқтидори саноативу кишоварзӣ бузурги Тоҷикистон буда, бо дастгирии Ҳукумати мамлакат рушди бомароми соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии он таъмин шуда истодааст.

Ба “истифодаи самараноки замин” қитъаҳои ғайристеҳсоли кишоварзии минтақаи Суғд тааллуқ доранд.

Баланд бардоштани самаранокии истифодаи иқтидори иқтисодиёти минтақавӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ бо се роҳ имконпазир аст:

• воридкунии сиёсати ивазкунии воридоти маҳсулоти озуқаворӣ;

• дар иқтисодиёти минтақа истифода бурдани тарзҳо ва усулҳои инноватсионии истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ;

• беҳтар кардани самаранокии истифодаи иқтидори иқтисодиёти минтақа ва сармояи хусусӣ дар истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ.

Таносуби масоҳати умумии заминҳо дар ҷумҳурӣ ва вилояти Суғд нишон медиҳад, ки дар вилоят захира дар шакли заминҳои истифоданашуда вуҷуд дорад. Ин иқтидори минтақа дар стратегияи таъмини амнияти озуқаворӣ мебошад.

**Ҷадвали 1.**

**Таносуби масоҳати умумии замин ва таъиноти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вилояти Суғд (ҳазор гектар)**

| Солҳо | | 2015 | % | 2016 | % | 2017 | % | 2018 | % | 2019 | % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | масоҳати умумии замин | 14260 | 100 | 14260 | 100 | 14260 | 100 | 14260 | 100 | 14260 | 100 |
| | майдони кишт | 860,1 | 6,0 | 864,9 | 6,1 | 828,4 | 5,8 | 830,6 | 5,8 | 837,3 | 5,8 |
| Вилояти Суғд | масоҳати умумии замин | 2518,6 | 100 | 2518,5 | 100 | 2518,5 | 100 | 2518,5 | 100 | 2518,5 | 100 |
| | майдони кишт | 265,5 | 10,5 | 270,0 | 10,7 | 264,6 | 10,5 | 268,4 | 10,6 | 270,5 | 10,7 |

***Ҳисобҳои муаллифӣ аз рӯи**: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд. - 2020 . - С.7.*

Қитъаҳои замини вилояти Суғд ба пуррагӣ истифода карда нашудаанд, ки дар зер инъикос карда мешавад.

**Ҷадвали 2.**

**Масоҳати умумии кишт ва иқтидори афзоиши истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ дар вилояти Суғд бо (ҳазор га)**

| Солҳо | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| вилояти Суғд | 2015 | | 2016 | | 2017 | | 2018 | | 2019 | |
| | Га | в % | Га | в % | га | в % | га | в % | га | в % |
| Майдони кишт | 265500 | 10,5 | 270000 | 10,7 | 264600 | 10,5 | 268400 | 10,6 | 270900 | 10,7 |
| Истифоанашуда | 11798 | 4,4 | 8996 | 3,3 | 6496 | 2,5 | 4036 | 1,5 | 3248,8 | 1,20 |
| аз ҷумла, бо мавҷудияти об воды | 8511 | 3,2 | 7230 | 2,7 | 5014 | 1,9 | 3707 | 1,4 | 3119,5 | 1,15 |

***Ҳисобҳои муаллиф аз рӯи:** Маълумоти Кумитаи замин ва геодезии вилояти Суғд 2015–2020.*

Дар ҷадвал 2, нишон дода шудааст, ки 1,20% заминҳои вилояти Суғд истифода намешаванд. Аз он 1,15% замини обӣ, яъне имконияти об мондан вуҷуд дорад. Ин маънои онро дорад, ки имкони вилояти Суғд барои зиёд кардани истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ мавҷуд аст.

Истифодаи нокифояи замин, ғайриқаноатмандӣ аз эҳтиёҷот ва талабот ба озуқаворӣ, яъне истифода нашудани иқтидори минтақа, ҷорӣ кардани сиёсати ивазкунии воридоти маҳсулоти озуқавориро маҷбур месозад.

Аз ин рӯ, дар заминаи мавзӯи таҳқиқот, бояд қайд кард, ки ивазкунии воридоти маҳсулоти хӯрокворӣ ба пуррагӣ барои ҳамаи намудҳо бо сабабҳои объективӣ ва субъективӣ ғайриимкон аст.

Ин ҳолат татбиқи барномаи давлатии мусоидат ба ивазкунии содирот ва воридот (аз ҷумла маҳсулоти хӯрокворӣ)-ро мушкилтар мегардонад, зеро дар

кишвар захираҳо ва имкониятҳои воқеии ивазкунии воридоти намудҳои алоҳидаи маҳсулоти хӯрокворӣ мавҷуданд.

Дар ин маврид, такя ба таҷрибаи кишварҳои пешрафта муҳим аст. Мисол:

Тавре, ки таҷрибаи Руссия нишон медиҳад, пас аз он, ки нисбати он санксияҳои гуногун дар бахшҳо ва соҳаҳои гуногун татбиқ карда шуданд, аз ҷумла дар воридоти маҳсулоти озуқаворӣ, истифодаи сиёсати ивазкунии воридот оқилона зарур аст.

Ин сиёсати ивазкунии воридоти маҳсулоти озуқаворӣ дар Руссия чӣ гуна натиҷа дод?

1. Қобилияти “тоб овардан, муҳофизат ва наҷот”-и саноати истеҳсолӣ ва хӯрокворbooии истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ ва кишоварзии кишвар дар рақобат бо ширкатҳои пурқудрати ҷаҳонӣ, кишварҳо дар истеҳсол ва таҳвили маҳсулоти хӯрокворӣ дар бозорҳо.

2. Бозори истеъмолии маҳсулоти озуқаворӣ аз ҳаҷм ва намудҳои маҳсулоти озуқаворӣ аз "норасоӣ" азият накашидааст.

3. Хоҷагии қишлоқ дар шароити сиёсати протексионистӣ тавонист истеҳсолотро аз нав танзим кунад ва ивазкунии воридоти маҳсулоти хӯроквориро таъмин намояд. Иваз намудани воридот метавонад умуман воридоти маҳсулоти озуқавориро барои тамоми намудҳои хӯрок пурра иваз карда натавонист, аммо ягон “камбудӣ” ва “монеаҳо” ҷой надоштанд.

4. Ҷараёни воридшавии сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ афзоиш ёфт, зеро барои истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ, як қатор имтиёзҳо ва додани қарзҳои мақсаднок муқаррар карда шудаанд.

Ин таҷриба метавонад дар рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шавад.

Ба ақидаи мо, истифодаи таҷрибаи Руссия дар масъалаи иваз кардани воридот имконпазир аст ва ба манфиатҳои миллӣ мухолифат намекунад. Ғайр аз он, дар минтақа иқтидори муносиб барои татбиқ дар иқтисодиёт мавҷуд аст.

Такмил додани ҷараёни иваз намудани воридоти озуқаворӣ ҳамчун роҳи ба даст овардани амнияти озуқавории кишвар дар иқтисоди бозаргон - ҳадафи кафолати дастрасии бештар ё камтар доимии мавҷудияти зарурии ҳаҷмҳо барои намудҳои асосии озуқаворӣ, ки эҳтиёҷоти аҳолиро таъмин мекунанд.

Дар ниҳоят, ҳадафи асосии ҳама ислоҳоти иқтисодӣ - беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолӣ, табақаҳои ҳама гуруҳҳо аҳоли мебошад. Ин раванд метавонад дар ҳалли масъалаи вобастагӣ аз воридоти озуқаворӣ кӯмак кунад.

Ба назари мо, ин талаб менамояд:

1. Муайян намудани иқтидор ва имкониятҳои хоҷагии қишлоқи минтақа дар истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ;

2. Муайян намудани иқтидор ва имкониятҳои соҳаи кишоварзӣ дар коркарди маҳсулоти кишоварзӣ;

3. Қабули барномаи давлатии нави амнияти озуқаворӣ дар кишвар.

Захираҳои муайяни ивазкунандаи воридоти маҳсулоти озуқаворӣ дар вилояти Суғд вуҷуд доранд, зеро афзоиши истеҳсоли онҳо мушоҳида карда мешавад. Ҳамин тавр, дар соҳаи коркарди маҳсулоти вилояти Суғд дар соли 2019 истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ, аз ҷумла нӯшокиҳо ва тамоку афзоиш ёфтааст, ки 2493345,0 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Дар моҳҳои январ-декабри соли 2019, истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ дар минтақа 31,9%, аз ҳисоби 2,7 маротиба зиёд шудани истеҳсоли орд, нон ва маҳсулоти нонӣ 17,2%, маргарин 5,6% ва гӯшт 6,0%, нӯшокиҳои ғайриспиртӣ 3,8%.

Афзоиши истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ ба зиёд шудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар вилояти Суғд - 29,9% дар бахши истеҳсолӣ оварда расонид.

Барои ҳалли мушкилоти истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ дар вилояти Суғд иқтидори кофии табиию иқлимӣ мавҷуд мебошад, аммо набудани технологияҳои муосири истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ дар минтақа ва дар ҷумҳурӣ ба тадриҷ аст.

Аз ин рӯ, барои ташкил ва такмил додани ҷараёни иваз намудани воридоти маҳсулоти озуқаворӣ бояд технологияҳои баландихтисоси хориҷӣ истифода карда шавад. Аммо, на ҳама корхонаҳо имкони ба даст овардани онҳоро доранд, яъне. муносибатҳои истеҳсолӣ ба сатҳ ва хусусияти рушди қувваҳои истеҳсолкунанда мувофиқат намекунанд. Аслан, хоҷагии қишлоқи минтақа дорои иқтидори қонеъгардонии эҳтиёҷоти озуқаворspringии худ дар шароити иқтисоди бозорӣ мебошад. Ин маънои онро дорад, ки меҳвари асосии ивазкунии воридот дар Тоҷикистон бояд бозори озуқаворӣ бошад. Дар ин замина, иваз намудани воридоти маҳсулоти ғизоӣ афзалиятнок аст.

Албатта, дар иваз кардани воридоти маҳсулоти хӯрокворӣ бо ивазкунии маҳсулоти истеҳсолӣ фарқиятҳо мавҷуданд.

Воридоти молҳои истеҳсолӣ (зершӯъбаи 1 истеҳсоли ҷамъиятӣ) сармоягузориҳои калонро талаб мекунад, ки дар шароити иқтисодиёти бозаргонӣ дар вилояти Суғд ва Ҷумҳурии Тоҷикистон на ҳама вакт имконпазир аст. Аз ин рӯ, танҳо як роҳ вуҷуд дорад - иваз кардани воридоти озуқаворӣ ҳадди ақал он навъи маҳсулоти хӯрокворӣ, ки ба миқдори кофӣ дар минтақа ва дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсол мешаванд ва ба истеҳсолкунандагони маҳсулоти хӯрокворӣ имтиёз медиҳанд.

Ташкили ивазкунии воридоти маҳсулоти озуқаворӣ дар шароити вобастагии калони воридотии бозори миллӣ роҳи ягонаи таъмини амнияти

озуқавории кишвар ва коҳиш додани вобастагии воридоти озуқаворӣ дар иқтисоди бозорӣ мебошад. Истифодаи имкониятҳои мавҷудаи истеҳсоли озуқаворӣ дар иқтисодиёти минтақа ва миллӣ гардиши даромад ва хароҷоти аҳолиро суръат мебахшад.

Таҳлили сохтори хароҷоти истеъмолии аҳолӣ дар ҷумҳурӣ нишон медиҳад, ки зиёда аз 65% хароҷоти озуқаворӣ мебошанд.

Бояд таъкид кард, ки хароҷоти аҳолии ҷумҳурӣ ба динамикаи даромад таъсир мерасонанд, яъне агар хароҷоти аҳолӣ ба даромади истеҳсолкунандагони ватанӣ табдил ёбад, яъне агар самараи фузунсоз кор кунад, он гоҳ самараи ивазкунии воридот аз рӯи принсипи суръатдиҳанда зиёд мешавад.

Дар баробари ин, агар даромадҳои бадастомада барои хариди воситаҳои истеҳсолот равона карда шуда бошанд, дар оянда вобастагии ҷумҳурӣ аз воридоти маҳсулоти озуқаворӣ якбора кам карда мешавад. Барои ин, дар маҷмӯъ соҳаи кишоварзиро тараққӣ додан зарур аст.

Ба ақидаи мо, ҳангоми интихоби соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт дар шароити иқтисоди бозаргонӣ, мо бояд ба соҳаи кишоварзӣ (шароити табиӣ ва иқлимӣ ва қобилияти аҳолӣ барои кор дар ин бахш самаранок аст) ва саноати сабук афзалият диҳем.

Татбиқи иқтидори иқтисодиёти минтақа, сиёсати ивазкунии воридот ва истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ ба таъмин намудани амнияти озуқаворӣ мусоидат хоҳад кард. Ин ба рақобатпазирии истеҳмоли маҳсулоти озуқаворӣ аз ҷониби истеҳсолкунандагони ватанӣ таъсири назаррас дорад. Барои ин барномаи давлатӣ оид ба иваз кардани воридоти маҳсулоти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст.

Агар чунин барнома вуҷуд надошта бошад, пас интизор шудани паст шудани нархи озуқаворӣ арзанда нест ва вобастагии озуқаворӣ коҳиш намеёбад, яъне амнияти озуқавории кишвар таъмин карда намешавад. Барои истифодаи пурраи иқтидори кишоварзии иқтисодиёти минтақа, барои иваз кардани воридоти озуқаворӣ ҳамчун омили таъмини амнияти озуқаворӣ зарур аст:

1. Сармоягузории мақсаднок ба соҳаи кишоварзии минтақа ва ҷумҳурӣ дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ: "Дар ду соли охир аз тамоми манбаъҳои сармоягузорӣ ба иқтисодиёти кишвар 22 миллиард сомонӣ равона карда шудааст, ки аз он 6 миллиард маблағҳои лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ мебошад".

2. Пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок;

3. Имтиёзҳои андоз;

4. Амалӣ намудани сиёсати муайяни протексионизм дар соҳаи кишоварзӣ;

5. Истифодаи технологияҳои инноватсионии истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ;

6. Истифодаи самарабахши имкониятҳои мавҷудаи соҳаи кишоварзӣ дар минтақа ва истифодаи иқтидори хоҷагиҳои хусусӣ, зеро қисми зиёди маҳсулоти дар бозорҳои дохилии ҷумҳурӣ фурӯхташуда дар заминҳои ёрирасони аҳолӣ ва хоҷагиҳои деҳқонии хурд истеҳсол карда мешаванд.

Тибқи ҳуҷҷатҳои барномавӣ, ҳиссаи бахши хусусӣ дар ҳаҷми умумии сармоягузорӣ то соли 2022 дучанд хоҳад шуд" [1].

Ҳамин тариқ, ҷорӣ намудани сиёсати ивазкунии воридоти маҳсулоти озуқаворӣ, истифодаи тарзҳо ва усулҳои инноватсионии истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ дар иқтисоди минтақа ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи иқтидори иқтисодиёти минтақа ва сармояи хусусӣ дар истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ, нақши минтақаро дар таъмини амнияти озуқаворӣ дар маҷмӯъ тақвият медиҳад.

Тоҷикистон дорои захираҳои бузурги об буда, барои таъмини аҳолӣ бо оби босифати ошомиданӣ тадбирҳои муҳим андешида мешавад. Ҳукумат дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд тадбиқи 17 лоиҳаҳои давлатии сармоягузориро дар самти обтаъминкунии аҳолӣ дар ҳаҷми 2,6 млрд. сомонӣ оғоз намудааст, ки 55 % онҳо то имрӯз амалӣ гардидаанд. Дар даврони истиқлодият самти кишоварзӣ ва обёрии замин 35 лоиҳа бо маблағи умумии 5,4 млрд. сомонӣ тадбиқ шуда истодааст.

Пешвои миллат ба ҳалли масъалаи амнияти озуқаворӣи кишвар ҳамеша таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд ва ба ин соҳа маблағҳои зиёд ҷудо карда мешавад.

**Адабиёт**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷаллаи халқӣ. 26.01.2021с.

2. Маълумотҳои кумитаи замин ва геодезия дар вилояти Суғд 2015-2020 с.

3. Солонаи омори вилояти Суғд // Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, - 2020.

4. Умаров Х.У. Продовольственная безопасность в Таджикистане перспективы и препятствия [Электронный ресурс] /Х.У.Умаров//AsiaPlus.-2015.-№79.-Режим доступа:htpp://asiaplus/79(1062)2015/79.html.

5. Глазьев С.Ю. Лосков, В.В. Оценка предельно критических значений показателей состояния российского общества и их использование в управлении социально-экономическим развитием. // Экономические и социальные перемены: факты, тенденции, прогноз. - 2012. - №4(22) - С. 22-41.

## РОЛЬ И МЕСТО РЕГИОНА В СТРАТЕГИИ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ

***Мадаминов А. А., Шарипова М. Д.***

***Аннотация:*** *в статье автор рассматривает вопросы эффективного использования управленческого потенциала экономики Согдийской области в стратегии продовольственной безопасности Республики Таджикистан.*

***Ключевые слова:*** *экономический потенциал региона, продовольственная безопасность, запасы и дефицит.*

## THE ROLE AND PLACE OF THE REGION IN THE FOOD SECURITY STRATEGY

***Madaminov A. A., Sharifova M. D.***

**Annotation:** In the article the author discusses the effective use of the economic management potential of the Sughd region in the strategy of food security of the Republic of Tajikistan.

**Keywords:** regional economic potential, food security, stocks and shortages.

**Маълумот дар бораи муаллифон:**

**Мадаминов А. А**. – д.и.и., профессори кафедраи менеҷмент ва соҳибкории ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур; Тел: 93-980-02-02;

**Шарипова Д. М.**- н.и.и. мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони ДДХ ба номи Б. Ғафуров. Тел: 907-33-65-65

**УДК: 338.431(575.34)**

## ТАШАККУЛИ КЛАСТЕРҲОИ АГРОСАНОАТӢ - ЗАМИНАИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗӮҚВОРӢ

***Низомова Т. Д., Сатторов Ё. А.***

**Аннотатсия**: дар мақола масъалаҳои баҳогузории самаранокии кластери агросаноатӣ дар рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва таъминоти бехатарии озуқаворӣ оварда шудааст. Ба андешаи муаллиф, чунин шакли ҳамгирой дар баробари дигар шаклҳо нисбатан метавонад барои рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҳам корхонаҳои коркарди таъминкунандаи устувори минбаъдаи истеҳсолоти агросаноатӣ барои таъминоти бехатарии озӯқаворӣ қобили қабул бошад. Вазифаи кластери агросаноатӣ дар он мебошад, ки бо ҳалли масъалаҳои техникию технологӣ ва иқтисод марбут ба таъмин, ҷамъоварӣ, коркардабарории ашёи хом маҳсулоти хоҷагии кишлокро ба шакли ниҳоӣ расонад.

**Калидвожаҳо:** кластер, кластеркунонӣ, кластери агросаноатӣ, самаранокӣ, самаранокии коллективӣ, самаранокии синергетикӣ (иловагӣ), иқтисодиёти минтақа, макро-кластер, КИТТТ;

Дар шароити муосир таъминоти аҳолӣ бо маводи озуқаворӣ аз сатҳи иҷрои талаботи мардум бо маводи хӯрока дар доираи истеҳсолоти дохилӣ муайян карда мешавад. Дар ин ҷода истеҳсолоти агросаноатӣ аҳамияти беназир дошта, дар таъминоти новобастагии озуқаворӣ ва рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ аз ҳисоби дар шакли маҳсулоти тайёр расонидани ашёи хоми хоҷагии қишлоқ, таъсири

мусбӣ мерасонад.

Бо ҳамин мақсад барои баланбардории дараҷаи рақобатпазирии технологӣ, самаранокӣ ва ҳосилнокии истеҳсолоти агросаноатӣ бояд, аз чораҳои афзалиятнок истифода бурд, аз ҷумла ташкили ҳамгирой ё алоқамандии иқтисодии соҳавие, ки барои расидан ба рушди устувори иқтисодиёт махсусан корхонаҳои агросаноатӣ дар минтақаҳои алоҳида мусоидат намоянд.

Дар шароити муосир чораҳои маъмули рушди соҳавӣ ташаккул ва рушди устувори ҳамгироии соҳавӣ дар шакли кластер ба ҳисоб меравад. Кластер дар адабиёти иқтисодӣ ҳамчун комплекси саноатӣ таъриф шудааст, ки чун базаи ҳудудии шабакавӣ ташкил карда шуда, аз таъминкунанда, истеҳсолкунанда ва истеъмолкунанда таркиб ёфтааст. Асосгузори назарияи кластерҳо профессори мактаби иқтисодии Гарвард, М. Портер ба ҳисоб меравад, ки онро дар заминаи проблемаи рақобат дар иқтисодиёт дар китоби «Рақобати байналхалқӣ» истифода намуд. Ӯ кластерро дар иқтисодиёт чунин тавсиф кардааст: «Кластер маҷмуи корхонаву муассисаҳои аз рӯи фаъолият бо ҳам алоқаманди дар як маҳал ҷойгиршудаи дар қисматҳои секторҳои ҳамгиро ва ба ҳам вобаста фаъолияткунанда дар ҳар як соҳаи фаъолият мебошад» [2, с.476]. Таърифи мазкур хусусиятҳои муҳими иқтисодии кластерро, аз он ҷумла маҳалисозии миқёси фаъолият (шаҳр, ноҳия, вилоят, давлат ё байнидавлатӣ), алоқа миёни корхонаҳо (корхонаҳои хизматрасонӣ, таъминкунандаи ашёи хом, ташкилоҳои молиявӣ ва ғ.) ва робитаи байни соҳавӣ (истеҳсолот, хизматрасонӣ, молия ва ғ. ) инъикос менамояд. Хусусияти фарққунандаи кластер аз дигар шаклҳои ҳамгироии соҳавӣ ва истеҳсолӣ дар он аст, ки дар кластер на танҳо соҳаи истеҳсолот, инчунин соҳаҳои хизматрасонии таъминотӣ, идоракунандагони сифати маҳсулот ва бизнеси инноватсионӣ (илм, техникаю технология) бо принсипи "озодии фаъолият" ҳамгиро мешаванд.

Ташаккул ва рушди кластерҳо дар соҳаҳои мухталифи иқтисодӣ дар давлатҳои хориҷа ҳамчун заминаи рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ эътироф карда шудааст. Инчунин, дар бисёри давлатҳо услуб ва сиёсати кластерӣ ҳамчун заминаи муҳими фаъолияти инноватсионӣ ба назар гирифта мешвад. Таҷрибаи давлатҳое, ки кластеркунониро дар соҳаи агросаноатӣ истифода кардаанд, кластеркунонӣ соҳаи агросаноатии ин давлатҳоро имконият дод то ба зинаи нави рушди иқтисодӣ гузаранд. Инчунин стратегияҳо ва барномаҳои рушди инноватсионӣ ва кластеркунонии соҳаи агросаноатӣ аз ҷониби ҳукумати маҳалӣ коркард карда шуда ва дастгири ёфтанд. Коркарди барномаҳои давлатии кластеркунонии маҷмааи агросаноатӣ дараҷаи рақобатпазирии корхонаҳои агросаноатиро аз ҳисоби робита ва ҳамгироии байникорхонавӣ афзоиш дод.

Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон дар ҷаласаи бистуми Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ташаккули кластери агросаноатиро дар минтақаҳои ҷумҳурӣ чун занҷираи самараноки арзиши иловашуда арзёби намуда, қайд кардааст, ки «…рушди занҷираи арзиши иловашуда то маҳсулоти

ниҳоӣ дар бахши агросаноатӣ метавонад ба беҳсозии таъмини аҳолии кишвар бо неъматҳои моддӣ, рушди мутавозини иқтисодӣ, баланд бардоштани рақобатнокии иқтисоди миллӣ тавассути роҳу усулҳои мукаммалтари ташкили идоракунии равандҳои хоҷагидорӣ мусоидат намояд, ки таҷрибаи байналмилалӣ ин равандро собит намудааст» [6].

Пеш аз ҳама давлат бояд таваҷҷуҳи худро ба ташаккули кластерҳои агросаноатӣ зоҳир намояд, баъдан метавонад самтҳои асосии фаъолияти ташкилии онро таҳия ва амали гардонад. Унсурҳои асосии ташаккули кластерҳои агросаноатиро муайян сохта онҳоро бо ҳамдигар мутобиқ гардонад. Хусусиятҳои хоси бахши агросаноатӣ, ҳамчун объекти сиёсати кластерӣ дар он аст, ки корхонаҳо дар раванди истеҳсол, коркард, нигоҳдорӣ, фуруш, маркетинг ва ғ. маҳсулоти кишоварзӣ, ки бо ҳам иртиботи объективӣ доранд. Сиёсати кластеркунонӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд аз сиёсати иқтисодии давлатие, ки мақсади асосияш дастгирии давлатии рушди соҳаи саноат ва бахши агросаноатӣ дар минтақаҳои гуногун аз ҳисоби ташкили шароитҳои иловагии барои баландбардории дараҷаи рақобатпазирии субъетҳои хоҷагидорӣ мебошад, сарчашма гирад.

Зинаҳои ташаккули кластер дар бахши агросаноатии минтақа дар расми № 1 оварда шудааст.

**ЗИНАҲОИ ТАШАККУЛИ КЛАСТЕРҲОИ АГРОСАНОАТӢ**

**1. Омодагӣ**

- баҳогузории ҳолат ва роҳҳои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва коркарди он;
- ташаккули баъзаҳои меъёрӣ-ҳуқуқии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар бахши агросаноатӣ;
- ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ ва дохилӣ ба соҳаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ;
- ташаккули механизми дастгирии барномаҳои рушди рақобатпазирии КАС;
- рушди инфрасохтори маблағгузории лоиҳаҳои инноватсионӣ дар бахши агросаноатӣ;
- коркарди барномаю стратегия ва тасдиқи лоиҳаҳои ташкили кластерҳои агросаноатӣ;

**2. Мобайн**

- ташкил ва дастгирии ташкилотҳою марказҳои махсуси рушди (МРК) кластерҳои агросаноатӣ;
- муайянкунӣ ва баҳогузории ҳолат, имконият ва дурнамои ҳайати потенсиалии кластери агросаноатӣ;
- муаянкунии вазифаҳо ва ухдадориҳои ҳар яки иштирокчиёни кластери агросаноатӣ;
- мустакам намудани алоқаи байни таъминкунандагони истеҳсоли маҳсулоти тайёр дар кластери агросаноатӣ;
- ташкили шурои ягонаи машваратӣ оид ба ташаккули системаи фаъолияти кластер;

**3. Рушд**

- тасдиқи нақшаи чорабиниҳои оид ба ташкили кластерҳои агросаноатӣ;
- рушди алоқа ва ҳамкории байни кластерҳои агросаноатӣ ва мақомотҳои маҳаллӣ;
- ташкили системаи ягонаи таъминоти иттилоотии иштирокчиёни кластер;
- ташкил ва рушди марказҳои омӯзишӣ, азнавтайёркунии кадрҳо, илмӣ-тадқиқотӣ;
- коркарди стратегияи дохилии рушди кластер;

**Сарчашма:** Муаллиф тартиб додааст.

**Расми 1.** Зинаҳои ташаккули кластерҳои агросаноатӣ дар минтақа

Ҷараёни ташаккул ва рушди кластерҳои агросаноатӣ дар минтақа чунин равандҳоро низ ба дар бар мегирад:

– таҳлили ҳамаҷонибаи шароитҳои ташкилӣ-иқтисодии рушди кластерӣ дар бахши агросаноатӣ дар асоси зоҳир кардани тамоюли рушди умумии иқтисодиёти минтақа бо дарназардошти хусусиятҳои ташаккули кластерӣ агросаноатӣ;

– ташаккули модели муаяни тартиби ташкили кластери агросаноатӣ дар минтақа;

– дастгирӣ ва ташкили шароитҳои иқтисодӣ дар ҳамаи марҳила ва зинаҳои рушди кластерҳои агросаноатӣ, аз он ҷумла шароитҳои ташкилӣ-ҳуқуқии шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ;
– коркарди механизми идоракунии меъёрӣ-ҳуқуқӣ, молиявӣ-қарзӣ, андозӣ ва ғ.;
– ҷори кардан ва такмилдиҳии техникӣ ва технологӣ.

Ба рушди кластери агросаноатӣ пеш ҳама чунин омилҳо таъсир мерасонанд:

1. Сатҳи алоқаи истеҳсолӣ-хоҷагидории байни корхонаҳои кишоварзӣ ва корхонаҳои коркард, инчунин инфрасохторӣ таъминноти онҳо;

2. Ташаккули принсипҳои самараноки муомилоти маҳсулот аз истеҳсолкунанда то ба истеъмолкунанда;

3. Истифодаи усулҳои самараноки идоракунии захираҳои истеҳсолӣ ва муҳити сармоягузорӣ;

4. Такмилдиҳии механизми идоракунии ташаккул ва рушди кластери агросаноатӣ;

5. Ҷанбаҳои иҷтимоӣ (масъалаҳои тағирёбӣ ва ҳолати инфрасохтори иҷтимоӣ дар минтақа, таъминот ва тахасусмандии кадрҳои соҳаи агросаноатӣ).

Гурӯҳе аз тадқиқотчиёни рус қайд кардаанд: “...ташаккули кластери агросаноатии минтақавӣ имконият медиҳад, ки самаранокии минтақаҳо бо дараҷаи пасти сармоягузорӣ баланд гардонад, на танҳо рушди соҳаи агросаноатиро инчунин рушди соҳаҳои бо хоҷагии кишлоқ алоқамандро таъмин менамояд” [2, с. 51]. Вазифаи асосии кластери агросаноатӣ дар он зоҳир меёбад, ки дар асоси истифодаи технология инноватсионӣ ва шаклҳои муосири идоракунӣ маҳсулоти хоҷагии кишлоқро шакли ниҳоӣ расонад.

Ҳамчунин, иқтисодчии ватанӣ Ҳусайнов М.Н. дар заминаи омӯзиши ҷойгиркунонии истеҳсолот ва сиёсати минтақавии кластери боғӯ токпарварӣ қайд намудааст, ки “... пайдоиш ва рушди кластерҳо ба инҳо боис мегарданд: а) зиёдшавии шумораи андозсупорандагон ва базаи андозбандишаванда (азбаски марказҳои идоракунии соҳибкории хурду миёна, маъмулан, дар ҳамон ҳудуд, ки онҷо худи соҳибкорӣ амал мекунад, қарор доранд, бар хилофи корпоратсияҳои амудӣ); б) зиёд шудани шумораи ҷойҳои корӣ; в) пайдоиши воситаи муносиб барои амали муштарак бо бизнес; г) пайдоиши шароитҳо барои бозсозии сохтории минбаъдаи иқтисодиёти минтақа; д) афзоиши ҷолибияти сармоягузории минтақа; е) афзоиши аҳамияти сиёсии минтақа” [4, с. 31].

Ба шарофати ташкили кластери агросаноати имконпазир аст, ки рушди устувори истеҳсолоти агросаноатӣ таъмин гардад, инчунин самаранокии

фаъолияти агробизнес афзоиш ва барои рушди ҳамаҷонибаи деҳот шароит фароҳам оварда шавад [1, с. 123]. Ҳадафи асосии ташаккули кластери агросаноатиро ноил шудан ба рушди устувори истеҳсолоти агросаноатӣ дар минтақа мебошад. Ин ҳадаф дар кластер тавассути якҷоя кардани корхонаҳои истеҳсолӣ бо институтҳо ва марказҳои илмӣ-тадқиқотӣ ба даст оварда мешавад. Муттаҳидсозии истеҳсолкунандагони маҳсулоти агросаноатӣ бо институтҳо ва марказҳои илмӣ-тадқиқотӣ раванди рушди самаранокро ба вуҷуд меорад, яъне дар ин ҳолат имконпазир аст, ки илм ва маориф аз соҳаи субсидияшудаи иҷтимоӣ ба бахши сердаромади иқтисодӣ гузаранд.

Чунин шакли ҳамгироӣ барои хоҷагии кишлоқ, корхонаҳои коркард ва таъмини устувории рушди ояндаи истеҳсолот дар баробари дигар воситаҳо нисбатан қабулшаванда буда, метавонад бо чунин роҳҳо рушд кунад: 1) бунёди роҳҳои ташаккули хоҷагии кишлоқ, мутаҳидкунии ташкилотҳои хоҷагии кишлоқи пардохтнопазир бо ташкилотҳои аз ҷиҳати молиявӣ устувор, дар баробари ин хоҷагии кишлоқ муттаҳид шуда калонтар мешавад ё дигар шакли хоҷагидориро ба вуҷуд меорад вақте, ки яке аз аъзоёни ҳамгироӣ (интеграсия) ташкилоти хоҷагии кишлоқ набошад; 2) ташкили хоҷагии кишлоқ ҳамчун шахси ҳуқуқӣ; 3)алоқаманд намудани сармояи муассисаҳои ҳамгирошуда [5, с. 78].

Чи тавре, ки аз адабиёти иқтисодии ватанию хориҷӣ маълум гашт кластеркунонии фаъолияти соҳаҳои мухталифи иқтисодӣ яке аз элеметҳои муҳими таъминкунандаи рақобатпазирии истеҳсолоти минтақавӣ ва рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин замина ташаккули кластери агросаноатӣ дар минтақа аҳамияти махсус дошта, ба рушди маҳсулоти воридотивазкунанда ва дар таъмини бехатарии озуқаворӣ дар асоси пешниҳоди маҳсулоти тайёри босифат таъсири мусбӣ мерасонад.

Хулоса, истифодаи усули кластерӣ дар бахши аграросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки дараҷаи истифодаи дастовардҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар истеҳсолот таъмин гардад. Ташаккул ва рушди кластерҳои агросаноатӣ дар минтақаҳои алоҳидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз унсурҳои сиёсати давлатии рушди иқтисодиёти кишвар дар рушди соҳаи алоҳидаи хоҷагии халқ ва иқтисодиёти минтақавӣ ҳисоб мешавад.

**Адабиёт**


1. Данилова М.Н. Устойчивое развитие агропромышленного производства на основе кластерного подхода (на примере Томской области) (на соискание ученой степени кандидата экономических наук)// Томск - 2007. -С. 123.
2. М.Портер Международная конкуренция: пер. с англ. -Москва: «Международные отношения», 1993.–476 с.
3. Миляев К.В., Максимова Т.П. Текущее развитие агропромышленного комплекса в Россиской Федерации: Формирование агропромышленных кластеров // Международнный

научно-исследовательскй журнал. - 2015. (часть 1)- № 8 (39). - С. 47-51.
4. Ҳусейнов Манучеҳр Нуриддинович. Ташаккули кластерҳои боғу токпарварӣ дар комплекси агросаноатии минтақавӣ (дар мисоли ноҳияҳои тобеъи Ҷумҳурии Тоҷикистон) (барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ) // Душанбе – 2019. –С. 31.
5. Семина Л.А., Ковалева И.В. Агропромышленный кластер: проблемы и развитие инновационно-инвестиционной деятельности // Социально-экономический и гуманитарный журнал Красноярского ГАУ. 2017. №1. С.-78.
6. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон дар ҷаласаи бистуми Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ. – 12.02.2020.- ш. Душанбе.

## ФОРМИРОВАНИЕ АГРОПРОМЫШЛЕННЫХ КЛАСТЕРОВ: КОНТЕКСТ СОЦИАЛЬНО – ЭКОНОМИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ И ОБЕСПЕЧЕНИЯ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ

***Низомова Т. Д., Сатторов Ё. А.***

В статье рассматриваются вопросы оценки эффективности агропромышленного кластеров в контексте социально – экономического развития и обеспечения продовольственной безопасности. По мнению автора, такая форма интеграции в ряде случаев может быть наиболее обоюдно приемлемой как для социально – экономического развития, так и для перерабатывающих организаций для обеспечения стабилизации, также дальнейшего развития агропромышленного производства для обеспечения продовольственной безопасности. Задача агропромышленного кластера состоит в том, чтобы придать производству сельскохозяйственных продуктов законченную форму организации для рационального решения технических, технологических и экономических вопросов, связанных с получением сельскохозяйственного сырья с заготовкой, транспортировкой, переработкой, хранением и реализацией готовой продукции.

**Ключевҷе слова:** кластер, кластеризация, агропромышленный кластер, эффективность, коллективная эффективность, синергетический эффект, региональная экономика, макро-кластер, НИОКР.

## FORMATION OF AGRICULTURAL CLUSTERS: THE CONTEXT OF SOCIO - ECONOMIC DEVELOPMENT AND FOOD SECURITY

***Nizomova T. D., Sattorov Y. A.***

The article discusses the issues of assessing the effectiveness of agro-industrial clusters in the context of socio - economic development and food security. According to the author, this form of integration in a number of cases may be the most mutually acceptable both for socio - economic development and for processing organizations to ensure stabilization, as well as further development of agro-industrial production to ensure food security. The task of the agro-industrial cluster is to give the production of agricultural products a complete form of organization for the rational solution of technical, technological and economic issues related to the receipt of agricultural raw materials with the procurement, transportation, processing, storage and sale of finished products.

**Keyword:** cluster, clustering, agro-industrial cluster, efficiency, collective efficiency, synergy effect, regional economy, macro-cluster, R&D.

**Маълумот оид ба муаллифон:**

**Низомова Тухфамо Давлатовна –** д.и.и., проф, профессор кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории ДМТ, 734025, шаҳри Душанбе, **тел:** 221-43-84; 93-423-82-20. **E-mail:** tuhfamo49@mail.ru

**Сатторов Ёваршо Аторутшоевич** – ассистенти кафедраи маркетинг ва агробизнеси Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур,734008, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ №146.

**тел:** (992)98 777 71 43; **E-mail:** yovar-03.95@mail.ru

**УДК: 331.135.634**

# САМАРАНОК ИСТИФОДАБАРИИ ЗАМИН ДАР СОҲАИ БОҒУ-ТОКПАРВАРИИ ТОҶИКИСТОН

***Шарифов З. Р., Ахмедов Д. Ҳ.***

**Аннотасия:** дар мақолаи мазкур самаранок истифодабарии замин дар соҳаи боғу токпаварӣ дар шароити куҳистони минтақаҳои Ҷумҳурии тоҷикистон таҳлил гардидааст. Ва ҳамзамон роҳои дуруст ва самаранок истифодабарии заминҳои кишоварзи нишон дода шудааст.

**Вожаҳои калидӣ:** замин, самаранокии иқтисодӣ, боғдорӣ, токпаварӣ, истеҳсолот, маҳсулот, корхонаҳои кишоварзӣ.

Хусусиятҳои хоси соҳаи боғу токпарварӣ ин вобастаги ба табиат, меҳнат, арзишҳои истеҳсолию истеъмолии ва замин ба ҳисоб меравад. «Нақши замин ҳамчун воситаи муҳими истеҳсолот, фарқияти байни давраи истеҳсолот ва кор, номунтазамии мавсимӣ дар истифодаи захираҳои меҳнатӣ ва фондҳои истеҳсолӣ ташкил медиҳанд, ки новобаста ба шаклҳои фаъолияти худ ба тақсимоти ҳудудии меҳнат дар соҳаи боғу токпарварӣ мегузоранд»

Ба ақидаи муаллиф В.Ф. Лабенес - бисёрпаҳлӯии соҳаи кишоварзӣ, гуногунии намудҳои маҳсулоти истеҳсолшаванда, ки ҳамзамон дорои таъиноти гуногуни истеҳсолӣ мебошанд, шумораи зиёди корхонаҳои кишоварзӣ, мураккаб будани сохтори иҷтимоӣ-иқтисодии соҳа, ширкат намудан дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии бахши шахсӣ.[1]

Муаллифони зиёд чунин ақида доранд, ки ҷойгиркунонӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти кишоварзӣ – равандҳои бо ҳам вобаста, ду қисми мафҳуми ягона тақсимоти ҷамъиятии меҳнат, ки дар он ҷойгиркунонӣ инъикоскунандаи паҳлӯи миқдорӣ, ва махсусгардонӣ - паҳлӯи сифатӣ мебошад.

Масалан, А.Е. Каминский чунин андеша дорад, ки «ҷойгиркунонии хоҷагии қишлоқ паҳлӯи миқдории махсусгардониро ифода мекунад ва ба саволи чӣ қадар ва чӣ гуна маҳсулот дар ин ё он минтақа, вилоят, ноҳия, корхонаи алоҳидаи кишоварзӣ истеҳсол мегардад ё бояд истеҳсол гардад посух медиҳад»[1]

Ба ақидаи мо, ҷойгиркунонии соҳаи боғу токпаврвраӣ дар шароити куҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мавқеи ҷойгиршавии онҳо яке аз самтҳои муайянкунандаи рушди соҳа ба шумор меравад. Бинобар гузариш ба муносибатҳои бозорӣ зарурати муносибатҳои нав ба ҳалли проблемаҳои минтақавии рушди истеҳсолоти соҳа ва пеш аз ҳама, ба ташкили ҳудудии истеҳсолоти он, ки унсурҳояш аз ҷойгиронӣ, махсусгардонӣ ва тамаркуз иборат мебошад, ба миён меояд. Ҷойгиркунонӣ ҳамчун ҳалқаи марказии низоми илман асосноки пешбурди хоҷагиҳои боғу токпарварӣ буда, на фақат тамоми сохтори ташкилии истеҳсолотро муайян мекунад, балки инчунин ба низоми дахлдори тадбирҳои агротехникӣ мувофиқат менамояд. Ҷойгиркунонии истеҳсолоти боғу токпаварӣ, шакли тақсимоти меҳнати ҷамъиятӣ буда, бояд шароитҳои гуногуни ҷуғрофӣ ва захираҳои табииро ба инобат гирад .

Навъҳои меваю буттамева дар минтақаҳои Ҳисор ва Рашт бо назардошти иқлими мусоид, ҳосилхезии заминҳои коррам ва хусусиятҳои биологии меваю буттамеваҳо ҷавобгӯ ба талаботи истеъмоли бозорҳои дохилию берунӣ, ҷойгир карда мешаванд, ки ба принсипҳои ташкилӣ мусоидат мекунад. [5]

Дар шароити амал намудани муносибатҳои бозорӣ ташкилкунандаи ҳар як хоҷагӣ бояд хулоса барорад, ки кадом соҳа ё кадом ҳампайвандии соҳаҳо ба ӯ ҳаҷми зиёди даромади софро таъмин менамояд. Дар ин ҳолат, ҳамаи хоҷагиҳои боғу токпарварӣ низ бояд хулосаи худро дошта бошанд. Агар хоҷагии деҳқонӣ аз ҳудуди ин доира берун бароянд, он одатан назар ба ҳамсояҳои худ, ки системаҳои хоҷагидории дар ин ноҳияи кишоварзӣ афзалиятнокро риоя мекунанд, камтар даромади соф мегирад. Аммо на ҳама вақт шаклҳои идоракунии дар минтақаҳои ҷумҳурӣ амалкунанда вобаста ба шароитҳои иқтисодии бавуқӯъомада ҷавобгӯ мебошанд. Шартҳои иқтисодӣ метавонанд тағйир ёбанд, вале аксарияти хоҷагиҳои боғу токпаварӣ бошанд ба ин тағйиротҳо зуд мутобиқат намегарданд. Дар ин ҳолат, соҳиби хоҷагиҳои боғу токпаварӣ, танҳо дар сурати дар самти дуруст роҳандозӣ кардани қарорҳои қабул гардида метавонад, зиёдтар фоида гирад, ҳатто заминҳои бекорхобидаро самаранок истифода бурда даромади иловагии худро афзояд.

Истеҳсоли маҳсулот бояд дар минтақаҳое роҳандозӣ гардад, ки истифодаи оқилонаи замин, захираҳои моддӣ, меҳнатӣ ва молиявӣ мавҷуд мебошад, ки ин ба кам кардани арзиши аслии маҳсулоти боғу токпарварӣ оварда мерасонад. Баҳисобгирии талаботи бозор вобаста ба пурра қонеъ шудани истеҳсоли намудҳои даромадноки маҳсулот боғу токпаварӣ нигаронида мешавад.

Якҷояшавии хоҷагиҳо бо корхонаҳои коркардкунандаи маҳсулоти боғу токпарварӣ ба коҳиш додани хароҷотҳои маҳсулот ва кам кардани талафоту арзиши аслии маҳсулот мувофиқат мекунад.

Бояд қайд кард, ки омилҳо - табиӣ, биологӣ ва иқтисодӣ ба ҷойгиркунонии истеҳсолоти соҳа таъсир мерасонанд.

Омили *табиӣ ин вобаста ба* иқлим ва шароити ҳароратии муқарраршуда, давомнокии мавсими нашъу намо (вегетатсионӣ), ҳаҷми гармии офтоб, боришҳои атмосферӣ, бодҳои мавҷуда, инчунин шароити топографӣ ва хокиро дар бар мегиранд. Парвариши дарахтон дар тӯли асрҳо бо роҳи ананавӣ ба роҳ монда шудааст, ки ин ғайриқаноатбахшии соҳаро нишон медиҳад. Боиси зикр аст, ки дар баробари ҳаҷми боришот, бояд бухоршавӣ аз рӯйи хок ба назар гирифта шавад. Азбаски дар ҷануби ҷумҳурӣ бухоршавӣ нисбат ба шимол баландтар аст, дарахтон дар қисми шимолӣ нисбат ба қисми ҷанубӣ метавонанд бо миқдори камтари об парвариш кардан мумкин аст. Бояд қайд кард, ки фарқияти шароитҳои иқлимӣ хосияти комилан минтақавӣ дорад. Дар ҳар корхонаи кишоварзӣ якҷояшавии мушаххаси як қатор тафовутҳои хок, заминҳои дорои релефи ноҳамвор, теппа ва дашт, инчунин заминҳои баландӣ, хуб заҳбуркардашуда, пастхамӣ ва ботлоқ барои роҳандозии ҳампайвандии оптималии соҳаҳо аҳамияти калон дорад, ки ин ба соҳаи боғу токпаварӣ вобастагии зич дорад. Ба ҳамагон маълум аст, ки дар натиҷаи таъсири чунин омили биологӣ, ба монанди ҳуҷуми ҳашаротҳои зараррасон ба соҳа зарари кулли мерасонад.

Ҷойгиркунонӣ ин шакли истеҳсолоти тақсимоти ҷамъиятии меҳнат буда, он раванди тақсимоти ҷуғрофӣ, фазоии истеҳсоли намудҳои алоҳидаи маҳсулот дар ҳудуди кишвар ва минтақаро ифода мекунад. Ҷойгиркунонии соҳаи боғу токпаварӣ, бо нишондодҳои ҳаҷму миқдори истеҳсоли маҳсулот вобаста ба маҷмӯии маҳсулоти дохилии ҳар як ноҳия ва минтақа тавсиф меёбад. Тақсимоти минтақавии меҳнат дар боғу токпаварӣ махсусгардонии истеҳсолотро аз рӯйи ноҳияҳо ва минтақаҳои алоҳида тақозо мекунад. Пешрафти илмӣ-техникӣ на танҳо махсусгардонии минтақавиро метезонад, балки ба таҳаввулоти он тағйироти сифатӣ ворид менамояд. Ёдовар бояд шуд, ки истифодаи самараноки тадқиқотҳои илмӣ техникӣ дар баланд бардоштани ҳосилнокии соҳаи боғу токпаврӣ нақши муҳим дорад. Механиконӣ, автоматикунонӣ ва электриконии соҳа барои ба таври назаррас баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат, истеҳсоли маҳсулот ва коркарди он мусоидат менамояд.

Ҷойгиркунонӣ аз як тарафи пешрафти техникиро дар кишоварзӣ ва инчунин соҳаҳаи боғу токпаварӣ рушд медиҳад.

Яке аз шартҳои муҳимтарин таъмин кардан афзоиши ҳосилнокии маҳсулоти кишоварзӣ, ин дуруст истифода бурдани замин мебошад. Асоси нишондиҳандаҳое, ки барои таҳлили истифодаи замин истифода бурда мешавад

ин коэффисент мебошад. Бояд қайд кард, ки самаранокии иқтисодии заминҳои корам аз рӯи коэффитсент ҳисоб карда мешавад.

Коэффисенти истифодабарии заминҳо дар боғу токпарварӣ аз рӯи меъёри шинонидани ниҳолҳо муайян карда, истифода мешавад. Барои афзоиши истеҳсолотии маҳсулоти кишоварзӣ, пеш аз ҳама ба гардиши кишоварзӣ дохил намудани заминҳои бекорхобида ва таълу тепаҳо мебошад, ки дар ҳар як минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар мерасад. Қайд кардан бо маврид аст, ки ба ҳар як хоҷаги мувофиқи имконят, воситаи асосӣ, шумораи кормандон ва шароити молиявӣ замин ҷудо намудан қобили қабул мебошад.

Замин объекти асосии истеҳсолоти кишоварзӣ буда, дар суръати дуруст истифода бурдани он дараҷаи ҳосилнокӣ ва рақобатпазирӣ бо воситаи истеҳсоли маҳсулоти баландсифат таъмин мегардад.

Омилҳои ҷойгиркунии соҳаи боғу токпаварӣ дар шароити иқлимии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста мебошад:

а) омилҳои захираҳои табиӣ, ки ба такрористеҳсоли васеъ вобаста буда, ба ҷалб намудани ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот боғу токпаварӣ ба ҳар сари аҳолӣ, инчунин пурра қонеъ гардонидани талаботи афзояндаи ҷомеа бо назардошти захираҳои маҳдуд;

б) омили махсусгардонии истеҳсолоти соҳа, ин зарурати объективии паст кардани хароҷоти музди меҳнат барои истеҳсоли як воҳиди маҳсулоти боғу токпаварӣ дар ноҳияҳои дорои имконияти истеҳсоли васеъи маҳсулоти соҳа;

в) омили рушд ва таҳкими робитаҳои иқтисодӣ байни хоҷагиҳо ин истеҳсоли саноати маҳсулотҳои аз меваю ангур таёршуда, вобаста ба ниёзи мардум ва таъминнокии нигоҳдорӣ ва хизматрасонии логистикиро дар бар мегирад.

**Адабиёт**


1. Амиров П.К., Ахмедов Д.Х., Хомидов А.У. Горные, межгорные и предгорные земельные ресурсы: проблемы эффективности их использования в Кулябском регионе. Монография. Душанбе – 120 срт.
2. Садриддинов С.С., Хомидов А.У. Факторы развития земледелия Таджикистана. – Душанбе, 2016. -С.97-98.
3. Маслов В.В. Формирование многоукладной экономики и преобразование земельных отношений. В кн. Организационно-экономические основы аграрного рынка. Сб. статей. М., 1997, с.84-88;
4. Гордеев А., Черняков Б. Некоторые аспекты продовольственной проблемы мира. «Вопросы экономики» №6, 2001, с.50-59 и др.
5. Ахмедов Д.Х., Амиров П.К. Проблемы эффективности садово-виноградарческого подкомплекса Таджикистана. Монография. Душанбе – 2019. 128-стр.

## ЭФФЕКТИВНОЕ ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ЗЕМЕЛЬ В САДОВО-ВИНОГРАДАРЧЕСКОЙ ОТРАСЛИ ТАДЖИКИСТАНА

*Шарифов З. Р., Ахмедов Д. Х.*

**Аннотация:** в статье анализируется эффективное использование земель отрасли садоводства и виноградарства в горных районах Республики Таджикистан. При этом показаны правильные и эффективные способы использования земель сельскохозяйственного назначения.

**Ключевые слова**: земля, экономическая эффективность, садоводство, виноградарство, производство, продукция, сельхозпредприятия.

## EFFECTIVE LAND USE IN HORTICULTURE AND VITICULTURE

***Sharifov Z. R., Akhmedov D. H.***

**Annotation:** This article analyzes the effective use of land in the field of horticulture and viticulture in the mountainous regions of the Republic of Tajikistan. At the same time, the right and efficient ways of using agricultural lands are shown.

**Keywords**: land, economic efficiency, horticulture, viticulture, manufacturing, products, agricultural enterprises.

**Маълумот дар бораи муаллифон:**

**Шарифов Зариф Раҳмонович** – д.и.и., профессор мудири кафедраи Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур. Тел: 905 00 44 00;

**Ахмедов Давлатали Ҳайталиевич** – н.и.и., дотсент, мудири шуъбаи омузиш ва мониторинги сармоягузорӣ дар КАС-и Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ. Тел.: (+992) 93 905 06 66. davlat_1118@mail.ru

**УДК: 334.7.2**

# РОЛЬ ГОСУДАРСТВА В РАЗВИТИИ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЙ СРЕДЫ

*Шодиев Б. С.*

**В** данной статье показано обеспечение партнерства между государственным и частным секторами, выявление и решение проблем в стране и за рубежом, было проведено 60 экономических форумов и торговых ярмарок. А также, развитие частного сектора за счет улучшения инвестиционного климата и государственной поддержки предпринимательства - одно из важнейших направлений конструктивной политики.

**Ключевые слова**: инвестиция, предпринимательства, документы, программа, модернизация производства, налог.

Предпринимательство в Республике Таджикистан особенно нуждается в в государственной поддержки этой сферы. Поэтому, в становлении и развитии отечественного предпринимательства государству отводится особая роль.

Из многочисленных усилий предпринимаемым государством для достижения улучшения предпринимательской среды и обеспечения развития

национальной экономики, является Государственная программа поддержки предпринимательства в Республике Таджикистан на 2012-2020 годы, принятая Правительством Республики Таджикистан 30 апреля 2012 года, которая считается важным документом в области государственной политики поддержки предпринимательства, модернизации производства и технологических процессов, привлечение инвестиций в национальную экономику, укрепление общественного сектора и государственно-частного партнерства, совершенствование системы кредитно-финансовой поддержки малого и среднего бизнеса, предоставление налоговых и таможенных льгот и льготных кредитов малому и среднему бизнесу, улучшение качества продукта ориентированные на экспорт.

Программа государственной поддержки предпринимательства в Республике Таджикистан на 2012-2020 годы реализовывалась в три этапа (первая фаза - 2012-2014 годы, вторая фаза - 2015-2017 годы и третья фаза - 2018-2020 годы) на основе планы действий, утвержденные Правительством Республики Таджикистан [1.]

В ходе реализации Государственной программы поддержки предпринимательства в Республике Таджикистан на 2012-2020 годы проведен ряд реформ для развития экономики страны с целью снижения негативного воздействия внешних факторов на экономику Таджикистана за счет привлечения имеющиеся ресурсов и ускоренной реализации государственных инвестиционных проектов, привлечение дополнительных инвестиций.

Развитие частного сектора за счет улучшения инвестиционного климата и государственной поддержки предпринимательства - одно из важнейших направлений конструктивной политики Основателя мира и национального единства - Лидера нации, Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона.

В частности, создание правовой и экономической системы государственно-частного партнерства, публичный диалог с частным сектором, упрощение процедур регистрации бизнеса, регулирование проверок хозяйствующих субъектов, система лицензирования, упрощение налоговой системы. значительный импульс для развития частного сектора.

Одним из основных органов по государственной защите и поддержке предпринимательства, является Государственный комитет по инвестициям и управлению государственным имуществом, который совместно с соответствующими министерствами и ведомствами и местными органами власти реализует Государственную программу поддержки предпринимательства в Республике Таджикистан.

В этих целях, разработано 75 проектов постановлений, из которых 68 приняты в установленном порядке.

В ходе реализации Программы количество действующих хозяйствующих субъектов увеличилось с 187,4 тыс. в 2012 г. до 329,0 тыс. в 2020 г. В частности, количество юридических лиц увеличилось с 26,2 тысячи до 31,0 тысячи, а количество индивидуальных предпринимателей увеличилось с 161,2 тысячи до 297,9 тысячи, что на 18% и 85% соответственно.

Рис.1




Если в 2012 году доля частного сектора в ВВП составляла 49,3%, то в 2019 году она достигла 70%, обеспечение занятости - 70%, а уплата налогов - 80%.

Рис. 2




В ходе реализации Программы было проведено 4 встречи Основателя мира и национального единства - Лидера нации, Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона с предпринимателями и инвесторами.

В 2014 году по предложению Основателя мира и национального единства - Лидера нации, Президента Республики Таджикистан Его Превосходительства

Эмомали Рахмона 14 октября ежегодно отмечается как «День предпринимательства».

Анализ реализации Плана действий, разработанного и утвержденного по итогам встреч Президента Республики Таджикистан с отечественными и иностранными предпринимателями и инвесторами, результатов их визитов в регионы страны показывает рост экспорта товаров и продуктов, предоставления рабочих мест и дальнейшего благоустройства Республики Таджикистан.

В ходе реализации программы проведено 20 заседаний Консультативного совета по улучшению инвестиционного климата при Президенте Республики Таджикистан.

В настоящее время около 70% экономически активного населения занято в частном секторе по сравнению с 64,5% в 2012 году.

За последние 10 лет Республика Таджикистан значительно улучшила свои позиции в отчете «Doing Business Report»[2], и в результате реформ Правительства в 2010, 2011, 2015 и 2020 годах Республика Таджикистан, четыре раза входила в десятку ведущих реформаторов.

В целях государственной поддержки промышленного предпринимательства, усиления промышленного и экспортного потенциала страны, исключения необоснованных и повторных проверок Указом Президента Республики Таджикистан 3 раза, в 2008-2009, 2011-2014 и 2018-2020 гг. был объявлен мораторий.

Анализ показывает, что в нынешней ситуации мораторий способствует устойчивому развитию малого и среднего бизнеса и побуждает предпринимателей легализовать свою деятельность и сократить теневой сектор экономики.

Действующим законодательством Республики Таджикистан предусмотрено 109 льгот и привилегий для предпринимателей и инвесторов, в том числе 97 фискальных льгот и 17 не фискальных льгот.

В общей сложности с 2012 по 2020 годы субъектам предпринимательства были предоставлены льготы на сумму более 39 миллиардов сомони.

В ходе реализации Программы увеличилось финансирование предпринимателей, особенно малых и средних предприятий со стороны коммерческих банков. Если объем кредитов кредитных организаций предпринимательству в 2012 году составил всего 1 216 млн. сомони, то в 2019 году этот показатель достиг 1833 миллиона сомони. В свою очередь, за первые 5 месяцев 2020 года финансовые институты предоставили 2 531 млн. сомони, что на 69,2 млн. сомони больше, чем за аналогичный период 2019 года. Сомони или

на 2,8 процента больше. В целом за последние 9 лет финансовые учреждения предоставили предприятиям 14 965 миллионов сомони.

Рис. 3[2]




В результате реформ в регулировании хозяйствующих субъектов усовершенствована система проверок. В связи с этим, количество проверок с 292,0 тыс. в 2016 году снизились до 48,0 тыс. в 2020 году, а количество проверяющих органов сокращено с 31 до 26; количество разрешительных документов сокращено до 30, то есть с 86 до 59, введена электронная регистрация 30% разрешительных документов;

Также упрощены процедуры банкротства и приведены в соответствие с международными стандартами; создана нормативная база для создания Наблюдательного совета и определения его полномочий с учетом международного опыта.

Чтобы сделать процесс получения разрешений в строительном секторе более прозрачным, доступным и рентабельным, был создан центр «Единого окна», который предоставляет прямые (онлайн) услуги клиентам и предпринимателям в Душанбе.

В целях упрощения бизнеса и доведении его до современных стандартов, для регистрации экспортных, импортных и транзитных операций получение разрешения на строительство; предоставление технических; условий на подключение к электросети; для регистрации недвижимости; а также для других современных механизмов с использованием электронных технологий, способствующих развитию предпринимательской деятельности, в Республике Таджикистан, создана система «Единого окна»;

Также в целях развития предпринимательского сектора Республики Таджикистан необходимо совершенствование законодательства в сфере регулирование хозяйствующих субъектов, в связи с чем была создана благоприятная нормативная база и принят ряд комплексных законов.

Принятие и вступление в силу законов Республики Таджикистан «О государственной защите и поддержке предпринимательства», «О государственно-частном партнерстве», «О моратории на проверки субъектов предпринимательства в производственной сфере» (2 раза), «О проверке субъектов предпринимательства», «Об инвестициях», «Об инвестиционных соглашениях», «О государственных услугах», «О ремеслах», «О внутреннем туризме», «О защите конкуренции», «О платежных услугах и платежной системе.”, «О страховой деятельности», «О ремеслах», «О дехканских хозяйствах», «О международном коммерческом арбитраже», «Об экспортном контроле», «Об исламском банковском деле», «О кооперативах» ,«О ломбарде», «Об аудите», «О валютном регулировании и валютном контроле», «О торговле и бытовом обслуживании», «О кредитных союзах», «О продовольственной безопасности», «О внешней торговле», «Об угле», «О микро финансовых организациях.», «Об инновационной деятельности» и другие правовые акты, вытекающие из реализации Программы, обеспечивающие достижение целей Национальной стратегии развития.

Также принятие таких кодексов, как налоговый, градостроительства, труда, этики должностных лиц контролирующих органов, здравоохранения, автотранспорта и водоснабжения способствовало развитию предпринимательства и привлечение инвестиций.

В результате принятия и совершенствования законодательства в области регулирования деятельности субъектов хозяйствования улучшена правовая база предпринимательства и введен новый механизм государственной поддержки и защиты предпринимательства.

Рис. 4

Количество проверок с 2016 по 2019 гг.



Рис. 5[4]




С внесением изменений в Закон Республики Таджикистан «О лицензировании отдельных видов деятельности» создан уполномоченный государственный орган в области регулирования системы лицензирования и созданы все условия единого электронного Реестра государственных лицензий.

В результате разработки и принятия изменений в Закон Республики Таджикистан «О системе лицензирования» в 2020 году список разрешений выдан 16 лицензирующим органам и список лицензий, выданных в 2012 году, 30, в 2012 году, 30 в 2012 г. - 4 % и 31,4 % соответственно.

Также в целях создания набора электронных данных о правилах выдачи, переоформления, приостановления, продления и отзыва разрешений, информации о плате за выдачу разрешений и другой информации о выдаче разрешений, о лицензировании системы. В ходе реализации Государственной программы поддержки предпринимательства в Республике Таджикистан на 2012-2020 годы был создан официальный сайт уполномоченного государственного органа в области лицензирования системы, который содержит единый реестр государственных документов.

В целях государственной поддержки промышленного предпринимательства, укрепления промышленного и экспортного потенциала страны, устранения необоснованных и повторных проверок Указом Президента Республики Таджикистан в 2008-2018 гг. введен мораторий на все виды проверок хозяйствующих субъектов, которое было объявлено трижды.

Рис. 6



Анализ показывает, что в нынешней ситуации мораторий способствует устойчивому развитию малого и среднего бизнеса и побуждает предпринимателей легализовать свою деятельность и сократить теневой сектор экономики.

Следует отметить, что численность работников хозяйствующих субъектов попала под мораторий, после объявления моратория (в 2015 году) увеличилась более чем на 47%, а налоговые поступления в госбюджет за их счет выросли почти в 9 раз.

Сегодня мы наблюдаем, как субъекты хозяйствования постепенно удовлетворяют потребности внутреннего рынка отечественной продукцией и экспортируют отечественную продукцию в соседние страны и другие страны.

Также был упрощен порядок участия предпринимателей в государственных тендерах и госзаказах с изменениями и дополнениями в Постановление Правительства Республики Таджикистан от 2 октября 2010 г. Кроме того, в соответствии с Постановлением Правительства РТ от 25 февраля 2017 года №96 утверждены Правила благоприятного графика государственных закупок, согласно которым приоритет отдается отечественным производителям при проведении государственных закупок.

Рис. 7




В целях поддержки отечественных переработчиков шерсти, кожи и другой сельскохозяйственной продукции была введена льготная система полной переработки хлопкового волокна сроком до 5 лет.

С этой целью в Государственном комитете по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан созданы рабочие группы по поддержке женщин, развитию частного сектора, разработке новой

редакции Налогового кодекса Республики Таджикистан, разработке проекта программы государственного управления. поддержка предпринимательства в Таджикистане на протяжении 20 лет. Опыт международного права в сфере поддержки бизнеса и необходимость разработки проекта Кодекса предпринимательства Республики Таджикистан была установлена из числа представителей министерств и ведомств, частного сектора и развития партнерства.

Для обеспечения партнерства между государственным и частным секторами, выявления и решения проблем в стране и за рубежом было проведено 60 экономических форумов и торговых ярмарок. В то же время были проведены 4 встречи Основателя мира и национального единства - Лидера нации, Президента Республики Таджикистан Его Превосходительства Эмомали Рахмона с предпринимателями и инвесторами. По результатам встреч разработан и принят соответствующий План действий.

Совет является площадкой для открытого партнерства между государством и частным сектором на высшем уровне. Под председательством Председателя Совета, Лидера нации, Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона проведено 20 заседаний. дата. в отраслях промышленности, сельского хозяйства и развития торговли сельскохозяйственной продукцией, строительства, туризма, страхования, развития вторичного рынка ценных бумаг, развития информационных и коммуникационных технологий, государственно-частного партнерства, установление суверенного кредитного рейтинга Таджикистана, улучшение международных показателей Таджикистана и других секторов экономики, которые в настоящее время дают заметные результаты.

**Литературы**

1. Источник: составлено автором, на основе данных Государственного комитета по инвестициям и управлению государственного имущества Республики Таджикистан

2. Ежегодное исследование группы Всемирного банка под руководством Симеона Дянкова, оценивающее в 190 странах простоту осуществления предпринимательской деятельности на основе 10 индикаторов.

3. Источник: составлено автором на основе данных Национального Банка. сайт www.b2b.tj

4. Государственного комитета по инвестициям и управлению государственного имущества Республики Таджикистан.

5. www.ijozat.tj.

## НАҚШИ ДАВЛАТ ДАР РУШДИ МУҲИТИ СОҲИБКОРӢ

*Шодиев Б. С.*

**Аннотатсия:** дар ин мақола таъмини шарикӣ байни бахши давлатӣ ва хусусӣ, муайян ва ҳалли мушкилот дар дохили кишвар ва берун аз он, 60 форумҳои иқтисодӣ ва ярмаркаҳои

савдо нишон дода шудаанд. Инчунин, рушди бахши хусусӣ тавассути беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ яке аз самтҳои муҳими сиёсати созанда ба шумор меравад.

**Калидвожаҳо:** сармоягузорӣ, соҳибкорӣ, ҳуҷҷатҳо, барнома, навсозии истеҳсолот, андоз.

## THE ROLE OF THE STATE IN THE DEVELOPMENT OF THE BUSINESS ENVIRONMENT

***Shodiev B. S.***

This article shows the provision of partnerships between the public and private sectors, identifying and solving problems in the country and abroad, 60 economic forums and trade fairs were held. And also, the development of the private sector by improving the investment climate and state support for entrepreneurship is one of the most important areas of constructive policy.

**Key words**: investment, entrepreneurship, documents, program, production modernization, tax.

**Сведения об автора:**

**Шодиев Бурхониддин Сайдалиевич** – к. э. н., дотцент заведующий кафедрой экономического анализа и аудита Бохтарского государственного университета им.Н.Хусрава.Тел: 987 -83-83-48.

**УДК: 656.2**

# ХУСУСИЯТҲОИ МУОСИРИ ТАНЗИМИ ФАЪОЛИЯТИ ХОҶАГИИ ХОНАВОДА ВА ОМИЛҲОИ ТАЪСИРРАСОНАНДАИ ОН БА РУШДИ МИНТАҚА

***Негматова Ш. Ғ.***

***Аннотатсия:*** *дар мақола нақши танзими фаъолияти хоҷагии хонавода ва омилҳои таъсиррасонандаи он ба рушди минтақавӣ, такмил додани механизмҳои идоракунии давлатии системаи иҷтимоию иқтисодии Чумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда мешавад. Нақш ва аҳамияти танзими равандҳои иқтисодӣ, таъмини фазои ягонаи иқтисодӣ, татбиқи сиёсати сохторӣ ва инвеститсионӣ, рушди иҷтимоии кишвар, ки ба баланд шудани рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа мусоидат мекунанд, асоснок карда шудааст.*

*Таҳлил ва баҳодиҳии рушди хоҷагии хонаводагӣ гузаронида шудааст ва дар ин асос омилҳои муҳимтарин барои пешрафтии минтақаи Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст. Вобаста ба ин дар мақола нархи сабади истеъмолӣ дар танзими хоҷагии хонаводагии минтақа мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.*

*Дар баробари ин дар мақола нақши сармояи инсонӣ ва ҷиҳати сармоягузории он дар рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақавӣ мавриди таҳлил қарор дода шуда, дар он нишондиҳандаҳои рушди индекси инсон низ таҳлил карда шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *хоҷагии хонавода, индекси рушди инсон, сармояи инсонӣ, даромади хоҷагии хонаводагӣ, модели рушди иҷтимоӣ.*

Дар давраи бӯҳрони солҳои 90-ум, гурӯҳи асосии омилҳо бо шароити шадид барои истеъмолкунандаи бӯҳрони иқтисодӣ алоқаманд буданд, ки бо барҳам додани стереотипҳои рафтор, арзишҳо ва меъёрҳо маъмулан таъсири худро мерасониданд. Ҷузъҳои ин бӯҳронҳо таваррум ва бекорӣ, коҳиш ёфтани даромади воқеӣ, сатҳи даромад ба қутбнамоии аҳолӣ ва афзоиши камбизоатӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт. Дар давраи оғози ислоҳот норасоии ва пасмонии бисёр молҳо низ ҷой дошт. Ҳамзамон, сатҳи баланди таваррум чандин маротиба ризоияти иҷтимоиро боз ҳам шадидтар кард, ки ба коҳиши сатҳи зиндагии хоҷагиҳои хонаводагӣ таъсири худро расонида молҳои эҳтиёҷоти аввалиндараҷаи ҷомеа ва хидматрасониҳои ҳаёт гаронтар шуд.

Дар шароити бӯҳрони иқтисодӣ ва паст гардидани қобилияти харидории аҳолӣ, даромади пулӣ хусусияти фарққунандаи асосӣ ба ҳисоб мерафт. Аммо, ҳангоми тавсиф кардани рафтори институтсионалии хонаводаҳо муҳим аст, ки қоидаҳоеро баррасӣ намоем, ки тавассути онҳо захираҳои хонаводаро истифода бурдан мумкин бошад. Бояд қайд кард, ки ин омилҳо ба ташаккули рафтори истеъмолкунандагон таъсир расонида тафовути истеъмолиро барои давраҳои мухталифи рушди иқтисодиёти Тоҷикистон муайян мекунанд.

Ҳамаи давлатҳои ҷаҳони имрӯза новобаста аз модели иҷтимоию иқтисодии инкишофёфта, як қисми маҷмӯи маҳсулоти дохилаашонро ба таъмини ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва ба сатҳи муайяни зиндагӣ таъминнамоии онҳо масраф намуда, хатарҳои эҷоднамояндаро ҳадди ақал менамоянд. Сатҳу дараҷаи фарогирии ҳифзи иҷтимоӣ ва доираи муносибатҳои бо он алоқаманд ҳанӯз натанҳо дар миқёси давлатҳо, балки дар байни олимони соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт баҳои якхелаи хешро наёфтааст, бинобар ҳамин рафтори истеъмолӣ ва алоқамандии он бо сатҳи зиндагӣ худ муаммои ҳамаи давру замонҳо маҳсуб меёбад.

Устувории иҷтимоӣ яке аз нишондиҳандаҳои арзёбишавандаи бехатарии иқтисодии мамлакат буда, қудрати давлат ва сохтори ҳукмронии онро дар ҳалли муаммоҳои иҷтимоӣ бунёди механизми бонуфуз барои доираҳои ҳифзи манфиатҳои субъектҳои иҷтимоӣ нишон медиҳад. Бинобар ин дар «Стратегияи давлатии бехатарии иқтисодӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ» таъмини шароити мусоид барои ҳаёти солим ва инкишофи шахсият, устувории иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсии ҷомеа чун ҳадафи пешравии давлат дониста мешавад.

Маҳдудиятҳои молиявӣ, даромади ҷории пулӣ ва пасандозҳои пулии хонаводаҳо имрӯз омили муҳимтарин мебошанд, ки рафтори истеъмоли аҳолиро муайян созад. Дар ҳоле ки интихоби васеи мол ва хизматрасонӣ дар бозор меъёрҳои истеъмолиро боло мебарад, дар даҳсолаи охир коҳиш ёфтани даромади пулии қисми зиёди аҳолӣ ва аз даст додани пасандозҳо ба назар

мерасад. Ин ба «ҳассосияти» нархҳои бозори истеъмолии Тоҷикистон ва минтақаҳои он оварда расонид, дар ин ҳол нархи молҳо омили муайянкунандаи истеъмолот нисбат ба сифати онҳо бештар мегардад. Нобаробарӣ дар қобилиятҳои захираҳои хонаводаҳо омилҳои бисёре доранд. Ин на танҳо аз ҷиҳати сохтори хонавода, балки аз минтақаҳои зисти онҳо ба вуҷуд омадааст.

Ба назари мо, қисми даромади буҷети хоҷагиҳои хонаводагӣ аз трансфертҳои иҷтимоӣ ба қадри кофӣ пур намешавад, ки сабабаш ноустувории даромадҳои асосии аҳолӣ ва заъфпазирии қисми даромад дар шароити таназзули иқтисодӣ мебошад.

Дар замони муосир ҳар як давлат барои баҳогузорӣ намудани вазъи воқеии даромади аҳолӣ бояд маҳаки мушаххасро доро бошад ва чунин маҳак ин ҳадди ақали зиндагӣ ва сабади истеъмолӣ ба шумор меравад. Сабади истеъмолӣ барои ҳисобкунии андозаи ҳадди ақали зиндагӣ ҳамчун асос хизмат намуда, барои баҳогузории сатҳи зиндагии аҳолӣ ва расонидани кӯмаки иҷтимоии давлатӣ оилаҳои камбизоат истифода карда мешавад.

Набудани назорати дақиқ ба нархи сабади истеъмолӣ яке аз масъалаҳои асосии давлат дар идоракунии буҷетии хоҷагиҳои хонаводагӣ ба шумор меравад. Аксаран мо манзараи зеринро мушоҳида мекунем: трансфертҳои иҷтимоиро ба аҳолӣ зиёд намуда бо ин роҳ ба амнияти молиявии даромадҳои хоҷагиҳои хонаводагӣ ноил гардидани шуда, афзоиши мувозинаи нархи сабади истеъмолии аҳолиро таҳти назорат намегиранд, ки боиси афзоиши қисми хароҷоти буҷет мегардад ва ба фоида аз афзоиши пардохтҳои иҷтимоӣ иловаи воқеӣ намеорад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд санадҳои меъёрӣ, ҳуқуқӣ ва тавсияномаҳои методӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2012 таҳти № 775 тасдиқ гардидааст, ки он барои муайян намудани сиёсат ва стандартҳо оид ба пардохти ҳадди ақали музди меҳнат, нафақаҳо, кӯмакпулиҳо ва дигар пардохтҳои иҷтимоӣ истифода карда мешаванд [2].

Сарчашмаи асосии даромади аҳолӣ музди меҳнат мебошад, ки қисми зиёди он барои харидории маҳсулоти озуқаворӣ масраф мегардад. Тибқи нишондиҳандаҳои оморӣ соли 2018 музди миёнаи меҳнат дар ҷумҳурӣ 1220,0 сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта, ки 1135,1 сомониро ташкил мекард 7,3% зиёд шудааст [1]. Арзиши ҳадди ақали сабади истеъмолӣ дар соли 2018 бошад 569,62 сомониро ташкил менамояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳиссаи хароҷот ба хӯрокворӣ барои солҳои 2018-2019 ҳудуди 54,7-53,4% -ро ташкил дод [3]. Ҳамин тариқ хароҷот барои хӯрокворӣ дар байни моддаҳои хароҷоти истеъмолӣ ҷои махсусро ишғол мекунад. Арзиши умумии таъминоти озуқаворӣ, ки аз хароҷоти пулӣ ба хариди

хӯрокворӣ, таъминоти озуқаворӣ берун аз хона ва арзиши воридоти натуралии маҳсулоти хӯрокворӣ ташаккул меёбад, зиёд мешавад. Зимнан арзиши таъминоти озуқавории хоҷагиҳои хонаводагии аҳолии шаҳр 0,9% аз арзиши тағзияи хоҷагиҳои хонаводагии деҳот арзонтар аст. Чӣ қадаре, ки ин ҳиссаи хароҷот ба озуқаворӣ кам бошад, сатҳи некӯаҳволӣ ҳамон қадар баланд аст.

Яке аз омилҳои асосии солимии ҷомеа истеъмоли ғизои бехавфу хушсифат мебошад. Барои фаъолияти пурсамари одам, таъмини нерӯ, мувозинати мубодилаи дохили он, нақши моводи ғизоӣ ниҳоят муҳим аст.

Сатҳ ва сохтори истеъмоли хӯрокворӣ ва арзиши энергетикии он низ нишондиҳандаи муҳиммест, ки сифати ҳаёти аҳолиро тавсиф мекунад. Солҳои охир дар аксарияти мамлакатҳои ИДМ тамоюли афзоиши истеъмоли картошка, нон, маҳсулоти нону кулча, тухм ва сабзавот ба мушоҳида мерасад. (ниг. диаграммаи1 )

диаграммаи 1

**Истеъмоли маҳсулоти хӯрокворӣ дар як моҳ ба ҳар нафари аҳолии в. Суғди ҶТ дар солҳои 2013-2018**

(дар як сол, бо кг)




*Сарчашма: солномаи омории вилояти Суғд. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилоти Суғд.. – Хуҷанд, 2019. – С. 116;*

Мувофиқи нишондоди оморӣ тақсимоти истеъмоли маҳсулот ба ҳар сари аҳолӣ дар вилояти Суғд вазни хоси аз ҳама зиёд ба нону маҳсулоти нону кулча (13,08 кг), сабзавоту полезиҳо (9,2 кг), ширу маҳсулоти ширӣ (4,0 кг) рост меояд. Вазни хоси аз ҳама кам ба гӯшту маҳсулоти гӯштӣ (1,77 кг), ҳамчунин ба моҳӣ ва маҳсулоти моҳигӣ (0,04 кг) рост меояд. Дар муқоиса бо соли 2018 тағйирот ночиз аст, танҳо истеъмоли сабзавот 22,3% афзудааст. Истеъмоли ширу маҳсулоти ширӣ ва равғани растанӣ мутаносибан 15,6% ва 2,5% коҳиш ёфтааст.

Таъмин набудани аҳолӣ бо озуқаворӣ вазъиятеро ифода мекунад, ки дастрасии доимии физикӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ба миқдори кофии озуқавории серғизо ва барои саломатӣ бехатар, ки ба талаботу бартариятҳои ғизоии онҳо ҷавобгӯянд ва барои бурдани тарзи ҳаёти фаъолонаю солим заруранд, маҳрум мебошанд.

Сатҳи истеъмол на танҳо аз бузургии буҷет, балки аз ҳайати хоҷагии хонаводагӣ вобаста аст. Бо сабаби нобаробарии даромадҳои пулӣ таркиби маҳсулоти хӯроквории дар хоҷагиҳои хонаводагии маҳалли шаҳр ва маҳалли деҳот истеъмолшаванда фарқ мекунад. Дар хоҷагиҳои хонаводагии маҳалли шаҳр истеъмоли маҳсулоти шир, моҳӣ ва гӯшт бештар аст, дар маҳалли деҳот бошад маҳсулоти нонӣ, меваҳо, сабзавот ва картошкаро бештар истеъмол мекунанд.

Ҳамин тариқ, таркиби ғизои тановулшаванда на танҳо омили муайянкунандаи вазъи ҷисмонӣ, балки солимии руҳониамон, яъне соҳаҳои эҳсосӣ ва зеҳнӣ низ мебошад. Зимнан беҳсозӣ ва такмили ғизо дар баробари «таълиму тарбияи экологии шахсият» на танҳо саломатии инсон, балки раванди мутобиқшавии иҷтимоии он, идоракунӣ ва қонунэҷодкуниро куллан тағйир медиҳад.

Бо мақсади муайян намудани нишондиҳандаи маҷмӯи сатҳ ва сифати ҳаёти аҳолӣ, индекси рушди инсон истифода мешавад, ки шомили нишондиҳандаҳои давомнокии умр, сатҳи саводнокӣ, маълумот ва сатҳи зиндагиро дар бар мегирад. Яке аз омилҳои муҳимтарини муайянкунандаи сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ сатҳи сармояи инсонӣ ба ҳисоб меравад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки индекси рушди инсонӣ дар кишварҳои ғарбӣ ба 1,0 наздик мешавад, дар ҳоле, ки он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи 0.48-0.66 мебошад. Соли 2018 дар Тоҷикистон - индекси рушди инсонӣ 0,66 – ро ташкил дод.

Сабаби паст гардидан ва коҳиш ёфтани индекси рушди инсонӣ дар Тоҷикистон ба омилҳои рушди иқтисодӣ – иҷтимоӣ вобаста буда, аз тарафи дигар мутобиқ нагардидани сармояи инсонӣ ба талаботи технология ва инноватсияи муосир мебошад.

Дар асоси назарияи муосири илм сармояи инсонӣ ҳамчун маҷмӯи қобилиятҳои инсонӣ, идеяи такрористеҳсоли сармояи инсонӣ ҳамчун раванди истеҳсоли доимии қобилияти инсонӣ ва истифодаи онҳо аз ҷониби субъект дар фаъолияти худ барои ба даст овардани даромад ташаккул ёфтааст. Аммо бо омӯзиши амиқтари таҷдиди тавлиди сармояи инсонӣ, диққати тадриҷӣ ба омӯзиши раванди истеҳсоли сифатҳои инсонӣ равона карда шуд, ки он танҳо аз нигоҳи манфиатҳои иқтисодии субъектҳои хоҷагидорӣ баррасӣ карда шуд [6].

Дар оянда ба назарияи "сармояи инсонӣ" аҳамияти бештар дода мешавад, зеро он имкон дод, ки падидаҳои муносибатҳои бозаргонӣ омӯхта шаванд ва самаранокии захираҳои молиявие, ки ба омили инсонӣ гузошта шудаанд, ошкор карда шаванд [7].

Олимон мувофиқи мақсад будани сармоягузорӣ ба шахсро дар шакли амонатгузорӣ ва дигар намудҳои захираҳо дар таълим, тарбия, фарҳанг дар ҷомеа ва ҷавонон, инчунин фаромӯш накардани сарнавишти наслҳои оянда, афзоиши нерӯи зеҳнии кишвар ва хоҳиши ба даст овардани манфиатҳои иқтисодӣ тавассути такмили мардум ва баланд бардоштани сатҳи касбии онҳо вобаста намудаанд.

Имрӯз сармоягузорӣ омили муҳимтарин дар мавҷудият ва рушди сармояи инсонӣ ба ҳисоб рафта, дар шароити муосири иқтисодиёти рақамӣ, масъалаи такмили методологияи идоракунии сармояи инсонӣ ҳамчун омили муайянкунанда ва шарти зарурии рушди инноватсионӣ ба ҳисоб меравад.

Бояд қайд намуд, ки масъалаи минбаъдаи рушди сармояи инсонӣ дар Стратегияи миллии рушд барои то давраи солҳои - 2030 ҳамчун афзалияти ҳамаҷониба ва байнисоҳавӣ, ки масъалаҳои маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоиро баррасӣ мекунад, гузошта шудааст.

Аз ин рӯ, дар Стратегияи миллии рушд барои то давраи солҳои -2030, ҳамчун ҳуҷҷати афзалиятнок дар заминаи рушди минтақавӣ, рушди мутавозини минтақаҳо бо диққати махсус ба ҳамбастагии ҳудудии нишондиҳандаҳои асосии сатҳи зиндагӣ ва баланд бардоштани сифати сармояи инсонӣ дар минтақаҳо таъкид карда мешавад.

Мутаносибан, дар марҳилаи кунунии рушди иҷтимоию иқтисодӣ, ташаккули инноватсионии давлат ва ҳадафҳои стратегӣ, ки истифодаи нерӯи меҳнатӣ ва иқтисодии минтақаҳо таъмин карда мешавад, асоси инкишофёбии хоҷагии хонаводагӣ дар маҷмӯъ рушди низоми идоракуниии давлатӣ ба ҳисоб меравад.

Арзёбии вазъияти моддии аҳолӣ, ки аз рӯи сатҳи даромади хоҷагии хонаводагӣ, яъне аз рӯи суммаи хароҷоти пулии масрафшуда ва арзиши воридоти аслӣ барои истеъмоли шахсӣ муқоиса мешавад, имкон медиҳад ҳамаи омилҳои имконпазир, ки иқтидори даромадии хоҷагиҳои хонаводагиро муайян мекунанд, ба назар гирифта шавад. Таносуби даромадҳою хароҷоти хоҷагиҳои хонаводагӣ профитсит ё касри воситаҳои пулиро ташаккул медиҳанд. Барои фаъолияти мӯътадили ҳаётии аҳолӣ дар буҷети онҳо бояд профитсит ташаккул ёбад, ки пасандозро ифода менамояд.

Ҳаҷми пасандозҳо, ки дар ихтиёри хоҷагиҳои хонаводагӣ қарор доранд, бо инвеститсияҳои давлатӣ ба бахши воқеӣ, аз рӯи баъзе арзёбиҳо бошад бо ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ муқоисапазир аст.

Ба рафтори пасандозии хоҷагиҳои хонаводагӣ омилҳои микросатҳ таъсири аз ҳама зиёд мерасонанд. Сабаб дар он аст, ки ин соҳаи муносибатҳои молиявӣ аз ҷониби давлат ба ҳадди ақал танзим карда мешавад, ҳамчунин инструментҳои таъсири бевосита ба раванди тақсими даромади дар ихтиёри хоҷагиҳои хонавода буда вуҷуд надоранд. Ғайр аз ин, омили инсонӣ аҳамияти калон дорад, зеро маҳз аъзои хоҷагиҳои хонаводагӣ ин ё он қарорҳои молиявиро қабул мекунанд, ки бо шаклҳои гирифтани даромадҳо ва ба истифода равона кардани онҳо алоқамандананд.

Пасандози хоҷагиҳои хонаводагӣ, ғайр аз манбаи сармоягузорӣ будан, ҳамчунин воситаи рафъи маҳдудияти даромад барои қонеъ гардонидани талабот ва афзоиши истеъмол дар оянда мебошад. Бо ақидаи дигар гӯем, пасандози хоҷагиҳои хонавода тасбиткунандаи ба худ хосе мебошад, ки амнияти иқтисодии хоҷагиҳои хонаводагиро таъмин мекунад.

Он нуқтаро, ки хоҷагиҳои хонаводагии вилояти Суғд бо нигоҳ доштани қисми назарраси пасандоз дар шакли ғайриистеҳсолӣ, берун аз институтҳои низоми молиявию кредитӣ афзалият медиҳанд, таҳлили муқоисавии бузургии миёнаи суғуртаи бонкии хоҷагиҳои хонаводагӣ ба ҳар сари аҳолӣ тасдиқ мекунад. Ҳаҷми миёнаи супурдаи бонкии хоҷагиҳои хонаводагии ҷумҳурӣ ҳамагӣ 2,58[1] бузургии даромади миёнаи якмоҳаро ба ҳар сари аҳолӣ ташкил мекунад.

Ҳамин тариқ, ба майли пасандозии хоҷагиҳои хонаводагӣ, тибқи тахмини мо, бояд омилҳои муҳими иҷтимоию иқтисодии зерин таъсир расонанд: дар шароити устувории нисбии иҷтимоию иқтисодии минтақа афзоиши даромадҳои пулӣ бояд хоҷагиҳои хонаводагиро ба зиёд намудани майл ба пасандоз ҳавасманд гардонад, то дар оянда ба харидҳои калон маблағгузорӣ кунанд, захираи назарраси маблағҳои пулӣ «барои рӯзи мабодо» дошта бошанд, инчунин банақшагирии хароҷот ва назорати иҷрои қисми хароҷоти буҷети хонавода, идоракунии оқилонаи моддаҳои алоҳидаи он метавонад то андозае тамоюли манфиро сабук намояд.

Сармоягузории хонавода бо ҳиссаи пасандозҳои истифодашаванда (сармоягузорӣ ба муассисаҳои гуногуни молиявӣ ва истеҳсолоти воқеӣ) алоқаманд аст. Дар асл, афзоиши ҳиссаи истеъмол омили ба афзоиши сармоягузорӣ дар иқтисодиёт мусоидаткунанда мебошад.

Дар заминаи афзоиши даромади хонавода дар вилояти Суғд ва минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, коҳиш додани фарқияти онҳо ва коҳишёбии устувори таваррум эҳтимолияти майлнокии хонаводаҳоро барои сарфаҷӯӣ зиёд мекунад

[1] Манбаъ: Нишондиҳандаҳои асосии тадқиқи буҷетҳои хоҷагиҳои хонаводагии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти ҶумҳурииТоҷикистон, 2019. С. 73. саҳ.13-27

ва мутаносибан фаъолияти сармоягузории минтақавӣ дар заминаи онҳо афзоиш намеёбад.

Бинобар ин модернизатсияи босифати низоми сиёсати иқтисодии минтақавӣ дар самти ҳавасмандгардонии хонаводаҳо ба амонатгузорӣ, таъсиси институтҳо ва механизмҳои нав ба баланд бардоштани сифатии эътимоди як қисми аҳолӣ ба ташкилотҳои молиявию қарзӣ, аз ҷумла муассисаҳои ғайрибонкӣ, ба монанди муассисаи фондҳои ғайридавлатии нафақа, фондҳои муштарак ва ғайра гардад.

**Адабиёт**


1. Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019, маҷмӯаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе 2019.
2. Дастури методии «Ғизои ратсионалӣ и мувозинатнокии кӯдакон ва ҷавонони синни мактабӣ»-и Пажӯҳишгоҳи давлатии ғизои Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон
3. Продовольственная безопасность и бедность №1-2019. Агентство по статистике при Президенте РТ, Душанбе, 2019 стр.79
4. Солномаи омории вилояти Суғд. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилоти Суғд. – Хуҷанд, 2019. – С. 116
5. Нишондиҳандаҳои асосии тадқиқи буҷетҳои хоҷагиҳои хонаводагии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти ҶумҳурииТоҷикистон, 2019. С. 73.
6. Лобачева, Е. Н. Роль человеческого капитала в инновационной экономике / Е. Н. Лобачева, Л. Н. Борисенкова // Гуманитарный вестник. – 2013. – №. 8.
7. Шульгина, Л. В. Человеческий капитал как объект социальной защиты / Л. В. Шульгина, С. В. Якимчук // ФЭС: Финансы. Экономика. – Воронеж: Финэкономсервис 2000. – 2010. – № 12. – С. 7-11.


## СОВРЕМЕННЫЕ ОСОБЕННОСТИ РЕГУЛИРОВАНИЯ ХОЗЯЙСТВЕННОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ И ЕЕ ФАКТОРЫ, ВЛИЯЮЩИЕ НА РАЗВИТИЕ РЕГИОНА

***Негматова Ш. Ғ.***

**Аннотация:** в статье рассматривается роль регулирования деятельности домашнего хозяйства и факторов, влияющих на региональное развитие, совершенствование механизмов государственного управления социально-экономической системой Республики Таджикистан. Роль и значение регулирования экономических процессов, обеспечения единого экономического пространства, реализации структурной и инвестиционной политики, социально-экономического развития страны способствующее повышению конкурентоспособности экономики региона. Был проведен анализ и оценка развития домашнего хозяйства и на основании этого были определены важнейшие факторы воздействующие на развития Согдийской области Республики Таджикистан. В связи с этим в статье рассматривается цена потребительской корзины в регулировании экономики домохозяйств региона. Вместе с тем в статье анализируется роль человеческого капитала и его инвестиций в социально-экономическое развитие региона, а также анализируются показатели развития человеческого индекса.

**Ключевые слова:** домохозяйство, индекс человеческого развития, человеческий капитал, доход семьи, модель социального развития.

## MODERN FEATURES OF THE REGULATION OF ECONOMIC ACTIVITIES AND ITS FACTORS AFFECTING THE DEVELOPMENT OF THE REGION

***Negmatova Sh. G.***

The article examines the role of regulation of household activities and factors affecting regional development, improving the mechanisms of state management of the socio-economic system of the Republic of Tajikistan. The role and importance of regulating economic processes, ensuring a single economic space, implementing structural and investment policies, socio-economic development of the country, contributing to the increase in the competitiveness of the region's economy. An analysis and assessment of the development of the household was carried out and on the basis of this, the most important factors affecting the development of the Sughd region of the Republic of Tajikistan were identified. In this regard, the article examines the price of the consumer basket in the regulation of the economy of households in the region. At the same time, the article analyzes the role of human capital and its investments in the socio-economic development of the region, as well as analyzes the indicators of the development of the human index. Key words: household, human development index, human capital, family income, social development model.

**Маълумот дар бораи муаллиф:**

**Негматова Шоҳида Ғуфроновна –** н.и.и. дотсенти Донишгохи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

**УДК 336+336.7 (075.8)**

# САРМОЯГУЗОРИҲОИ ИСТИФОДАИ ОҚИЛОНА ВА БОСУБОТИ ЗАМИНҲОИ КИШОВАРЗӢ

***Комилов Н. Б., Маҳмудова Ш.Ҳ.***

***Аннотатсия:*** *дар мақола муҳимтарин ҷанбаҳои сармоягузориҳои истифодаи оқилонаи босуботи заминҳои кишоварзӣ мавриди таҳқиқот қарор гирифтааст. Муҳимияти сармоягӯзори дар самти истифодаи оқилонаи заминҳои кишоварзӣ, нақш ва идоракунии ҷараёнҳои сармоягузориро дар мисоли корхонаҳо ва хоҷагиҳои кишоварзӣ, мушкилоти идоракунии ҷараёнҳои сармоягузориро дар соҳаи аграрӣ ва корхонаҳои комплекси агросаноатӣ, тадбиқи лоиҳаҳои сармоягӯзорӣ дар сектори аграрӣ кишвар, тадбиқи лоиҳаҳои сармоягӯзорӣ дар рушди соҳаи кишоварзӣ хусусан истифодаи замин дар минтақаи Кӯлоб аз ҷониби муаллифи мақола мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Ҳамзамон, муаллиф вазъи татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва шарикони рушд дар соҳаи истифодаи замин дар минтақаи Кӯлобро таҳлил намуда, якчанд нуқтаи муҳимро барои беҳтар намудани вазъи сармоягузории хориҷӣ аз таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ пешниҳод кардааст. Дар маҷмӯъ нуктаҳои муҳимтарини сармоягӯзориҳо дар самти истифодаи захираҳои замин ва механизми амалигардонидани лоиҳаҳои сармоягӯзорӣ дар соҳаи кишоварзӣ илман асоснок кардашуда, мушкилотҳои соҳа аз ҷониби муҳаққиқ дарёфт кардашуд ва барои беҳтарсозии фазои сармоягӯзорӣ дар самти замиҳои кишоварзӣ тавсияҳои мушахас кардааст.*

***Калидвожаҳо:*** *истифодаи замин, захираҳои замин, сармоягӯзори истифодаи замин, сармоягузории соҳаи кишоварзӣ, рушдуи босуботи иқтисодӣ, ҷалби сармоягӯзорӣ, амалигардонии лоиҳаҳои сармоягӯзорӣ, заминҳои минтақаи Кӯлоб.*

Амалигардонии стратегияи рушди устувори сектори агарарии кишвар, ҷорӣ намудани комлекси тадбирҳои мелиоративӣ ва таҷдиду таъмири системаи обёрикунони заминҳо, баландбардории самаранокии захираҳои заминҳои кишоварзиро бидуни сармоягузорӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Дар ин радиф, мавриди зикр аст, ки яке аз самтҳои асосии такмили механизми иқтисодии танзими муносибатҳои заминдорӣ дар минтақаи Кӯлоб ин рушди самоягузориҳои дар сектори аграрӣ ба ҳисоб меравад. Хусусан, нақши сармоягузориҳо дар рушди устувори муносибатҳои заминдорӣ ва заминистифодабарӣ мавриди зикр аст. Маълум аст, ки мақсади ҳамагуна фаъолияти сармоямоягузорӣ ин ба даст овардани ягон намуди самара (фоида ё самараи иҷтимоӣ-экологӣ) мебошад.

Шарти дигар ин аст, ки самара аз ин сармоягузориҳо бояд миёна бошаду бо хароҷоти минималӣ ба даст оварда шавад, зеро ин тақозои иқтисоди бозорӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, фаъолияти сармоягузорӣ чӣ дар доираи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва чӣ мавриди қабули қарорҳои мустақим оид ба онҳо на танҳо дар дараҷаи корхонаву ташкилотҳо, компанияву фондҳои сармоягузорӣ, балки дар сатҳи давлат ва сохторҳои ҳудудии идоракунии он мавриди таҳлилу омӯзишҳои ҳамаҷониба қарор дода мешаванд. Яъне, фаъолияти сармоягузорӣ дар ҳама дараҷаҳои номбурда бояд öнчунон коркард ва амалӣ гардонида шаванд, ки натиҷаҳои онҳо ба сиёсати сармоягузории давлат мувофиқат намуда, ҳамзамон самаранокии нақшаҳо стратегии давлатро дар бахши сармоягузорӣ таъмин карда тавонанд. Мавриди омӯзишу таҳлилу натиҷагирии мо корхонаҳои аграрӣ қарор гирифтаанд. Яъне, мо нақш ва идоракунии ҷараёнҳои сармоягузориро дар мисоли корхонаҳо ва хоҷагиҳои кишоварзӣ дида баромада, мушкилоту камбудиҳои дар ин самт ҷойдоштаро ошкор намуда, таъсири ин гузоришҳоро ба самаранокии низоми заминдорию заминистифодабарӣ дар мисоли субъектҳои хоҷагидории кишоварзии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон баррасӣ қарор медиҳем. Чунин иқдом, албатта ба худ сабабҳоро доро мебошад.

Аксари муҳаққиқони ин мавзӯъ сабаби нокомии фаъолияти сармоягузории корхонаҳои соҳаи аграриро дар сифати пасти идоракунии ҷараёнҳои сармоягузорӣ медонанд. Иқтисоддони ватанӣ Тағоев Ҷ.Ҳ-иброз медорад,ки “идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар корхонаҳои агросаноатӣ ҳам дар доираи амалигардонии чорабиниҳои давлатӣ (сармоягузориҳо ва молиягузориҳои давлатӣ) ва ҳам дар доираи худи корхонаҳои кишоварзӣ дар сатҳи нисбатан паст қарор доранд. Аз ин рӯ, дар бештари ҳолатҳо сармояҳои гузошташуда ғайримақсаднок ва ғайрисамаранок истифода бурда

мешаванд”[6,С.151-157]. Аз ҷониби дигар олимони рус Акимова Т.А., Хаскин бар он ақидаанд, ки «... яке аз сабаби асосии ин раванд таҷдиди сохтории табиатғунҷоишӣ, ки дар натиҷаи он қисмати зиёди сармояҳо ба соҳаҳои коркардаи ашёҳои хоми саноатӣ равона карда мешаван»[1]

Мушкилоти идоракунии ҷараёнҳои сармоягузориро дар соҳаи аграрӣ ва корхонаҳои комплекси агросаноатӣ метавон чунин арзёбӣ намуд:

1) Набудани барномаҳои комплексии рушди босуботи фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ. Яъне, сараввал объекту иншоотҳои хусусияти инфрасохтори истеҳсолӣ доштаи соҳаро гурӯҳбандӣ кардан лозим аст. Баъдан, муайян кардан лозим аст, ки ин объектҳои номбурда ҳар сол то чанд фоиз аз ҳисоби маблағгузориҳои буҷаи давлатӣ тавассути вазорати кишоварзӣ, вазорати мелиоратсия ва захираҳои обӣ ва дигар мақомоти ба кишоварзӣ алоқаманд, азнавбарқароркунӣ, васеъкунӣ ва таҷдид карда мешаванд. Ҳамчунин муқаррар кардан лозим аст, ки объектҳои хусусияти инфрасохтори истеҳсолӣ дошта дар дараҷаи вилоятҳо ва ноҳияҳо чӣ гуна сармоягузорӣ карда мешавад. Хуласи калом муқаррар кардан лозим аст, ки кадом намуди объектҳои хусусияти инфрасохтори истеҳсолӣ доштаи кишоварзӣ аз ҷониби кӣ ва дар кадом андозаҳо аз кадом ҳисоб нигоҳдорӣ шуда, амалкарди мӯътадили фаъолияташон таъмин мегардад.

2) Набудани як механизми мукаммалу шаффоф, ки истифодаи мақсаднок, самаранок ва ҳамаҷониба шаффофи маблағҳои аз ҷониби буҷаи давлат ва буҷаҳои ҳукуматҳои маҳаллӣ ҷудошударо барои истифодаи самаранок ва ҳифзи захираҳои замин таъмин карда тавонад. Яъне чунин як механизмро кор карда баромадан лозим меояд.

3) Иштироки начандон фаъолона ва мустақими давлат дар фаъолияти сармоягузории соҳаи кишоварзӣ.

4) Камҳавсалагӣ ва бемасъулиятии роҳбарони корхонаҳои давлатӣ ва корхонаҳои коллективии кишоварзӣ. Яъне, ҳамон хусусияти таъинотии роҳбари корхонаи давлатӣ аз ҷониби сохторҳои давлатӣ ва ҳукумати маҳаллӣ роҳбарони ин корхонаҳоро то андозае дилхунуку сархунук мегардонад. Бо ибораи дигар, ташаббус ва соҳибкори воқеӣ буданро дар замири онҳо ҳамин ба кор мондану аз кор гирифтанҳо маҳв месозад.

5) Кам будани мутахассисони баландихтисос дар бахши шинохти инвестисияҳо ва кор бо лоиҳаҳои аз ҷониби инвесторҳои хориҷӣ молиякунонишаванда, ҳимояи манфиатҳои молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ мавриди амалигардонии инвеститсияҳои хориҷӣ, баҳодиҳии паҳлӯҳои мусбӣ ва манфии ин ва ё он намуди сарчашмаҳои молиякунонии инвеститсияҳо, ки аз ҷониби инвесторҳои хориҷӣ сармоягузорӣ мешаванд.

6) Вазъи молиявии аксари корхонаҳои кишоварзӣ имкон намедиҳад, ки маблағи заруриро барои фаъолияти сармоягузорӣ ҷудо намоянд. Ҳатто дар бештари ҳолатҳо яке аз сарчашмаҳои доимии ҷамъшавии маблағҳои пулӣ барои молиякунонии сармоягузориҳо- фонди истеҳлокӣ низ барои харидкунии фондҳои гардони корхонаҳо истифода бурда мешавад.

7) Қисмати зиёди корхонаҳои кишоварзиро хоҷагии деҳқонӣ ташкил медиҳанд, ки барои ҳар кадоми онҳо дар алоҳидагӣ харидкунии техникаи зарурӣ аз нигоҳи иқтисодӣ ғайрисамаранок мебошад. Аз ин рӯ, дар ин самт низ идоракунию танзими фаъолияти сармоягузорӣ мушкилиҳои худро дорад.

8) Мушкилоти аз ҳама асосӣ он аст, ки ҷомеа имрӯз фаҳмидан намехоҳад, ки кишоварзӣ имрӯзҳо бо заминҳои аҳамияти кишоварзӣ доштааш, бо шароити табиӣ барои истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ мувофиқаш ба соҳаи аввалиндараҷаи иқтисодиёти ҳар як давлати дунё табдил ёфтааст. Замоне расидааст, ки ба кишоварзӣ, рушди босуботи он ва КАС аз дигар равзана баҳо диҳем. Яъне, худро ба шаҳрҳо задану вазъи бе ин ҳам мушкили аҳолии шаҳру шаҳрдориро мушкилтар кардан лозим нест, балки бо дастгирии ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути барномаҳо ва лоиҳаҳои аз ҷониби вазоратҳои он коркардшуда бояд ба обод гардонидани тамоми марзи кишварамон бо роҳи бунёди деҳаҳо ва ҷамоатҳои нав оғоз намоем. Ва дар ин ҷода бунёди корхонаҳои агросаноатӣ нақши муҳимро мебозанд, зеро дар ҳолати босубот фаъолият кардани онҳо аҳолӣ соҳиби ҷои кори доимӣ гардида, ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ ва коркарди саноатии он афзоиш ёфта, бехатарии озуқавории аҳолии кишвар таъмин мегардад. Албатта, чунин як рушди босуботи иқтисодиёти корхонаҳои КАС, пеш аз ҳама фаъолияти сармоягузории босубот ва идоракунии самараноки ҷараёнҳои сармоягузориро тақозо мекунад.

Тадбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар самти заминдорӣ агар аз як тараф барои обёрикунонии он мусоидат кунад ва аз тарафи дигар барои ҳосилнокии баланди заминҳо таъсири калон дорад. Мавриди зикр аст, ки аз ҳисоби маблағгузории давлатӣ барои амалисозии барномаҳои бахши аграрии кишвар хусусан дар самти обёрикунонии заминҳо 18,7 млн. сом. ва ҷиҳати харидории техникаи кишоварзӣ тариқи лизинг - 15 млн. сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки имрӯз дар ҷумҳурӣ бо дастгирии ниҳодҳои молиявии байналмилалӣ ва сармоягузорони мутақим ба маблағи умумии 209,9 млн. доллари ИМА 9 лоиҳа дар бахши аграрӣ дар ҳолати тадбиқшавӣ мебошанд. [2,С.182-189].

Қобили қайд аст, ки дар назарияи илмӣ ва таҷрибаи амалӣ маблағгузориҳои асосӣ ё худ инвеститсияҳо ба капитали асосӣ ин гузориши маблағҳои молию пулии дарозмуддате мебошанд, ки барои харидкунӣ, азнавбарқароркунӣ, таҷдид, васеъкунӣ ва сохтмони фондҳои асосии корхонаҳо равона карда мешаванд. Яъне, маблағгузориҳои асосӣ сарчашмаи молиякунонии сохтмонҳои

капиталӣ дар ин ва ё он соҳаи иқтисодиёт, аз ҷумла соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб меравaнд. Дар навбати худ сохтмони капиталӣ яке аз шаклҳои асосии такрористеҳсоли фондҳои асосии корхонаву ташкилотҳои кишоварзи ба шумор меравад, ки бидуни мавҷудияти онҳо комёб шудан ба истифодаи самараноки захираҳои замини кишоварзи дар ин ва ё он минтақаи кишоварзӣ ғайриимкон аст.

Дар Стратегияи миллии рушд барои солҳои 2016-2030 ва ҳам барномаи миёнамӯҳлати рушди иқтисодиву иҷтимоии ҷумҳурӣ барои солҳои 2016-2020 ба масоили таъмини сармоягузории рушди сектори реалии иқтисодиёт диққати ниҳоят ҷиддӣ дода шудааст.

Бо мақсади рушди беҳдошти замин ва обёрии он инчунин самаранокии замин ва ҳифзи аҳолии деҳот аз ҳаргуна офатҳои табиӣ, хусусан, обхезӣ, ки ба заминҳои таъйиноти кишоварзӣ ҳисороти зиёд меоварад, дар кишвар айни замон 4-лоиҳаҳои сармоягузорӣ мавриди тадбиқи амал қарор гирифта шуда аст. (ниг.ба ҷадвали 1)

**Ҷадвали 1**

**Тадбиқи лоиҳаҳои сармоягӯзорӣ дар самти дасгирии беҳдошти замин ва обёрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо млн долар)**

| Номгӯи лоиҳаҳо | Сармоягузорон ва шарикони рушд | Маблағи умумии лоиҳа |
|---|---|---|
| Таъминоти шуғли аҳолӣ барои устувории хоҷагии қишлоқ ва идоракунии захираҳои обӣ (марҳилаи 2.) | Барномаи глобалии хоҷагии қишлоқ ва амнияти озуқаворӣ, Ассотсиатсияи Байналмиллалии Рушд | 57,90 млн |
| Таъмини устувории ҳавзаи дарёи Панҷ ба тағйирёбии иқлим | Бонки Осиёгии Рушд ва Ҳукумати ҶТ | 13,59 млн |
| Соҳилмустаҳкамкунӣ, сохтмони садҳо ва дандонасадҳои соҳилмуҳофизатӣ дар дарёи Панҷ ва сойи Чубекча дар ноҳияи М.С. А. Ҳамадонӣ | Маркази имдод ва корҳои башардӯстонаи Подшоҳ Салмон Шоҳигарии Арабистони Саудӣ | 6,354 млн |
| Лоиҳаи идоракунии захираҳои об дар ҳавзаи дарёи Панҷ | Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки Осиёгии Рушд ва гранти Фонди коҳиши камбизоатии Ҷопон | 31,61млн |

**Сарчашма: Маҷалаи расмии Кумитаи идораи замин ва геодезии Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон «Сарзамин»-№11-12/ 2016 .-Душанбе.- С. 10-11.**

Лоиҳаи таъминоти шуғли аҳолӣ барои устувории хоҷагии қишлоқ ва идоракунии захираҳои обӣ (марҳилаи 2) дар ноҳияҳои вилояти Хатлон, аз ҷумла Ёвон, Ҷ.Балхӣ, Хуросон, Кушониён, А.Ҷомӣ, Дӯстӣ, Восеъ, М.С.А. Ҳамадонӣ,

Панҷ, Н.Хусрав, Ҷайҳун, Вахш, Қабодиён, Данғара, Шаҳритус ва дар се ноҳияи тобеи марказ Ҳисор, Ваҳдат ва Рӯдакӣ амалӣ шуда истодааст. Саҳми барномаи глобалии хоҷагии қишлоқ ва амнияти озуқаворӣ (ФАО) дар лоиҳа 60,78% ва гранти Ассотсиатсияи Байналмиллалии Рушд 39,21% лоиҳаро ташкил медиҳад. Лоиҳа аз соли 2013 оғоз гардида, соли 2020 ба анҷом расидааст. Мавриди зикр аст, ки лоиҳаи мазкур аз ду қисмат иборат буда, дар қисмати якумаш кӯмак расонидан оиди барқарор намудани зерсохторҳои обёрикунонии заҳбуру заҳкашҳо ва қисмати дуюмаш бошад, ин расонидани кӯмаки техникӣ дар тадбиқиислоҳоти қонунгузорӣ дар соҳаи обёрии заминҳо мебошад.

Бо мақсади соҳилмустаҳкамкунии дарёи Панҷ ва ҳифзи заминҳои кишоварзӣ, инчунин, барқарорсозии инфрасохтори ситемаи обёрикунони аз ҷониби Агентии беҳдошти замин ва обёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбиқи лоиҳаи “Таъмини устувориии ҳавзаи дарёи Панҷ ба тағйирёбии иқлим” амалӣ шуда истодааст. Макони амалишавии лоиҳаи мазкур ноҳияҳои наздимарзии Панҷ, Кӯлоб, Восеъ, Дарвоз, Ишкошм, Роштқалъ, Ванҷ ва Рӯшон ба ҳисоб рафта, амалишавии он аз соли 2014 оғоз гардида, соли 2019 ба анҷом расидааст. Сармоягузорӣ асосии лоиҳаи зикргардида Бонки Осиёгии Рушд (95,65%) ба ҳисоб рафта, маблағро ҳамчун грант пардохт мекунад. Ҳиссаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, дар ин лоиҳа 4,35%- ро ташкил медиҳад.

Чуноне, ки таҷриба нишон медиҳад, имкониятҳои молиявии давлат оид ба дастгирии сармояҳо барои истифодаи захираҳои замин, махсусан заминҳои обӣ дар соҳаи кишоварзӣ маҳдуд аст (диаграмаи 1).

**Диаграммаи 1.**

**Ҳаҷми маблағгузорӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои беҳтар кардани ҳолати мелиоративии заминҳои обёришаванда(ҳазор сомонӣ)**




**Сарчашма:** Маълумотҳои омории кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ. -Душанбе: Агентии омори назди ПРТ. 2019.-С. 19-20.

Ин раванд моро водор месозад, ки муносибатамонро нисбати ҷалби сармоя ва сармоягузорон барои рушди соҳаи кишоварзӣ ва истифодаи захираҳои

иқтисодии он кулан тағйир диҳем. Ҳангоми қабули қарорҳо ва лоиҳаҳои сармоягузориҳо ба соҳаи кишоварзӣ ва хоҷагии об, чорабиниҳои мелиоративӣ-ирригатсионӣ ва беҳдошти вазъи экологии заминҳои обӣ ва фароҳам овардани иқлими мусоиди ҷалби сармояҳо ба истифодаи самараноки заминҳои обӣ ва ташаккули барномаҳои сармоягузорӣ, инчунин ҷолиб будани пуружаҳои сармоявӣ дар мадди аввал гузошта шавад.

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 оварда шудааст: “хавфи баланди офатҳои табиӣ ва осебпазирӣ ба оқибатҳои тағйирёбии иқлим, ки барои рушди устувор таҳдидҳоро ба вуҷуд меоранд”[5]. Аз ин рӯ, барои ҳалли ин мушкилотҳои мавҷуда Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо шарикони рушд тадбиқи лоиҳаи сармоягузории “Соҳилмустаҳкамкунӣ, сохтмони садҳо ва дандонасадҳои соҳилмуҳофизатӣ дар дарёи Панҷ ва сойи Чубек дар ноҳияи М.С.А.Ҳамадонии вилояти Хатлон”-ро ба роҳ монда аст. Амалишавии лоиҳаи мазкур дар ноҳияҳои Панҷ ва М.С.А. Ҳамадонӣ сурат гирифта, соли 2017 оғоз ва соли 2018 ба итмом расид.

Ҳамзамон бо саъю кӯшишҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ мақсади ба низом даровардани кадастри замин, рушди чорводорӣ ва чарогоҳҳо ва соҳибкорӣ, шуғли аҳолӣ, идоракунии захираҳои обӣ, идоракунии экологии заминҳо дар сектори аграрӣ ҷумҳурӣ лоиҳаҳои сармоягузорӣ тадбиқ шуда истодаанд, ки муҳимтарини онҳоро ба мақсади муайян намудани нақши онҳо дар танзим ва самаранокии муносибатҳои заминдорию заминистифодабарӣ дар ҷумҳурӣ ва минтақаи Кӯлоб мавриди баррасӣ қарор медиҳем. (ниг. ба ҷадв 2)

**Ҷадвали 2.**

**Тадбиқи лоиҳаҳои сармоягӯзорӣ дар рушди соҳаи кишоварзӣ хусусан истифодаи замин ва (бо млн. доллар)**

| Р/Т | Номгӯи лоиҳаҳо | Оғози лоиҳа | Анҷоми лоиҳа | Шарикони рушд ва сармоягузорон | Маблағи умумии лоиҳа |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Бақайдгирӣ ва системаи кадастри замин баҳри тараққиёти устувори соҳаи кишоварзӣ | 2005 | 2016 | Гранти Бонки ҷаҳонӣ ва Ҳукумати ҶТ. | 20,53 |
| 2 | Рушди чорводорӣ ва чарогоҳҳо | 2012 | 2017 | ФБРКО(ФАО) ва Ҳукумати ҶТ | 15,55 |
| 3 | Рушди соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ | 2015 | 2020 | Гранти АБР | 14,16 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 4 | Лоиҳаи таъмини шуғли аҳолӣ барои устувории хоҷагии қишлоқ ва идоракунии захираҳои обӣ (марҳилаи якум) | 2013 | 2018 | Гранти ФАО ва гранти Бонки Умумиҷаҳонӣ | 45,9млн доллар |
| 5 | Идоракунии экологии замин ва беҳдошти воситаҳои зиндагӣ дар деҳот | 2013 | 2018 | Бонки умумиҷаҳонӣ | 16,87 млн доллар |

1. **Сарчашма:** Маҷалаи расмии Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумхурии Тоҷикистон «Сарзамин»-№1-2, 2017. Душанбе-С.5.

Татбиқи лоиҳаи «Бақайдгирӣ ва системаи кадастри замин баҳри тараққиёти устувори соҳаи кишоварзӣ» барои аз нав ташкилдиҳии ташкилотҳои кишоварзӣ ва дар заминаи онҳо таъсис додани хоҷагиҳои деҳқонии оилавӣ ва инфиродӣ мусоидати комил мекунад. Мақсади асосии татбиқи лоиҳаи мазкур ин барқарорсозии шабакаҳои обёрии дохили хоҷагӣ ва мусоидати Асотсиатсияҳои истифодабарандагони об, ба тариқи озмоишӣ шурӯъ намудани корҳои бақайдгирии қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ, хоҷагиҳои ёрирасон ва дигар молу мулки ғайриманқул дар шаҳру ноҳияҳои пилотӣ, мебошад. Мавриди зикри аст, ки лоиҳаи мазкур аз бахшҳои алоҳида иборат аст ва ҳар як бахши он баҳри тараққиёти соҳаи кишоварзӣ ва истифодаи дурусти замин равона карда шудааст, ки муҳимтаринашон инҳо мебошанд: [4,С.235-239].

-бахши азнавташкилдиҳии ташкилотҳои кишоварзӣ ва бақайдгирии замин;

-бахши иттилоотӣ дар ташкилотҳои кишоварзӣ ва барқарорсозии шабакаҳои обёрии заминҳои дохили хоҷагӣ;

-бахши идораи лоиҳа;

-бахши дастгирии сиёсат.

Тавре аз ҷадвал маълум аст дар ин лоиҳа гранти Бонки умумиҷаҳонӣ 10,09 млн. доллар ва гранти иловагии бонки мазкур 10,000 млн. доллар ва саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 0,2 млн доллар иборат буда, дар маҷмӯъ арзиши умумии лоиҳа 20,53 млн долларро ташкил медиҳад. Дар доираи татбиқи лоиҳа шумораи умумии сертификатҳои ҳуқуқи истифодаи замини ба хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ ва оилавӣ супоридашуда дар шаш моҳи соли 2015 - 13462 адад ва аз аввали татбиқи лоиҳа 122723 ададро ташкил медиҳад. Инчунин, соли 2016 барои корҳои барқарорсозии шабакаҳои обёрии дохилихоҷагӣ 6 - Асотсиатсияи истифодабарандагони об дар ноҳияҳои Вахш, Кӯлоб, Тоҷикобод, Ҷомӣ, Рӯшон ва Мӯминобод ба маблағи 99,0 ҳаз. доллари ИМА маблағгузорӣ карда шуданд. Умуман, дар ҷумҳурӣ аз аввали татбиқи лоиҳа 73 Ассотсиатсияи истифодабарандагони об ташкил ва ба маблағи зиёда аз 1,55 млн. доллари ИМА маблағгузорӣ гардидаанд[6].

Дигар лоиҳаи сармоягузорие, ки дар рушди соҳаи кишоварзӣ хусусан дар такмил додан ва танзими иқтисодии муносибатҳои заминдорӣ дар сектори аграрии кишвар мусоидат мекунад ин лоиҳаи «Рушди чорводорӣ ва чарогоҳҳо» мебошад. Ҳадафи асосии лоиҳа паст намудани сатҳи камбизоатии аҳолии ноҳияҳои интихобшудаи вилояти Хатлон (махсусан, ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб) тавассути баланд бардоштани таъминот бо озуқа, мусоидат дар афзун намудани даромаднокии 22400 хонаводаҳои камбизоат ва дар ин замина зиёд намудани маҳсулнокии чорводорӣ ва идоракунии самараноки заминҳои чарогоҳҳо мебошад. Дар тадбиқи лоиҳаи мазкур саҳм гузоштанд: Фонди байналмиллалии рушди кишоварзӣ 14,6 млн. доллар (93,9%), ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 0,33 млн. доллар (2,1%), бенифисаирҳо (истифодабарандагон)-0,62 млн. доллар (4,0%) буда, арзиши лоиҳавии он 15,55 млн. долларро ташкил медиҳад. Лоиҳаи мазкур аз бахшҳои зерин иборат аст: рушди институтсионалӣ,рушди чорводорӣ ва чарогоҳҳо,ташаккули даромадҳо барои занҳо,идоракунии лоиҳа.

Аз аввали татбиқи лоиҳа дар ноҳияҳои Шамсиддин Шоҳин, Мӯъминобод, Темурмалик, Ховалинг ва Балҷувон ҳамагӣ 203 ҷамъияти истифодабарандагони чарогоҳ ташкил гардидааст. Роҳбарияти ҷамъиятҳои истифодабарандагони чарогоҳҳои навбунёд аз ҷониби масъулини Марказ ва аз ҷониби ташкилотҳои татбиққунандаи сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти рушди чорводорӣ ва чарогоҳҳо маълумот гирифта, барои онҳо курсҳои омӯзиши зарурӣ гузаронида шудаанд ва онҳо дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чарогоҳ» ба фаъолият шурӯъ намудаанд. Дар доираи қисмати “Рушди чорводорӣ ва чарогоҳҳо”-и лоиҳа дар ноҳияҳои Шамсиддин Шоҳин, Мӯъминобод, Темурмалик, Балҷувон ва Ховалинг зиёда аз 100 зерлоиҳаи инвеститсионӣ омода карда шуданд, ки айни замон зерлоиҳаҳои мазкур дар марҳилаи баррасӣ аз ҷониби мутассадиёни лоиҳа қарор доранд ва баъд аз тасдиқи онҳо маблағгузорӣ ва татбиқи ин зерлоиҳаҳо аз ҷониби Марказ шурӯъ хоҳад гардид. Зерлоиҳаҳои пешниҳодгардида асосан ба таъмини оби нӯшоки барои чорво дар чарогоҳҳо, сохтмони инфрасохтор барои нигаҳдории чорво дар чарогоҳҳои тобистона, таъмини мошинолоти кишоварзӣ барои кишт ва ҷамъоварии хӯроки чорво ва пешгирии таназзули чарогоҳҳо равона гардидаанд. Дар доираи қисмати “Ташаккули даромад барои занҳо” дар маҷмӯъ дар давоми нимсолаи аввали соли равон дар ноҳияҳои пилотӣ 27 гурӯҳи манфиати муштаракдор, ки дар маҷмӯъ 240 зан аз оилаҳои камбизоатро дарбар мегиранд, барои дастрас намудани бастаи чорвои хурд, ташкил карда шуд. Айни замон раванди таъмини ин гурӯҳҳо бо чорвои хурди шохдор ва хӯроки зимистона барои чорвои дастрасшаванда идома дорад. Дар назар аст, ки 240 хонаводаи камбизоат бо 1200 сар чорвои хурд таъмин хоҳанд гардид. Аз рӯи нақша ҳар як

оила бо 3 сар бӯз, 2 сар гӯсфанд ва хӯроки чорво барои мавсими зимистонгузаронӣ таъмин хоҳанд гашт.

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ яке аз роҳҳои баромадан аз ин вазъияти ҳалталаб ин иштироки бевоситаи давлат дар фаъолияти сармоягузории корхонаю ташкилотҳои соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Таҷрибаи давлатҳои дорои сектори аграрии тараққикарда нишон медиҳад, ки давлат ба роҳҳои гуногун метавонад дар фаъолияти сармоягузории корхонаю ташкилотҳои соҳаи иштирок намояд. Якчанд нуктаҳои таҷрибаи самараноки мамолики рушдкардаро дар ин бахш мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

1.Давлат аз ҳисоби як қисми маблағҳои буҷавӣ ва маблағҳо аз фондҳои гуногун, ки ҳамасола ба тариқи бебозгашт ба соҳаи кишоварзӣ равона месозад, метавонад дар ҳама ноҳияҳои кишоварзии ҷумҳурӣ корхонаҳои махсусгардонидашуда, яъне стансияҳои моддӣ – техникӣ (СМТ) ташкил диҳад.

2. Бо роҳи ташкили СМТ давлат метавонад дар 5-10 сол БМТ соҳаи кишоварзиро нав кунад, талаботи хоҷагиҳои навташкилро ба техника ва технологияи навтарин таъмин намояд.

3. Ба воситаи ташкили СМТ давлат пеши роҳи ғайримақсаднок истифодашавии маблағҳои аз буҷаи давлат ҷудошударо гирифта, тавассути Вазорати кишоварзӣ бевосита дар соҳаи кишоварзӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мешавад.

4.Ба воситаи ташкили чунин сармоягузориҳо давлат барои дар амал татбиқ намудани сиёсати аграрии пешгирифтааш дар тамоми ноҳияҳои кишоварзии ҷумҳурӣ заминаҳои иқтисодию иҷтимоиро фароҳам меоварад.

5. Зимни ташкили чунин СМТ дар ҳар як ноҳияи ҷумҳурӣ садҳо ҷойҳои кории доимӣ пайдо мегарданд.

6. Мутахассисони соҳа таҷрибаи амалии фаъолияти СМТ-ро таҳлил намуда, ба хулосае омаданд, ки самаранокии истифодаи техникаи кишоварзӣ дар СМТ нисбати дигар шаклҳои фаъолияти хоҷагидорӣ дар кишоварзӣ 25% баланд аст.

7. Дар базаи чунин корхонаҳо Вазорати кишоварзӣ метавонад хизматрасониҳои агрономӣ, байторӣ, зоотехникӣ, инжинерӣ, иқтисодию муҳосиби ( барои супоридани андозҳо, хуҷҷатгузорӣ, кафолат, тайёр кардани бизнес- нақшаҳо, лоиҳаҳои сармоягузорӣ, омӯзиши компютер ва равандҳои ҳокимияти электронӣ)-ро ба тариқи пулакӣ ба роҳ монад. Дар натиҷа норасоии кадрҳо дар соҳаи кишоварзӣ, махсусан дар хоҷагиҳои деҳқонӣ кам шуда, дастрасии онҳо аз хизматрасониҳои номбурда таъмин мегардад.

8.Ҳал шудани мушкилоти бо техника таъмин намудани хоҷагиҳои кишоварзӣ, ба онҳо имкон медиҳад, ки масъалаи норасоии фондҳои гардони

худро аз ҳисоби қарзҳои кӯтоҳмуддати бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилоту муассисаҳои қарзӣ бартараф намоянд.

Ҳамин тариқ, баъди тадқиқ ва таҳлили сармоягузориҳо баҳри танзими рушди низоми заминдорӣ ва заминистифодабарӣ дар соҳаи кишоварзӣ маълум гардид, ки дар ҳоли ҳозир 9 лоиҳаи инвеститсионӣ ба маблағи умумии 940 миллион сомонӣ дар самти беҳтару ҳосилхез кардани заминҳои обёришаванда ва барқарорсозии иншооти обрасонӣ, обёрии заминҳо амалӣ шуда истодааст.

**Адабиёт**


2. Акимова Т.А., Хаскин В.В. Экология. Человек - Экономика - Биота - Среда: Учебник для вузов. /2-е изд., перераб. и доп. – М.: ЮНИТИ- ДАНА, 2000. 566.
3. Комилов Н.Б. Тадбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар самти заминҳои кишоварзии минтақаи Кӯлоб: мушкилот ва дурнамо //Маҷалаи илмии Маркази тадқиқот сатратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон. «Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз»–Душабе-2018. №2(61). -С.182-189.
4. Ҳисоботи сараёсати сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон дар соли ҳисоботии 2018.
5. **Раҳматов У.Р.**-Ҷанбаҳои назариявӣ ва таснифоти сармоягузорӣ// Паёми Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон, бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ 2020. №6//-С.235-239
6. Стратегияи Миллии Рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030-88с.
7. Тағоев Ҷ.Ҳ.. Аграрный сектор РТ: приоритеты, инвестирования и ожидаемые результаты в рамках госпрограмм// Вестник нац. ун-та – Душанбе: « Сино», 2016.-№2/10(219). -С.151-157.
8. Трушин Ю.В. Повышать роль кредитных организаций в развитии инвестиционных процессов в сфере АПК // Деньги и кредит. - N 6. М.: 2006. -230с
9. Чернов А.В. Стратегия развития инвестиционной деятельности предприятий АПК региона. Диссертация на соискание ученой степени кандидата экономических наук. Воронеж, 2007. - 198 с.
10. Шпак А Роль инвестиционной деятельности в развитии сельского хозяйства. //Российский журнал.- 1998.-№12. М.: 138 с.


## ИНВЕСТИЦИИ В РАЦИОНАЛЬНОЕ ИСПОЛЬЗОВАНИЕ И УСТОЙЧИВОСТЬ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННЫХ ЗЕМЕЛЬ

***Комилов Н. Б., Махмудова Ш.Х.***

В этой статье исследуются наиболее важные аспекты инвестирования в устойчивое использование сельскохозяйственных земель. Автором статьи проанализировань значение инвестиций в рациональное использование земель сельскохозяйственного назначения, роль и управление инвестиционными процессами на примере предприятий и фермерских хозяйств, проблемы управления инвестиционными потоками в сельском хозяйстве и предприятиях агропромышленного комплекса, использование проектов капитальных вложений , инвестиционные проекты в Кулябского региона проанализирована автором статьи. В то же время автор анализирует состояние реализации инвестиционных проектов и партнеров по развитию в сфере землепользования в Кулябском регионе и предлагает некоторые важные

моменты для улучшения ситуации с иностранными инвестициями из опыта зарубежных стран. В целом научно обоснованы важнейшие моменты инвестирования в использование земельных ресурсов и механизм реализации инвестиционных проектов в агропромышленном комплексе, исследователем выявлены проблемы отрасли и улучшен инвестиционный климат в регионе.

**Ключевые слова:** землепользование, земельные ресурсы, инвестиции, инвестиции в сельское хозяйство, устойчивое экономическое развитие, привлечение инвестиций, реализация инвестиционных проектов, земли Кулябского региона.

## INVESTING IN THE RATIONAL USE AND SUSTAINABILITY OF AGRICULTURAL LAND

***Komilov N. B., Mahmudova Sh.H.***

This article explores the most important aspects of investing in the sustainable use of agricultural land. The importance of investments in the rational use of agricultural land, the role and management of investment processes on the example of enterprises and farms, the problems of managing investment flows in agriculture and enterprises of the agro-industrial complex, the use of capital investment projects, investment projects in the Kulyab region are analyzed by the author of the article. At the same time, the author analyzes the state of implementation of investment projects and development partners in the field of land use in the Kulob region and suggests some important points for improving the situation with foreign investments from the experience of foreign countries. In general, the most important aspects of investing in the use of land resources and the mechanism for implementing investment projects in the agro-industrial complex have been scientifically substantiated, the researcher identified the problems of the industry and improved the investment climate in the region.

**Key words:** land use, land resources, investments, investments in agriculture, sustainable economic development, attraction of investments, implementation of investment projects, lands of the Kulyab region.

**Маълумот дар бораи муаллиф:**

**Комилов Низомиддин Бегахмадович -** номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ 735360, Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, С.Сафаров 16 ,Тел.: (+992 ) 918579290 e—mail: nizomiddin.komilov@mail.ru;

**Маҳмудова Шаҳодат Ҳаитбаевна** – н.и.и., ходими пешбари Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ. Тел: 93 592 92 11.

**УДК 338.24**

# ТАЛАБОТ БА ФОНДҲОИ АСОСИИ ИСТЕҲСОЛӢ ДАР КИШОВАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Муслиҳиддини Т. Б., Каримова У. Р., Исматзода С. С.***

**Аннотатсия:** Дар мақолаи мазкур оид ба моҳияти талаботи меъёрӣ ба техникаи кишоварзӣ барои солҳои 2019, 2020, дар корхонаҳои кишоварзӣ, хусусият ва аҳамияти калони онҳо дар иштироки такрористеҳсолии кишоварзӣ ва омилҳои асосии муайянкардани

онҳо дарҷ гардидааст.

**Калимаҳаи калидӣ:** комбайнҳ, кишовазӣ, фондҳои асосӣ, такрористеҳсол, агрегат, маҳсулот, комбайнҳои ғалладарав, такрористеҳсоли оддӣ ва ғайра.

Баланд бардоштани самаранокии воситаҳои асосии истеҳсолоти кишоварзӣ асосан тавассути такрористеҳсоли мақсаднок ва истифодаи оқилонаи заминаи моддию техникии соҳаи кишоварзӣ, мутамарказгардонии сармоягузорӣ дар соҳаҳои афзалиятнок метавонад ба даст оварда шавад, ки азхудкунии, ба саривақт таъмин намудани тағйиротҳои оқилонаи сохторӣ дар таркиби иқтидори истеҳсолӣ ба афзоиши ҳаҷми истеҳсолот бо дарназардошти сарфаи захираҳо, беҳтар намудани шароити меҳнат ва рафъи ифлосшавии муҳити атроф метавонад имконият диҳад.

Дар шароити ислоҳоти аграрӣ хусусиятҳои ташаккул ва истифодаи воситаҳои асосӣ бо се омили асосӣ муайян карда мешаванд:

- якбора гаронтар шудани захираҳои истеҳсолӣ ва техникӣ;
- бадшавии вазъи молиявии корхонаҳои кишоварзӣ;
- ба таври назаррас коҳиш ёфтани дастгирии давлатии соҳаи кишоварзӣ.

Дар чунин шароит, истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, ки норасоии маблағҳои худро аз сар мегузаронанд, наметавонанд саривақт ва дар ҳаҷми зарурӣ фондҳои асосиро навсозӣ мукамал намоянд, ки ин боиси коҳиш ва фарсудашавии онҳо мегардад.

Ҳалли ин масъалаҳо муносибати илман асоснокро нисбати арзёбии самаранокии ташаккул ва такрористеҳсоли фондҳои асосии молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ талаб мекунад.

Дурнамои такрористеҳсоли фондҳои асосӣ дар бахши аграрии ҷумҳурӣ бо назардошти натиҷаҳои молиявии фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ, манфиатҳои иҷтимоии кормандони онҳо, талаботҳои фарҳанги зироаткорӣ ва экология муайян карда шуда, ба принсипҳои зерин асос ёфтаанд:

- алоқамандии ҳаҷми фондҳои асосӣ бо ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ бо шароити нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл ва коркарди аввалия;
- таъмини ивазкунии саривақтии (меъёрии) воситаҳои асосӣ аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва маънавӣ кӯҳнашуда бо нав;
- баҳисобгирии зарурати афзоиши иқтидори дигар захираҳо, яъне захираҳои меҳнатӣ, замин, биологӣ ва ғайра;
- баланд бардоштани самаранокии истифодаи фондҳои амалкунанда бо роҳи татбиқи технологияҳои захирасарфакунанда ва дигар дастовардҳои пешрафти илмию техникӣ (ПИТ).

Барои ҳисоб кардани талабот дар фондҳои асосӣ параметрҳои пешгӯии

рушди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар сохтори додашуда дар вилоятҳо, инчунин мавҷудияти воситаҳои асосии истеҳсолот барои 01.01.2018 асос ба ҳисоб мераванд. Барои муайян кардани талабот дар фондҳои асосӣ мувофиқати усулҳои гуногун истифода шуданд:

- меъёрию тавозунӣ;
- арзёбии коршиносон;
- усулҳои экстраполятсия (имтидод);
- моделҳои иқтисодӣ ва математикӣ;

Интихоби ин ё он усул бо дараҷаи тафсилоти ҳисобҳо, мавҷудияти маълумоти зарурии ибтидоӣ муайян карда шуд. Аз ҷумла, усули меъёрӣ - тавозунӣ барои муайян кардани эҳтиёҷот ба техникаи кишоварзӣ, усулҳои баҳисобгирии объектҳо барои муайян кардани ҳаҷми сармоягузорӣ ба воситаҳои асосии хоҷагиҳо ва таҳлили омилҳо ва усули арзёбии санҷишӣ барои муайян кардани самтҳои афзалиятноки сармоягузорӣ истифода шуданд.

Равишҳои методологӣ барои муайян кардани талабот ба техникаи кишоварзӣ мебошад, талаботи калонтарин ба техникаи кишоварзӣ дар сатҳи вилоятҳои ҷумҳурӣ дар асоси меъёрҳо ба воситаҳои механиконӣ дар соҳаи истифодаи мошинҳо ва нишондиҳандаҳои дурнамои рушди истеҳсолоти кишоварзӣ муайян карда шудааст. Истеҳсолоти ғалладонагӣ дар ҷумҳурӣ дар минтақаҳои Вахш ва Кӯлоб ҷалб карда шудааст. Зарурати меъёрии техникаи кишоварзӣ дар соли 2019 дар маҷмӯъ ҷумҳурӣ ва вилоятҳо дар ҷадвали 1 нишон дода шудааст.

Дар асоси таъминнокии молиявӣ ва захиравии хоҷагиҳо, талаботи ба ҳисоб гирифташудаи техникаи кишоварзӣ вобаста ба намуди техника 80,0 – 85,0% - и меъёрро ташкил медиҳад.

**Ҷадвали 1.**

**Талаботи меъёрӣ ба техникаи кишоварзӣ барои солхои 2019- 2020, адад**

| Номгӯй | Ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ | Аз ҷумла дар вилоятҳо | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | ВМКБ | Суғд | Хатлон | НТҶ |
| Тракторҳои ҳама тамғаҳо, ҳамагӣ | 27776 | 242 | 8548 | 13155 | 5697 |
| аз ҷумла: шудгоркунанда | 2028 | 21 | 865 | 752 | 385 |
| Комбайнҳои ғалладарав | 1099 | 2 | 418 | 486 | 174 |
| Ядакҳои тракторӣ | 9407 | 109 | 2677 | 3956 | 2643 |
| Испорҳои тракторӣ | 9794 | 160 | 2706 | 4400 | 2476 |
| Култиваторҳо | 3382 | 25 | 1275 | 1765 | 291 |
| Тухмпошакҳо | 2415 | 1 | 960 | 1209 | 211 |
| аз он : пахта | 1943 | - | 755 | 1041 | 119 |
| Достҳои тракторӣ | 1258 | 8 | 337 | 494 | 392 |
| Тойбанду-тагрезчин | 611 | 1 | 259 | 178 | 145 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Комбайнҳо барои ҷамъ-оварии хӯроки чорвоғундор | 161 | - | 95 | 27 | 38 |
| Комбайнҳои ҷуворимаккағундор | 27 | - | 14 | 7 | 5 |
| Мошини картошкачинак | 364 | 4 | 145 | 26 | 167 |
| Мошини картошкашинонак | 152 | - | 22 | 21 | 78 |
| Пахтачинакҳо | 70 | - | 58 | 12 | |
| Алафҷамкунакҳо | 233 | 1 | 77 | 88 | 15 |

**Манбаъ:** Ҳисоби муаллиф аз рӯи маълумоти Раёсати Тоҷикагролизинг, 2020

Ҳангоми муайян кардани талабот ба техникаи кишоварзӣ бояд ба назар гирифта шавад, ки хариди мошини гаронбаҳо мувофиқи мақсад аст, агар:

- бартариҳои намоён ва назаррасро аз нуқтаи назари иҷрои саривақтии кор, сифати он ва осонии меҳнати вазнин таъмин намояд;
- дар муқоиса бо намудҳои мошинҳои дар хоҷагӣ мавҷудбуда сермаҳсултар бошад ва пардохти маблағҳои харҷшударо барои хариди он таъмин намояд.

Усули меъёрӣ ба истифодаи талаботи меъёрӣ мутобиқ ба шаклу андозаҳои воситаҳои асосии техникӣ асос ёфтааст. Ҳамин тавр, мошину дастгоҳҳои самараноки дар истеҳсол санҷидашуда қабул карда шуданд.

Усули меъёрӣ дар асоси содда, дақиқии кофӣ ва хароҷоти ками меҳнат ҳангоми ҳисобкунӣ интихоб карда шуда, маҳз ҳамин бо беҳтарин роҳ ҳангоми ҳисоб кардани талаботи меъёрӣ дар техникӣ дар сатҳи ноҳия, вилоят ва кишвар дар маҷмӯъ беҳтарин мебошад. Барои ҳисоб кардани талаботҳои меъёрӣ дар техника барои хоҷагиҳои алоҳида, сохтани ҷадвали боркунии техника зарур аст.

Иҷрои ҳисобҳои талабот дар техника бо истифода аз коэффитсиентҳои шартӣ ба мо имкон медиҳад, ки сатҳи мавҷудаи таъминоти хоҷагиҳо бо мошинҳои зарурӣ арзёбӣ карда шавад ва муҳимтар аз ҳама, талаботи меъёрӣ ва шумораи техникаи шаклу андозаҳои гуногун, ки бояд барои таъмини оптималии техникии татбиқи тамоми технологияҳои пешрафта ва барои истифодаи минбаъда истифодашуда ва ба нақша гирифташуда муайян карда шаванд.

Хулоса, барои таъмини саривақтии равандҳои истеҳсолӣ дар соҳаи кишоварзӣ бояд парки мошину тракторҳо ба таври назаррас афзоиш дода, зуд - зуд навсозӣ карда, тракторҳо, комбайнҳо ва дигар мошинҳои кишоварзӣ, ки мӯҳлати амортизатсияро ба техникаи бештар комили насли нав аллакай ба итмом расонадаанд, босуръат иваз карда шаванд.

**Адабиёт**

1. Асланов Л. Правовые основы машинно-технологических станций // Экономика сельского хозяйства России. 2011. №6. с.39.
2. Бабаева З. Ш. Основные направления совершенствования механизма амортизации основных средств в современных условиях // Экономические науки. 2007. - № 8. с. 314−319.
3. Мадаминов А.А. Устойчивое развитие аграрного сектора Таджикистана (Состояние и перспективы). – Душанбе, 2006. – 228с
4. Медведев В.В. Особенности учета основных средств в сельском хозяйстве//Бухгалтерский учет. 2000 г.
5. Возмещение основных фондов в условиях интенсификации // В.П. Красовский, Р.З. Акбердин, В.А. Штанский и др. / Под ред. В.П. Красовского и др. М.: Экономика, 1986. - 223 с.
6. Еремеева Т.А. Характеристика основных производственных фондов / Т.А. Еремеева, М.С. Егорова // Молодой ученый. - 2015. - №11.4. - С. 119-121.

## СПРОС НА ОСНОВНЫЕ ФОНДЫ В СЕЛЬСКОМ ХОЗЯЙСТВЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

***Муслиҳиддини Т. Б., Каримова У. Р., Исматзода С. С.***

**Аннотация:** В статье раскрыта сущность методологии формирования основных фондов в сельскохозяйственных предприятиях, их сущность и значение в участии воспроизводства сельского хозяйства.

**Ключевые слова**: кукурузоуборочные комбайны, машинная система, сельское хозяйство, основные фонды.

## DEMAND FOR FIXED ASSETS IN AGRICULTURE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

***Muslihiddini T. B., Karimova U. R., Ismatzoda S. S.***

The article reveals the essence of the methodology for the formation of fixed assets in agricultural enterprises, their essence and significance in the participation of agricultural reproduction. Key words: corn harvesters, machine system, agriculture, fixed assets.

**Маълумот дар бораи муаллифон:**

**Муслиҳиддини Тоҳири Бурҳонзод –** доктор Phd-и Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ;

**Каримова Умеда Раҳматуллоевна** – унвонҷуи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур. Тел: 918 82 40 94.

**Исматзода Суҳроб Сафархон** – ассистенти кафедраи тиҷорат ва менеҷменти Донишгоҳи давлатии Данғара. Тел: 907-67-61.

## ҚОИДАҲО БАРОИ МУАЛЛИФОНИ
## МАҶАЛЛАИ НАЗАРИЯВӢ ВА ИЛМИЮ ИСТЕҲСОЛИИ «Комплекси агросаноатии Тоҷикистон: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунӣ

**Мақолаҳои илмие, ки барои нашр ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд:**

**а) мақолаи илмӣ бояд бо назардошти талаботи муқар рарнамудаи маҷалла омода гардида бошад;**

**б) мақола бояд натиҷаи таҳқиқоти илмӣ бошад;**

**в)мавзӯи мақола бояд ба самти маҷалла мувофиқат намояд.**

**Талабот нисбат ба таҳияи мақолаҳои илмӣ:**

**Матни мақола бояд дар формати Microsoft Word омода гардида, бо ҳуруфи Times New Roman барои матнҳои русию англисӣ ва бо ҳуруфи Times New Roman Tj барои матни тоҷикӣ таҳия гардида, дар матн ҳаҷми ҳарфҳо 14, ҳошияҳо 2,5 см ва фосилаи байни сатрҳо бояд 1,5 мм бошад.**

**Формулаҳо, аломатҳо ва нишонаҳои ҳарфҳои бузургиҳо бояд дар муҳаррири фор мулаи Microsoft Equation ва ѐ Math Type (ҳуруфи 12) ҳуруфчинӣ карда шаванд. Танҳо он формулаҳое, ки ба он истинод оварда шудаанд, рақамгузорӣ карда мешаванд.**

**Нақшаҳо, схемаҳо, диаграммаҳо ва расмҳо бояд рақамгузорӣ карда шаванд ва ин чунин, онҳо бояд номи шарҳдиҳанда дошта бошанд.**

**Ҳаҷми мақола бо формати А4 бо назардошти рӯйхати адабиѐти истифодашуда ва аннотатсияҳо аз 6 то 10 саҳифаро бояд дар бар гирад.**

**Сохтори мақола бояд бо тартиби зерин таҳия гардад:**

**1. Индекси ТДУ барои мақола;**

**2. Номи мақола;**

**3. Насаб ва дар шакли ихтисор ном ва номи падар (намуна: Раҳимов С.Ҳ.);**

**4. Номи муассисае, ки дар он муаллиф (он) кору фаъолият менамояд (янд), нишонии муассиса, шаҳр, кишвар;**

**5. Матни асосии мақола;**

**6. Рӯйхати адабиѐти истифодашуда (на бештар аз 10 номгӯй);**

**7. Номи мақола, аннотатсия ва калидвожаҳо бояд бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ таҳия гарданд;**

**8. Аннотатсия дар ҳаҷми на камтар аз 5-7 сатр ва калидвожаҳо аз 5 то 10 номгӯ бояд таҳия карда шавад.**

**9. Номи мақола, аннотатсия ва калидвожаҳо (агар мақола бо забони тоҷикӣ бошад, аннотатсия ва калидвожаҳо бо забонҳои русӣ ва англисӣ; агар мақола бо забони русӣ бошад, аннотатсия ва калидвожаҳо бо забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ; агар мақола бо забони англисӣ бошад, аннотатсия ва калидвожаҳо бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ таҳия гарданд.**

**Ҳангоми иқтибосоварӣ адабиѐти истифодашуда ва саҳифаи мушаххаси он бояд дар қавси чаҳоркунҷа [ ] нишон дода шавад.**

**Намуна: [4, с.15], яъне адабиѐти №4 ва саҳифаи 15.__**

## ПРАВИЛА ДЛЯ АВТОРОВ
## ТЕОРЕТИЧЕСКОГО И НАУЧНО-ПРАКТИЧЕСКОГО ЖУРНАЛА «АПК» Таджикистана: экономика, организация и управление

**Научные статьи, представленные для публикации в журнале, должны соответствовать следующим требованиям: а) научная статья должна быть подготовлена в соответствии с требованиями, установленными журналом; б) статья должна быть результатом научных исследований; в) тема статьи должна соответствовать одному из научных направлений журнала.**

**Требования к оформлению научных статей:**

**Текст статьи должен быть подготовлен в формате Microsoft Word, шрифтом Times New Roman для русского и английского текста и Times New Roman Tj для таджикского текста, кегль 14, поля 2,5 см со всех сторон, интервал 1,5 мм.**

**Формулы, символы и буквенные обозначения величин должны быть набраны в редакторе формул Microsoft Equation или Math Type (шрифт 12). Нумеруются лишь те формулы, на которые имеются ссылки.**

**Таблицы, схемы, диаграммы и рисунки нужно сгруппировать и пронумеровать, а также, их должны иметь название.**

**Объем статьи (включая аннотацию и список литературы) должен быть в пределах от 6 до 10 страниц в формате А4.**

**Статья должна иметь следующую структуру:**

**1. Индекс УДК на статью можно получить в любой научной библиотеке;**

**2. Название статьи;**

**3. Фамилия и инициалы автора (пример: Рахимов С. Х.);**

**4. Название организации, в которой работает автор (ы) статьи, почтовый адрес организации, город, страна;**

**5. Основной текст статьи;**

**6. Список использованной литературы (не более 10 наименований);**

**7. Название статьи, аннотация и ключевые слова (на таджикском, на русском и английском языках);**

**8. Аннотация оформляется в объеме не менее 5-7 строк, ключевые слова от 5 до 10 слов или словосочетаний;**

**9. Название статьи, аннотация и ключевые слова (если статья на таджикском языке, аннотация и ключевые слова оформляются на русском и английском языках; если статья на русском языке, аннотация и ключевые слова оформляются на таджикском и английском языках; если статья на английском языке, аннотация и ключевые слова оформляются на таджикском и русском языках).**

**При цитировании конкретного материала ссылки указываются в квадратных скобках [ ]. Образец: [4, с.15], т.е., литература №4 и страница 15.**

## RULES FOR THE AUTHORS

**Theoretic and scientific practical magazine "AIC" economics, organization and management**

**Scientific articles submitted for publication in the journal must meet the following requirements: a) the scientific article must be prepared in accordance with the requirements established by the journal; b) the article must be the result of scientific research; c) the topic of the article must correspond to one of the scientific directions of the journal.**

**Requirements for the design of the scientific articles:**

**The text of the article should be prepared in Microsoft Word format, in Times New Roman font for Russian and English text and Times New Roman Tj for Tajik text, size - 14, fields - 2.5 cm from all directions, interval - 1.5. Formulas, symbols and letter designations of quantities must be typed in the formula editor Microsoft Equation or Math Type (font 12).**

**Only those formulas to which there are references are numbered.**

**Tables, diagrams, diagrams and figures must be grouped and numbered, and also, they must have a name.**

**The volume of the article (including annotation and bibliography) should be in the range of 6 to 10 pages of A4 format.**

**The article should have the following structure:**

**1.UDC index per article;**

**2.Title of the article;**

**3.Surname and initials of the author (example: Rahimov S.H.);**

**4.The name of the organization in which the author (s) of the article works, the postal address of the organization, city, country;**

**5.The main text of the article;**

**6.List of used literature (no less than 6 and no more than 7 titles of scientific literature).**

**7.Title of the article, abstract and keywords (up in Tajik, in Russian and English).**

**8.Annotation is drawn up in the amount of at least 5-7 lines, keywords from 5 to 10 words or phrases;**

**9.Title of the article, abstract and keywords (if the article is in Tajik, the abstract and keywords are drawn up in Russian and English; if the article is in Russian, the abstract and keywords are made out in Tajik and English; if the article is in English, abstract and keywords are drawn up in Tajik and Russian).**

**When citing specific material, links are indicated in square brackets []. Sample: [4, p.15], that is, the literature No.4 and page 15.**

# КАС–Тоҷикистон:
## иқтисодиёт, ташкил ва идоракунӣ

# АПК–Таджикистана:
## экономика, организация и управление

# AIC–Tajikistan
## economics, organization and management

# №4(52) 2021

Ба матбаа 27.12.2021 супурда шуд.
Ба чопаш 30.12.2021 имзо шуд.
Андозаи 60х84 1/8. 9 ҷузъи чопӣ.
Чопи офсет. Қоғази офсет.
Адади нашр 100 нусха